# Пешгӯиҳои Таврот
# дар бораи
# Раҳонанда
# ва иҷрои онҳо
# дар омадани
# Исои Масеҳ

**Р. Либӣ**

# МУҚАДДИМА

Пеш аз он ки дақиқ ба пешгӯиҳои масеҳӣ машғул шавем, лозим аст, ки дар ҷамъ пайдоиш ва ривояти Паймони Куҳанро аз назар гузаронем.

Навиштани Паймони Куҳан ба забонҳои ибрӣ ва арамӣ муддати тақрибан ҳазор солро (яъне аз замони Мусо, соли 1560 пеш аз милод, то замони Малокии набӣ, соли 420 пеш аз милод) дар бар мегирад.

Бо хониши Паймони Куҳан бисёр вакт хоҳиши сахти омадани Раҳонанда, Масеҳ, ки масъалаҳои асосии инсонро ҳал карда адолати абадиро ба миён хоҳад овард, ба қайд гирифта мешавад. Паймони Куҳан ин Масеҳи ваъдашударо дар нозукиҳои хурдтарин тасвир медиҳад. Тааҷҷубовар аст, ки аз як тараф порчаҳои зиёд дар бораи *Масеҳи азобдида,* нафратзадаи халқи худ, рондашуда ва бераҳмона ба қатл расонидашуда – ба марге ки мебоист аз барои гуноҳони бисёриҳо дучораш мешуд, накл мекунанд. Аз тарафи дигар, Паймони Куҳан *Масеҳи пирӯзро* тасвир мекунад, ки ҳангоми омаданаш подшоҳии пурҷалоли осоиштагиро дар рӯи замин барпо хоҳад кард. Дар сурати диққат додан ба он ки ин порчаҳо зоҳиршавии Масеҳро дар ду лаҳзаи ҷудогона тасвир медиҳанд, ин парадокси* зоҳирӣ осон фаҳмида мешавад,.

Пешгӯиҳо дар бораи *Масеҳи пирӯз* ҳанӯз дар интизори иҷрои худ мебошанд; вале пешгӯиҳои *Масеҳи азобдида*, баръакс, дар гузашта пурра иҷро шудаанд. Сухан дар бораи беш аз 330 пешгӯии ба таври ғайриоддӣ дақиқ ва аз ҳам фаркдошта меравад. Дар ин мутолиа мо кӯшиш хоҳем кард, ки ҳарф ба ҳарф анҷом ёфтани ин пешгӯиҳоро дар шахсияти Исои Масеҳи Носирӣ нишон диҳем. Пеш аз ин, ҳамзамон, муҳим аст тасдиқ намоем, ки бардурӯғ ё дар замони  дертар

* фикре ки бо ақидаҳои маъмулӣ мувофиқат намекунад.

илова шудани ин навиштаҷоти Паймони Куҳан ғайримумкин аст.

Дар соли 1947 ва солҳои баъдӣ дар Қумрон, дар соҳили баҳри Мурда, дастнависҳои Навиштаи Покро ёфтанд, ки дар тамоми олам ҳангома карда буданд. Ин дастнависҳо, ки қисман ба замони пеш аз масеҳият санагузорӣ шуда буданд, тамоми китобҳои Паймони Куҳанро, ба истиснои китоби Эстер, дар бар мегирифтанд.

Дар байни инҳо лӯлапечи мукаммали китоби Ишаъёи набӣ дорои аҳамияти махсус мебошад, чунки он қисми зиёди пешгӯиҳои масеҳиёнаро дар бар мегирад. Матн ба забони ибрӣ бар рӯи пергаменти пӯсти буз навишта шудааст. Ин лӯлапечи аз 17 порчаи пӯст сохташуда 7,34 метр дарозӣ ва 26 сантиметр бар дорад. Ҳолати нигоҳ дошта шуданаш фавқулодда буда, ин кашфиётро воқеаи ҳангомавӣ гардондааст.

Олим Андре Ламорт дар бораи синни ин лӯлапеч менависад: "Имрӯз қатъиян маълум карда шудааст, ки лӯлапечи мукаммали китоби Ишаъёи набӣ пеш аз милод нусхабардорӣ шудааст. Назарҳои экспертҳо (мутахасисони) аз ҳамдигар кам фарқ мекунанд: онҳо китобро ба ибтидои асри аввал ва охири асри дуи баъд аз милод нисбат медиҳанд"[1].

Азбаски тамоми пешгӯиҳои масеҳиёнаи китоби Ишаъё дар ин лӯлапеч мавқеъ доранд, асл будани инҳоро зери шубҳа қарор додан тамоман ғайримумкин аст.

Имрӯз ин лӯлапеч моликияти давлати Исроил аст. Онро дар андозаи аслӣ сурат гирифта, комилан ба табъ расонидаанд. Инчунин тамоми шавқмандон метавонанд дар ин бора аз китоби "Scrolls of Qumran Cave I"[2] маълумот гиранд.

Аслӣ будани пешгӯиҳои масеҳиёнаи Паймони Куҳан ба воситаи дастнависҳои баҳри Мурда исбот шуда метавонад. Дар китоби худ "Китобхонаи қадимии Қумрон ва илми Навиштаи Пок" Франк Мур Крос менависад, ки кашфи дастнависҳои Қумрон исбот мекунад, ки ҳеҷ яке аз китобҳои пайғамбарӣ (бе зикри Панҷкитоб) дар замони пеш аз оғози асри дуввуми пеш аз милод навишта нашудааст[3].

Китобҳои Еҳушаъ ибни Нун, Доварон, 1,2,3 ва 4Подшоҳон нахустин гурӯҳи китобҳои пешгӯиро ташкил медиҳанд; китобҳои Ишаъё, Ирмиё, Ҳизқиёл, Ҳушаъ, Юил, Омӯс, Убадё, Юнус, Мико, Наҳум, Ҳабаққуқ, Сафанё, Ҳаҷҷай, Закарё ва Малокӣ ба гурӯҳи дуввум мансубанд. Олимони яҳудӣ китоби Дониёлро дар қатори "навиштаҳои ғайр" ҷой медиҳанд. Панҷкитоб китобҳои Ҳастӣ, Хуруҷ, Ибодат, Ададҳо ва Такрори шариатро дар бар мегирад. Инчунин, маълум мешавад, ки ҳар яке аз ин китобҳо дар замони пеш аз милод навишта шудаанд.

Чуноне ки дертар порчаҳои зиёди таронаҳои Забур оварда хоҳанд шуд, низ муҳим аст, ки бар кашфи Китоби Забур аз асри дуюми пеш аз милод ишора кунем[4].

Қисматҳои зиёди китоби Дониёли набӣ дарёфт шудаанд. Палеография* имкон дод, ки дастанависи дарёфтшударо, ки дар мағораи IV-уми Қумрон ба даст оварда шуда буд, ба охири асри дуюми пеш аз милод санагузорӣ кунанд[5].

Кашфиёти ин ҳама дастнависҳо аслӣ будани пешгӯиҳои масеҳиёнаро исбот месозад. Вале чизи дигаре ҳам вуҷуд дорад: сухан дар бораи тарҷумаи Паймони Куҳани дар Искандария анҷомёфта меравад. Дар соли 258-и пеш аз милод подшоҳ Птолемей Филаделф тарҷумаи юнонии тамоми Паймони Куҳанро фармоиш дода буд. Тибқи маъмул, 72 олими яҳудӣ дар анҷоми ин тарҷума, ки ба номи "Септуагинта" ё Ҳафтода ёд карда мешавад, ҳамкорӣ намудаанд.

Яҳудие ба номи Аристобул дар оғози асри 2-и пеш аз милод навишт, ки тарҷумаи юнонии шариат таҳти салтанати Птолемей Филаделф анҷом ёфта буд[6]. Калимаи шариат одатан барои Панҷкитоб ба кор бурда мешавад, аммо он метавонад низ ба мафҳуми тамоми Паймони Навин истифода бурда шавад[7]. Мувофиқи шаҳодати Аристобул имкон дорад, ки ин тарҷума аллакай дар охири асри 3-и пеш аз милод анҷом ёфта бошад. Ба ҳар ҳол он пеш аз соли 130-и пеш аз милод ба охир расида буд, чунки пешгуфтори китоби

* илми таърихи хат ва осори хаттии қадим

Еҳушаъи Сирох, ки дар он замон навишта шуда буд, ба мо мегӯяд, ки Ҳафтода аллакай ба итмом расонида шуда буд. Инак он чи мо дар он мехонем: "Азбаски чизҳое ки дар забони ибрӣ дар ин китоб гуфта шудаанд, вақте ки ба дигар забонҳо тарҷума мешаванд, арзиши бо ҳам баробар надоранд, пас на фақат ин нашр, балки низ Шариат, Анбиё ва китобҳои дигари дар қисмати матни дохили инҳо буда ихтилофоти назаррасро нишон медиҳанд"[8]. Ибораи "Шариат, Анбиё ва китобҳои ғайра"- ро ҳангоми таъкид кардан бар ҷамъи Паймони Куҳан истифода мебаранд. Нусхаҳои ин тарҷумаи Александриягӣ то имрӯз мавҷуданд. Пас, азбаски тарҷумаи юнонии Паймони Куҳан дертар, дар асри 2-и пеш аз милод ба итмом расонида шуда буд, чӣ тавр пешгӯиҳои масеҳиёнаро, ки ба инҳо дохил шуда буданд, сохтакорӣ ҳисоб кардан мумкин аст?

Мо барои исбот кардани анҷом ёфтани пайғамбариҳои масеҳиёна як тӯда сарчашмаҳои таърихиро дар ихтиёр дорем, бахусус ононе ки ба қалами таърихшинос Юсуф Флавиус (37 - 100 баъд аз милод), чунки дар ду асари ӯ: "Ҷанги яҳудиён" ва "Қадимоти яҳудӣ", истинодҳои сершумори таърихи яҳудии байни солҳои 175-и пеш аз милод ва 70-и баъд аз он вуҷуд доранд.

Низ шаҳодатҳои Тасит (55 - 118-и баъд аз милод), Таллус (тақрибан соли 52), Тертуллиан (асри 2), Қассиус Дио (2-юм то 3-юм аср), Юлиус Африканус (асри 3-юм) ва Талмуди бобулиро дар назар бояд гирифт.

Бе ягон шубҳа, ҷои аввалро ба ҳикояҳои Паймони Навин бояд дод. Тибқи Курт Алан, сардори Донишгоҳи Омӯзиши Матнҳои Паймони Навин дар шаҳри Мюнстери Олмон, Паймони Навин дар шакли тақрибан 5300 ҷилд дастнавис ба мо расидааст[9]. Беш аз 9000 дастнависи тарҷумаҳои қадим ва даҳҳо ҳазор иқтибосоти Падарони Калисо ба он илова мегардад. Ин матнҳо баёни амини матни Паймони Навинро кафолат медиҳанд. Байни нусхаи аслӣ ва нусхаи қадимтарине ки дар ихтиёри мост, хеле вақт (байни 30 то 250 сол) гузаштааст (Барои адабиёти классикии юнону лотин бошад ин муддат дар байни 900 то 1300 сол мебошад. Бо вуҷуди ин касеро фикре наомад, то аслӣ будани инҳоро санҷиш намояд,

гарчи инҳо танҳо бар як ҷилди матнҳои бениҳоят хурд такя мекунанд).

Инҷилҳои Матто, Маркӯс ва Луқо пеш аз вайроншавии Уршалим (соли 70 баъд аз милод) тартиб дода шудаанд. Онҳо зуд паҳн шуданд. Фарқ байни воқеаҳои таърихӣ ва матни инҷилҳо барои яҳудиён силоҳи задани бовари масеҳӣ шуданд. Аммо азбаски ҳақиқатҳои зикршудаи инҷилҳо наметавонистанд рад карда шаванд, ҷанги зидди масеҳиёни аввал бештар ба уқубатҳои ҷисмонӣ маҳдуд шуда буд. Бар илова, масеҳӣ шудани чунин роҳбарони яҳуд мисли Ниқӯдимус (аъзои Шӯрои Олӣ), Шоули Тарсусӣ (шогирди раббунии маъруф Ҷамлиил), ё Апӯллус (муаллими шариат, зодаи шаҳри Искандария) ғайримумкин мебуд, агар худи инҳо дар ҷустуҷӯи тасдиқ кардани боварашон аз воқеаҳои бардурӯғи таърихӣ, бемаънӣ ва масхаракунанда ёрӣ мегирифтанд.

Тамоми матнҳои Паймони Навин дар байни солҳои 32 ва 96-и баъд аз милод тартиб дода шудаанд. Ин ягона ҳақиқат аллакай кафили аслӣ будани инҳо мебошад.

Яке аз далелҳои бештар бар зидди пешгӯиҳои масеҳиёна ва анҷоми инҳо ба кор бурдашуда – далели тасодуфӣ будан аст. Агар касе инро ба асос гирифтанист, ин далелро бо ёрии ҳисоботи эҳтимолиятҳо ба осонӣ рад кардан мумкин аст. Дар сурати тахмин кардани эҳтимолияти 1 бар 2 барои иҷрошавии тасодуфии як пешгӯӣ (дар воқеъ он хеле камтар аз ин аст), барои ҷамъи 50 пешгӯӣ, эҳтимолияти 1 бар 1 125 000 000 000 000-ро ба даст метавон овард. Фаромӯш накунем, ки сухан на дар бораи 50, балки беш аз 330 пешгӯии масеҳиёна меравад, ки иҷро шудаанд. Барои ин 330 иҷрошавиҳо, эҳтимолияти 1 бар 2,187 х $10^{99}$(!)-ро ба даст метавон овард. Ин адад нишон медиҳад, ки анҷом ёфтани пешгӯиҳои масеҳиёна, ба ҳеҷ ваҷҳ, наметавонад самараи тасодуф бошад[10].

Дар поёни ин муқаддима бар якчанд нуқтаҳои асосгузор дар қисмати пешгӯиҳои масеҳиёна дар Навиштаи Пок таъкид бояд кард:

1. Пешгӯиҳои масеҳиёнаро на танҳо дар худи китобҳои пешгӯӣ меёбем, балки дар Панҷкитоб ва дигар навиштаҳои Паймони Куҳан низ.
2. Се навъ пешгӯиҳоро бояд фарқ кунонд:
   а) пешгӯиҳое ки дар инҳо Худо дар бораи Масеҳи худ мегӯяд,
   б) пешгӯиҳое ки дар инҳо инсонҳо Масеҳро ёдовар мекунанд,
   в) пешгӯиҳое ки дар онҳо Худи Масеҳ дар бораи Худ баён мекунад

3. Пешгӯиҳои зиёди Паймони Навин на дар замони оянда, балки дар замони гузашта навишта шудаанд, то бар эътимоднокии анҷом ёфтани инҳо таъкид намоянд. Ин ҷо сухан дар бораи "замони пайғамбарӣ" – истилоҳи техникии грамматикаи ибрӣ меравад.

4. Дар ҳамон як порча *Масеҳи азозбдида* якҷоя бо *Масеҳи пирӯз* метавонад ёд карда шавад.

5. ЙЕҲӮВА, Худои Навиштаи Пок, муаллифи пешгӯии масеҳиёна мебошад. Номаш чунин маъно дорад: Ҳамон, ки тағйир намеёбад (Лоятағайир), *Худои Ҷовид*. Он доим ба *Ҳамон ки ҳаст*, дар маънои комили он ишора мекунад. Ӯ аз гузашта то ҳозира мутеи тағйирот нашудааст, ва дар оянда низ нахоҳад шуд. Барои ҳамин, дар дониши пешакии Худ, Ӯ ба анбиёи Худ чизҳоеро, ки бояд ба вуқӯъ пайванданд, бехато эълон кардан тавонист.

   Пешгӯии масеҳиёна ба ҳеҷ сурат озодии инсонро, на ҷавобгариеро, ки ба он вобаста мебошад, рад намекунад, чунки Худо онро пешакӣ қисмат надода, балки фақат *пешакӣ шинохтааст*. Барои ҳамин Навиштаи Пок дар бораи "пешбинӣ"-и Худо (1Петрус 1:2 ва Румиён 8:29), яъне шинохти пешакии Ӯ гап мезанад.

6. Паймони Навин муайян мекунад, ки пешгӯии масеҳиёна имкони нишон додани Масеҳи эълоншуда будани Исои Носириро медиҳад. Дар Аъмол 9:22 дар бораи Павлус, ва

дар Аъмол 18:28 дар бораи Апӯллӯс гуфта мешавад, ки барои далеловарӣ ба нафъи боварии масеҳӣ пеши яҳудиён аз ин тариқ истифода бурдаанд.  Дар мавқеи аввал, матни аслии Паймони Навин  истилоҳи “symbibazo”, ва дар мавқеи дуввум “deiknymi” истифода бурда шудааст. “Symbibazo” бар асоси исботҳои зиёди ҷамъовардашуда, ба воситаи дедуксияи* мантиқӣ ба далел ишорат мекунад. “Deiknymi” ба намоиши равшани исботҳо ишорат мекунад.

Онро ҳаргиз ба таври кофӣ такрор нахоҳем кард: ҳеҷ як дини берун аз масеҳияти Навиштаи Пок чунин борикиҳои далелҳоро намешиносад.

* усули мулоҳиза, ки мувофиқи он аз нуқтаҳои кулл ба ҷузъ меоянд

# Боби як

# ЛАҲЗАИ ОМАДАНИ МАСЕҲ

## 1. Ҳафтаҳо (ҳафтсолаҳо) дар пешгӯии Дониёл

Боби 9-уми Дониёли набӣ барои пешгӯии Навиштаи Пок дорои аҳамияти азим мебошад. Он лаҳзаи муайяни чун амир омадани Масеҳро нишон медиҳад.

**Маънои калимаи "ҳафта (ҳафтсола)"**

Маънои истилоҳи ибрии "*shavu'a*" "*силсилаи ҳафт*" ё "*ҷамъбасти ҳафт*" аст.

Дар матни Дониёл 9 ин калимаи "shavua", ки бар ҳафтаи ҳафт рӯз низ ишорат мекунад, танҳо ба маънои "силсилаи ҳафт сол" буда метавонад.

Исроилии Паймони Куҳан одати дар ҳафтаҳо ҳисоб кардани солҳоро дошт, ки ҳангоми он як рӯз баробар ба як сол буд. Аллакай дар шариати Мусо халқи Исроил вазифадор буданд, ки даврони ҳафтро ҳурмат доранд: ҳар соли ҳафтум замин мебоист барои дамгирӣ гузошта мешуд, ва баъди ҳар ҳафт ҳафтсола Худо аз онҳо мехост ки ҷашн гиранд (Ибодат 25:1-7, 8-13).

**Мавқеи таърихӣ**

Дар соли 605 то 581 пеш аз милод, подшоҳ Набукаднесар яҳудиёнро ба Бобил кӯчонид. Уршалим, шаҳри боҳашамат, вайрон гардид; хонаи Худо ва низ қасрҳо шикаста сӯзонда шуданд (2Вақоеънома 36). Дурӣ аз ватан ҳафтод сол давом кард, тавре ки Ирмиё инро пешгӯӣ карда

буд (Ирмиё 25:11,12). Дониёл, ки дар байни асиршудагон буд, дар ин муддат пайғамбарӣ карда буд.

**Қарорномаи дубора обод гардондани Уршалим**

Мувофиқи ояти аввали боби 9 мо мебинем, ки пешгӯӣ дар бораи Масеҳ соли 538 пеш аз милод ба забон ронда шуда буд (соли аввали подшоҳии Дорёвеш, подшоҳи Мод ва Форс, писари Аҳашверуш) дар замоне ки Уршалим хокистар гашта буд. Дар оятҳои 25 ва 26 мехонем:

"*Пас бидон ва бифаҳм, ки аз вақти баромадани калом дар бораи аз нав барқарор ва бино кардани Уршалим то вақти Масеҳи Раис ҳафт ҳафтсола хоҳад гузашт; ва шасту ду ҳафтсола кӯчаҳо ва хандақҳо аз нав барқарор ва бино хоҳад шуд, ва ин дар замонҳои тангӣ хоҳад буд. Ва баъд аз шасту ду ҳафтсола Масеҳ талаф хоҳад шуд, ва нахоҳад буд; ва қавми раиси оянда шаҳр ва покгоҳро хароб хоҳад кард*".

Барои баровардани борикиҳо аз ин иқтибоси Дониёл, мо матни ибриеро дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ калима ба калима пайравӣ хоҳем кард:

| | |
|---|---|
| vetèda' | ва бидон |
| vetaskèl | ва бифаҳм |
| min | аз вақти |
| motsâ | баромади |
| dâvâr | сухан |
| lehâshiv | барои аз нав барқароркунӣ |
| velivnoth | ва барои бинои |
| yerushâlaïm | Уршалим |
| 'ad | то ба |
| mâshiakh | Масеҳ |
| nagid | раис, амир |
| shavu'im | мебошанд ҳафтаҳо |
| shiv'âh | ҳафтто |
| veshavu'im | ва ҳафтаҳо |
| shishim | шаст |
| oushnaïm. | ва ду. |
| tâshuv | Аз нав барқарор |
| venivnethah | ва бино хоҳад шуд |

| | |
|---|---|
| rekhov | кӯчаҳо |
| vekhâruts | хандақ |
| uvetsok | ва (ин) дар тангӣ |
| hâ'ittim. | замонҳо. |
| veäkharè | Ва баъд аз |
| hashâvu'im | ҳафтаҳо |
| shishim | шаст |
| oushnaïm | ва ду |
| yikârèth | нобуд карда хоҳад шуд |
| mashiakh | Масеҳ |
| ve'èn | ва ҳеҷ чиз |
| lo. | барои ӯ (ва ӯро чизе нахоҳад буд). |
| vehâ'ir | Ва шаҳр |
| vehakodésh | ва ҷои пок |
| yashkhith | вайрон хоҳад шуд |
| am | халқи |
| nagid | амир, раис |
| habâ | ки хоҳад омад. |

*Аз вақти* ба забон ронда шудани ҳукм дар бораи дубора барпо сохтани шаҳр *то замони* ҳамчун амир (ё раис) омадани Масеҳ бояд 69 ҳафта мегузашт.

Боби 2-и китоби Наҳемё шароитеро ба мо нишон медиҳад, ки ба эълони ин хукм, ки барои таърихи халқи Исроил дорои аҳамияти бузургтарин буд, ҳамроҳ буданд:

*"Ва дар моҳи нисон, дар соли бистуми подшоҳ Артаҳшасто, воқеъ шуд, ки пеши ӯ шароб буд, ва ман шаробро гирифта, ба подшоҳ додам, ва пеш аз ин дар ҳузури ӯ ғамгин набудам. Вале подшоҳ ба ман гуфт: "Чаро чеҳраат ғамгин аст, ва ҳол он ки ту бемор нестӣ? Магар ки андешаи баде дар дил дорӣ!" Ва ман хеле сахт тарсидам, ва ба подшоҳ гуфтам: "Бигзор подшоҳ то абад зинда бод! Чаро чеҳраи ман ғамгин набошад, дар сурате ки шаҳри қабристони падаронам харобазор гардидааст, ва дарвозаҳояш ба оташ сӯхтааст". Ва подшоҳ ба ман гуфт: "Пас ту чӣ металабӣ?" Ва ман ба Худои осмон дуо хондам, ва ба подшоҳ гуфтам: "Агар ба подшоҳ мақбул афтад, ва*

*агар бандаи ту дар ҳузури ту илтифот ёбад, маро ба Яҳудия, ба шаҳри қабрҳои падаронам бифирист, ки онро бино намоям“. Ва подшоҳ ба ман гуфт, дар сурате ки малика дар паҳлӯяш нишаста буд: “Сафари ту то кай тӯл хоҳад кашид, ва кай хоҳӣ баргашт?” Ва подшоҳ салоҳ донист, ки маро бифиристад, ҳамин ки мӯҳлатро ба ӯ фаҳмондам. Ва ба подшоҳ гуфтам: “Агар ба подшоҳ мақбул афтад, бигзор ба ман номаҳо барои волиёни Мовароуннаҳр навишта диҳанд, то ки онҳо маро гусел намоянд то даме ки ба Яҳудия бирасам, ва номае барои Ософ, ки нозири ҷангалҳои подшоҳ аст, то ки вай ба ман барои дарвозаҳои қалъаи назди маъбад, ва барои ҳисори шаҳр, ва барои хонае ки ман дар он маскан хоҳам гирифт, чӯбу тахта бидиҳад”. Ва подшоҳ бар тибқи дасти некӯи Худои ман, ки бар ман буд, ин чизҳоро ба ман дод” (Наҳемё 2:1-8).*

Ояти аввали ин боб таърихи ҳукмномаеро, ки бозсозиро мефармояд, муайян мекунад: “дар моҳи нисон, дар соли бистуми подшоҳ Артаҳшасто (Артаҳшастои I, ки Дастдарозаш меномиданд)”. Ин подшоҳ аз соли 465 то 423-и пеш аз милод салтанат меронд. Пас соли бистуми салтанаташ ба соли 445-и пеш аз милод баробар аст. Моҳи нисон, тибқи солнома, тақрибан ба март-апрел мувофиқ мебошад[11].

Барои исроилии Паймони Куҳан порчаи Дониёл 9 дорои пайғоми зерин аст: Аз вақти эълони ҳукме, ки бозсозии Уршалимро қонунӣ мегардонад (март-апрели соли 445 пеш аз милод) то ҳамчун амир омадани Масеҳ 483 солро мебоист шумурд. Пас гап дар бораи санаи дақиқест, ки Масеҳ ҳамчун амир ба Исроил намоиш дода шуд (зеро дар Дониёл 9:25 ин ҳақиқат таъкид карда мешавад). Мо акнун рӯзи таърихии аниқро таҳқиқ менамоем.

## Санаи ворид шудани Масеҳ ба Уршалим

Вақте ки Исо вориди Уршалим шуд, халқи яҳуд Ӯро ҳамчун подшоҳ ва Масеҳ эълон карданд. Ӯ хидмати оммавияшро “дар соли понздаҳуми ҳукмронии қайсар Тибариюс” (Луқо 3:1) оғоз намуд. Ин қайсар аз соли 14 то 37-и баъд аз милод бар сари қудрат буд. Пас соли понздаҳуми ҳукмронии ӯ соли 29 баъд аз милод буд. Фаъолияти

ҷамъиятии Исо зиёда аз се сол давом кард. Юҳанно 2:13; 6:4; 11:55 ёдовар мешавад, ки Ӯ дар се иди фисҳ иштирок карда буд. Ҳамчунин дар Луқо 13:7 омадааст, ки Исо Худаш бар хидмати сесолаи Худ ишора мекунад.

Дар Юҳанно 12:1 мо мехонем, ки Исо шаш рӯз пеш аз фисҳи яҳудиён ба Байти-Ҳинӣ омадааст. Ин дар соли 32-и баъд аз милод буд. Фардои он Ӯ вориди Уршалим шуда, ҳамчун подшоҳ эълон карда шуд. Оятҳои 12 то 15 инро ба мо ёдрас мекунанд. Рӯзи панҷуми пеш аз фисҳи яҳудиён ба моҳи нисони соли 32-и баъд аз милод мувофиқ буд (фисҳро доим дар моҳи нисон қайд мекарданд). Инчунин мо оғоз ва хатми 69 ҳафтаро, ки 445-и пеш аз милод (март-апрел) ва 32-и баъд аз милод (март-апрел) мебошад, муайян кардем.

## Муддати 69 ҳафта (ҳафтсола)

Соли пайғамбарӣ дар Навиштаи Пок 360 рӯз[12] давом мекунад. (Дар ин бора Ваҳй 11:3-ро бо Ваҳй 12:14 муқоиса кунед, ки дар инҳо севуним сол ба 1260 рӯз баробар мебошад.)* 69 ҳафтаи солӣ 173 880 рӯзро (69 х 7 х 360) дар бар мегиранд. Ин муддати зиёди вақт мебоист байни санаҳои дар боло зикршуда қарор мегирифт. Дар акси ҳол мо ба ҳақиқати бисёр вақт сарфи назаршуда рӯ ба рӯ мешавем, ки бар хилофи ситорашиносӣ, дар таърих соли 0 шинохта нашудааст (байни соли 1-и пеш аз милод ва соли 1-и баъд аз милод танҳо як сол қарор дорад), мо мушоҳида мекунем, ки дар миёни соли 445-и пеш аз милод ва соли 32 баъд аз милод расо 173 880 рӯзи Дониёл 9 анҷом ёфтаанд.

## Хулоса

Пешгӯии Дониёл 9 аниқ ба иҷро расид. Ва сухан фақат дар бораи *яке* аз 330 пешгӯӣ меравад! Равшан аст, ки чунин нозукӣ ба ҳайрат меоварад. Аммо ба иштибоҳи неоплатонист* Порфир (300-и баъд аз милод) гирифтор нашавем, ки дар китоби дувоздаҳуми худ зидди масеҳиён

* хулоса мегардад, ки сол 360 рӯзро дар бар мегирад.

* ҷараёни идеалистии фалсафӣ, ки аз таълимоти файласуфи Юнони Қадим Афлотун ибтидо мегирад.

даъво дорад, ки боби 11 Дониёл як дурӯғе мебошад. Далели ӯ бар он асос ёфтааст, ки ин фасл дорои пешгӯиҳои беҳад дақиқ мебошад!

## Тасдиқи таърихии пешгӯиҳои Навиштаи Пок

Шакк дар бораи пешгӯии боби 9-и Дониёл наметавонад бар санаи омадани Исо ба Исроил робита дошта бошад, чунки худи порча, чуноне ки санаи баромадани ҳукми қонунӣ гардондани бозсозии Уршалим низ, наметавонанд рад карда шаванд. Онҳо бо кашфиёти Қумрон ва тарҷумаи Ҳафтода собит карда шудаанд. Ҳамзамон сарчашмаҳои бисёре ба ғайр аз Навиштаи Пок тасдиқ мекунанд, ки Исо дар замони қайсар Тибариюс ва ҳокими румӣ Пилотус (соли 26 - 36-и баъд аз милод зиндагӣ мекард ва мурд. Тасит, таърихшиноси бузурги Рум дар “Анналҳо” (XV,44) навиштааст: “… одамоне ки мардум онҳоро масеҳӣ меноманд. Ин ном аз Масеҳ, шахсе ки ҳоким Пилотус ӯро дар замони ҳукмронии Тибариюс ба қатл расонид, сарчашма гирифтааст”[13].

Юсуф Флавиюс низ дар асари худ ба номи “Қадимоти яҳудӣ” (XVIII, 3.3) навиштааст: “Дар ин замон Исо, марди ҳаким, ба миён омад… Ва баъд аз он ки Пилотус Ӯро ба марг маҳкум кард, ва ин аз исроркориҳои роҳбарони худамон буд…”[14].

Ва Тертуллиан дар “Апология”-и худ (5:2) мегӯяд: “Пас, Тибариюс, ки таҳти фармонравоии ӯ ба истифодаи номи масеҳиён оғоз карда буданд…”[15].

Ин шаҳодот исбот мекунанд, ки Масеҳ дар байни соли 26 ва 36-и баъд аз милод ба миён омад. 69 ҳафта (ҳафтсола) муддати дери байни соли 445-и пеш аз милод ва 26-36-и баъд аз милодро пур мекунанд. Ҳатто агар фарз кунем, ки ягон ноаниқӣ дар ин санаҳое ки мо аз адабиёти таърихӣ овардаем, вуҷуд дорад, маълум аст, ки 69 ҳафта (ҳафтсола) бар муддати байни подшоҳии Артаҳшасто то ҳукмфармоии Тибариюс паҳн мегардад. Пешгӯии Дониёл 9 иҷро шуд!

**Иловаҳо**

*Тақсимот бар ҳафтаҳо (ҳафтсолаҳо)*

Низ муҳим аст, то шарҳ диҳем, ки чаро 69 гурӯҳи 7 ва гурӯҳи 63-ро ташкил медиҳад. 7 ҳафтаи (ҳафтсолаи) аввал (49 сол) муддати бозсозии Уршалимро дар бар мегиранд, ки Дониёл 9:25 дар ин бора мегӯяд: "*кӯчаҳо ва хандақҳо аз нав барқарор ва бино хоҳад шуд, ва ин дар замонҳои тангӣ хоҳад буд*".

62 ҳафтаи (ҳафтсолаи) боқӣ аниқ баъд аз дубора барқароршавии шаҳр сар мешаванд. Ин ҳақиқат дорои аҳамияти бузург аст! Он ба мо имкон медиҳад, ки ҳукми дар Дониёл 9:25 ёдшударо чун фармони Артаҳшасто ҳақ донем, бе ин ки онро бо ҳукми Куруш, ки аз соли 538-и пеш аз милод баромад (муқоиса кунед дар Ишаъё 44:28; Эзро 1) омехта мекарда бошем. Дониёл 9 таъкид мекунад, ки дар давоми 49 соли аввали баъд аз баромадани ин ҳукм шаҳри Уршалим бозсохта хоҳад шуд. Мо медонем, ки сухани Куруш ба иҷро нарасид, дар ҳоле ки аз Артаҳшасто амалӣ шуд. Инчунин яҳудиёни Паймони Куҳан равшан метавонистанд фаҳманд, ки санаи омадани Масеҳро аз ҳукмномаи соли 445-и пеш аз милод мебоист мешумурд.

*Тасдиқи Дониёл 9:26*

Ин порча мегӯяд ки "баъд аз шасту ду ҳафтсола Масеҳ талаф хоҳад шуд, ва нахоҳад буд". Маълум намегардад, ки дар байни чанд рӯз воқеъ хоҳад шуд. Аммо, равшан аст, ки Исо якчанд рӯз баъди чун подшоҳ вориди Уршалим шуданаш маслуб шуда буд.

*Шарҳи иборати "қавми раиси оянда"*

Иборaи "қавми раиси оянда" яъне румиёнанд, ки баъди таслиби Исо шаҳри Уршалим ва маъбадро вайрон карданд, воқеае ки соли 70-уми баъд аз милод рӯй дода буд.

Юсуф Флавиюс шоҳиди он буда, нақли онро дар китоби худ ба номи "Ҷанги яҳудиён" овардааст.

Раббунии барҷастаи яҳудӣ Сулаймон Ярхӣ (1070-1105), ки ба номи Рашӣ маъруф шудааст, муаллифи тафсири 23 мақола дар бораи Талмуд ва Паймони Куҳан мебошад. Ӯ исрор мекунад – ва ӯ танҳо нест, – ки Дониёл 9 азобҳоеро баён мекунад, ки халқи яҳуд ҳангоми вайроншавии Уршалим дар соли 70, таҳти ҳукмфармоии сарлашкар Титус мебоист медиданд[16].

*Моше Бен Маймон ва Дониёл 9*

Мусо Бен Маймони раббунӣ (Мусо Маймониён, 1135 – 1204) яке аз бузургтарин олимони яҳудии асрҳои миёна буд. Ба сабаби таъсири асосияш бар фикри илоҳиётишносии яҳуд ӯро "Мусои дуюм" меномиданд. Дар мактуби худ ба номи "Игерет ҳатеман" дар қисмати ҳафтаҳо ӯ тарафдори ақидаи муайян мебошад: "Дониёл илми аҷоиби замонҳоро ба мо эълон намуд. Ҳамзамон, тавре ки он аз мо ниҳон аст, ҳакимони мӯҳтарами мо ҷустани замонҳои ояндаро ба мо манъ карданд, чун ҷомеаи мардумӣ ба ҳаяҷон омада, бо дидани ин ки замонҳо гузаштаанд ва Ӯ (Масеҳ) наомадааст, метавонист ба иштибоҳ андохта мешуд. Аз ин сабаб ҳакимони мӯҳтарами мо мегӯянд: "Ақли касоне ки вақтҳоро муайян мекунанд, мебоист беҷо шуда (таҳтуллафзан: барҳамхӯрда) мебуд, чунки инҳо бо ин амал халқро ба шӯр меоваранд". Сипас, ҳакимон дуо мекарданд, ки ҷони чунин касон нобуд шуда, ҳисоботҳояшон низ аз байн раванд"[17].

Ин ақида толиби ягон тафсир набуда, басо равшан мебошад.

*Табиати бемонанди иҷроиш*

Мо дидем, ки чӣ тавр Паймони Куҳан тарзи муайяни омадани Масеҳро эълон кардааст, ва чӣ тавр ин пешгӯиҳо ҳарф ба ҳарф дар шахсияти Исои Масеҳ анҷом ёфтанд. Дар робита бо ин арзиш дорад, ки бар ҳақиқати зерин ҷалби диққат кунем: дар тӯли таърихи яҳуд беш аз чил нафар даъво карданд ки Масеҳи интизоришуда мебошанд. Аксари онҳо имрӯз фаромӯш шудаанд. Дутои ин масеҳҳои козиб аҳамияти калон доштанд, чунки онҳо қисмҳои калони халқи яҳудро

зери таъсир даровардаанд. Сухан дар бораи Бар Коҳба (132-и баъд аз милод) ва Шабатай Тсевӣ (1665-и баъд аз милод) меравад. Бале, агар мо суханони мазкурро дар назар гирем, маълум аст, ки яке аз инҳо 100 сол дертар аз вақти муайян, ва дигаре қариб 1630 сол дертар омадаанд, то ки инҳоро Масеҳи ваъдашуда ҳисобида тавонем. Ҳеҷ яке аз масеҳони даъводошта аз ӯҳдаи исбот кардани даъвои худ бар ин пешгӯиҳо набаромадаанд.

## 2. "Шевет"-и Яҳудо

Яъқуби нахустпадар (қариби соли 1760-ум пеш аз милод) худ ба таври пайғамбарона омадани Масеҳро пешгӯӣ карда буд. Каме пеш аз марги худ ӯ дувоздаҳ писараш, падарони дувоздаҳ қабилаи халқи Исроилро аз он чи бо наслҳояшон рӯй хоҳад дод, огоҳ кард (Ҳастӣ 49:1,2). Дар робита бо пешгӯии масеҳиёна суханони Яъқуб дар бораи Яҳудо аҳамияти махсусеро пайдо мекунанд:

"*Чӯбдасти салтанат аз Яҳудо дур нашавад ва қонунгузор аз камараш, то даме ки Шилӯ (он ки сулҳро меоварад, он ки оромиш медиҳад) биёяд; ва ба Ӯ қавмҳо итоат намоянд*" *(Ҳастӣ 49:10).*

### Тафсири масеҳиёнаи Ҳастӣ 49:10 дар бораи яҳудиён

"Шилӯ" яке аз номҳои сершумори Масеҳ дар Паймони Куҳан мебошад. Ҳатто дар Талмуд бо он метавон вохӯрд. Вақте ки Ёханани раббунӣ (асри 1) дар ҷустуҷӯи шинохтани номи Масеҳ мешавад, барояш ҷавоб медиҳанд, ки номаш Шилӯ мебошад[18].

Муаллифони дигар ва матнҳое вуҷуд доранд, ки ин порчаро ҳамчун пешгӯии масеҳиёна мешиносанд: Акилои прозелит[*], шогирди Акибос (асри 2); Рашии раббунӣ, Таргуми Онкелос[19] (асри 4), ва китоби кӯҳнаи "Берешит Рабба" низ.

[*] шахсе ки дини яҳудиро қабул кардааст

**Маънои калимаи “Шевет”**

Калимаи ибрии “шевет” дар ин ҷо ҳамчун чӯбдаст, яъне асо ё чӯб тарҷума шудааст. Дар Ададҳо 17 мо мебинем, ки ҳар яке аз дувоздаҳ сибт як асо ё чӯбдасте бо номи бар он навишташудаи амири қабиларо дошт. Он дар байни дигарон намоишгари *тавоноӣ* ва *аслияти* қабила мебошад[20].

Маънои Ҳастӣ 49:10 тамоман равшан аст: аслият ва тавоноии қабилаи Яҳудо то ба омадани Масеҳ давом хоҳанд дошт.

**Шикасти миллии Яҳудо**

Вақте ки румиён давлати Яҳудоро дар соли 70-уми баъд аз милод вайрон карданд, аслияти миллии қабилаи Яҳудо нопадид шуд*. Бале, Масеҳ 40 сол пеш аз ин ҳодиса ба Исроил омада буд.

**Илова**

Вақте ки Яҳудо дар Бобил асир буд, аслияти миллии он боз ҳам аз байн нарафта буд. Дурусттар мебуд, агар мегуфтем, ки Яҳудо ҳамчун миллат аз нигоҳи ҷуғрофиёӣ ҷой иваз карда буд. Дар Ҳизқиёл 8:1 ва 20:1 мебинем, ки дар ин ҳангом Яҳудо доим дорои роҳбарияти сиёсӣ буд; қабила фақат таҳти фармонбардории хориҷиён буд.

---

* Ҳамчунин роҳбарияти сиёсӣ аз Яҳудо дур гашт, бинобар ин даркор шуд, ки Масеҳ пеш аз ин воқеа пайдо шавад.

# БОБИ ДУ

# РЕШАҲОИ МАСЕҲ

## 1. Насабномаи Ӯ

То соли 70-уми баъд аз милод ва баъдтар аз он ҳар яҳудӣ одатан насабномаи худро муқаррар кардан метавонист. Дар 1Вақоеънома 9:1 мо мебинем, ки дар байни халқ ҳар шахс дар насабномае навишта шуда буд. Барои ҳар яке доштани чунин насабнома аҷаб шавқовар буд. Касе ки ба ин восита решаҳояшро исбот кардан наметавонист, исроилӣ низ дониста намешуд, ва ин ба зарари ӯ буд (ба Эзро 2:59-62; Наҳемё 7:61-65 муроҷиат кунед).

Вақте ки исроилӣ ба ишғол кардани мақоми расмӣ ягон шӯҳрат меёфт, исбот кардани насабномааш ё ақаллан шинос кардани баъзе аз аҷдодонаш барояш ҳатмӣ буд, ва бе ин ӯ аз мақоми худ маҳрум карда мешуд.

Ин қайдҳои пешакӣ зарурӣ буданд, чунки баъзе шахсони Паймони Куҳан соҳиби ваъдае шуда буданд, ки Масеҳ насли бевоситаи онҳо хоҳад буд.

### Насабномаҳои инҷилҳои Матто ва Луқо

Дар боби аввали Матто мо насабномаи Юсуф, падарандари Исо, ва дар Луқо 3 насабномаи Марям, модари Ӯро, меёбем. Ин воқеият барои оянда хеле муҳим мебошад. Инак, насабномаи Марям дар Луқо 3:23 то 38[21]:

“*Ва Исо, вақте ки ба хизмати Худ шурӯъ намуд, тақрибан сисола буд, ва чунон ки гумон мекарданд, писари Юсуф ибни Элӣ, ибни Маттот, ибни Левӣ, ибни Малкӣ, ибни Яннай, ибни Юсуф, ибни Матитё, ибни Омӯс, ибни Наҳум, ибни Ҳеслӣ, ибни Наҷҷой, ибни Маҳат, ибни Матитё, ибни Шимъӣ, ибни Юсуф, ибни Йӯдо, ибни Йӯҳонон, ибни Ресо,*

*ибни Зарубобил, ибни Шаалтиил, ибни Нерӣ, ибни Малкӣ, ибни Аддӣ, ибни Қӯсом, ибни Элмадом, ибни Эр, ибни Йӯсе, ибни Элиэзер, ибни Йӯрим, ибни Маттот, ибни Левӣ, ибни Шимъӯн, ибни Яҳудо, ибни Юсуф, ибни Йӯном, ибни Элёқим, ибни Малё, ибни Мино, ибни Матато, ибни Нотон, ибни Довуд, ибни Йисой, ибни Ӯбид, ибни Бӯаз, ибни Салмӯн, ибни Наҳшӯн, ибни Аминодоб, ибни Ром, ибни Ҳесрӯн, ибни Форас, ибни Яҳудо, ибни Яъқуб, ибни Исҳоқ, ибни Иброҳим, ибни Тораҳ, ибни Ноҳӯр, ибни Саруҷ, ибни Рау, ибни Фолаҷ, ибни Эбар, ибни Шолаҳ, ибни Қенон, ибни Арфакшад, ибни Сом, ибни Нӯҳ, ибни Ломак, ибни Матушолаҳ, ибни Ҳанӯх, ибни Ёрад, ибни Маҳалалъил, ибни Қенон, ибни Анӯш, ибни Шет, ибни Одам, ибни Худо буд*".

**Ваъдаҳои Худо ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб**

Баъд аз соли 2000-уми пеш аз милод Худо борҳо ба *Иброҳим* ваъда дода буд, ки Масеҳ аз ӯ хоҳад баромад. Дар Ҳастӣ 22:18 мо мехонем: "*Ва ҳамаи ҳалқҳои рӯи замин дар насли ту баракат хоҳанд хост (ё хоҳанд ёфт)*".

Ин ҷо дар бораи *наслҳо* сухан нарафтааст, ки ин имкон додан метавонист, то фикр кунанд, ки баракат ба чандин насл нисбат дода шудааст. Ин *насли* ягона Масеҳ аст, чунки дар бораи Ӯ Ғалотиён 3:16 мегӯяд. Ва ояти 14-и ҳамин боб илова мекунад, ки Ӯ баракати тамоми халқҳо хоҳад буд.

Дар солҳои 1900-уми пеш аз милод ва дертар, Худо борҳо ба Исҳоқ ваъда дода буд, ки Масеҳ аз ӯ хоҳад баромад. Масалан, дар Ҳастӣ 26:4 Худо ба Исҳоқ гуфт: "*ва тамоми халқҳои замин дар насли ту баракат хоҳанд хост (ё хоҳанд ёфт)*".

Солҳои 1830-и пеш аз милод, *Яъқуб*, ки дертар *Исроил* номида шуда буд, соҳиби ваъдае шуд, ки Масеҳ аз насли ӯ хоҳад буд: "*дар ту ва дар насли ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост*" *(Ҳастӣ 28:14).* Минбаъд, мукошифа равшан буд: Масеҳ исроилӣ бояд бошад. Аммо аз кадом яке аз *дувоздаҳ қабила* Ӯ хоҳад баромад?

## Масеҳ аз қабилаи Яҳудо хоҳад баромад

Тарафи соли 1760-уми пеш аз милод Яъқуби нахустпадар ба дувоздаҳ писаронаш он чиро ки бо авлодонашон рӯй хоҳад дод, эълон карда буд. Ӯ ба Яҳудо гуфт: "*Чӯбдасти салтанат аз Яҳудо дур нашавад ва қонунгузор аз камараш, то даме ки Шилӯ (он ки сулҳро меоварад, он ки оромиш медиҳад) биёяд; ва ба Ӯ қавмҳо итоат намоянд*" *(Ҳастӣ 49:10).*

Масеҳ аз насли Яҳудо хоҳад баромад, ва на аз насли Бинёмин, на аз Юсуф, Нафтолӣ, Дон, Ошер, Ҷод, Иссокор, Забулӯн, Левӣ, Шимъӯн ё Реӯбен. 1Вақоеънома 5:2 (тақрибан соли 530-и пеш аз милод) низ чунин ҳақиқатро бо суханҳои дигар изҳор мекунад: "*Агарчи Яҳудо бар бародаронаш бартарӣ пайдо карда, пешво аз ӯ пайдо шуд*". (Калимаи пешво (ба ибрӣ: nagid) дар ин ҷо ҳамон аст, ки дар Дониёл 9:25 "амир"аст).

Охиран, Масеҳ аз кадом *оила* хоҳад баромад?

## Масеҳ аз оилаи Йисой хоҳад баромад

Дар Ишаъёи набӣ мо ҷавоби ин саволро меёбем: "*Ва навдае аз танаи Йисой берун хоҳад омад, ва ниҳоле аз решаҳояш сабзида, бор хоҳад овард*" *(Ишаъё 11:1).*

(Таргуми Йӯнотон Бен Уззиёл[19] тафсири масеҳиёнаро ба ин порча медиҳад, чунки онро бо унвони "Масеҳ" медароварад!).

Пас, Масеҳ аз оилаи Йисойи Байтлаҳмӣ мебарояд. Ҳамзамон Йисой соҳиби *ҳашт писар* буд (муқоиса кунед бо 3Подшоҳон 16). Кадоме аз инҳо аҷдоди Масеҳ хоҳад шуд?

## Масеҳ Писари Довуд аст

Порчаҳои зиёди Паймони Куҳан баён мекунанд, ки Масеҳ писари Довуд, писари Йисой хоҳад буд. 600 сол пеш аз милод Ирмиё чунин баён мекард: "*айёме фаро мерасад, – мегӯяд Худованд, – ки Ман Шохаи одиле барои Довуд барқарор хоҳам кард, ва... Ӯ инсофу адолатро дар замин ба амал хоҳад овард*" *(Ирмиё 23:5; низ 33:15-ро бинед).*

Дар Забур 131 (о. 11) навишта шудааст: “*Худованд ба Довуд ба ростӣ қасам хӯрдааст, ва аз он нахоҳад баргашт: аз самари батни ту бар тахти ту хоҳам гузошт*”.

Худо Худро бо ваъдае вазифадор кард, ки Масеҳ зодаи бевоситаи Довуд хоҳад буд (низ ба Забур 88:35,36 нигоҳ кунед).

**Исботи ин ҳақиқат бо насабномаи Марям**

Тамоми шахсоне ки дар боло зикр шудаанд, дар насабномаи Марям мавҷуданд. Ин воқеият низ исбот мекунад, ки ин пешгӯиҳо таърихан дар шахсияти Исои Носирӣ иҷро шудаанд.

Шохаи болошавандаи хешовандии Ӯ дар байни халқи яҳуд машҳур шуда буд, ва аз ин сабаб Ӯро “писари Довуд” (Луқо 18:38,39; Матто 21:9,15; нигаред низ ба 15:22) меномиданд. Дар сурате ки воқеият хилофи ин баёнот мебуд, сардорони яҳуд барои рад кардани даъвои Исо ба масеҳ буданаш бо ин далелҳо мусаллаҳ мешуданд. Аммо исбот бениҳоят маълум буд, он наметавонист зери шакк қарор дошта бошад.

**Луқои таърихшинос**

Ба ёд орем, ки насабномаи Исо дар Инҷили Луқо ҷойгир аст. Донистан шавқовар аст, ки бостоншиносон ӯро ҳамчун таърихшиноси бениҳоят дақиқ ва шоистаи боварӣ медонанд. Бостоншиноси машҳур Вилям Рамсей мӯътақид аст, ки намоиши таърихии ҳикояи Луқо аз нигоҳи аслияташ беназир аст. Натиҷаи таҳқиқоти амиқи китоби Луқо, масалан, дар китоби ӯ “The Bearing of Recent Discovery”, саҳ. 222 қарор дорад.

## 2. Зодгоҳи Масеҳ

**Пешгӯии Микои набӣ**

Дар асри 8-уми пеш аз милод Микои Мураштӣ набӣ буд (Мико 1:1). Ӯ ба баён кардани зодгоҳи Масеҳ ҳидоят карда шуд. Дар боби 5 (о. 2) Худо мегӯяд: “*Ва ту, эй Байт-Лаҳми*

*Эфрот, ки дар миёни хонаводаҳои Яҳудо аз ҳама ҷавонтарӣ! Аз ту барои Ман Ҳокиме дар Исроил хоҳад баромад, ва баромади Ӯ аз қадим, аз айёми азал аст*".

Дар Фаластин ду ҷое ба номи Байт-Лаҳм ёд карда мешуд: яке дар Ҷалил (Еҳушаъ 19:15,16) ва дигаре дар Яҳудо. Барои фарқ кардани инҳо он дуввум ҷойро Байт-Лаҳми Эфрот номидаанд.

Дар ин деҳа, ки дар даҳкилометрии ҷануби Уршалим воқеъ аст, Масеҳ мебоист таваллуд мешуд. Хеле қарнҳо пеш аз иҷроиш Микои набӣ комилан равшан ҷои ин таваллудро пешгӯӣ кард.

## Исботи Паймони Навин

Паймони Навин таъкид мекунад ки Исо дар Байт-Лаҳми Эфрот таваллуд шуд. Матто 2:1 мегӯяд: "*Исо дар айёми подшоҳ Ҳиродус дар Байт-Лаҳми Яҳудо таваллуд ёфт*". Инчунин Луқои духтур низ ин ҳақиқатро дар боби 2-и Инҷили худ (о. 4) тасдиқ мекунад. Фақат он чиро, ки дар ин бора дар робита бо аслӣ будани нақли Луқо дар боло гуфта шуда буд, ба хотир меоварем.

## Тафсири Мико 5:2

Вақте ки Ҳиродуси бузург аз таваллуд шудани подшоҳи нав огоҳ шуд, тамоми саркоҳинону китобдононро ҷамъ кард, то ҷои таваллуди Масеҳро аз онҳо фаҳмида гирад. Ва онҳо ба ӯ гуфтанд: "*дар Байт-Лаҳми Яҳудо, зеро ки ба воситаи набӣ чунин навишта шудааст*" *(Матто 2:5).*

Мумкин нест гуфтан, ки ин олимон ин ҳақиқатро мефаҳмиданд, чунки Юҳанно ба мо дар бораи намояндагони халқ нақл мекунад, ки мегуфтанд: "*Магар Масеҳ аз Ҷалил меояд? Оё дар Навиштаҳо гуфта нашудааст, ки Масеҳ аз насли Довуд ва аз Байт-Лаҳм, ки деҳи Довуд буд, бояд ояд?*" *(Юҳанно 7:41,42).*

Мо дар тарҷумаи Септуагинта (Ҳафтода) як ишораи дигареро меёбем, ки Мико 5:2-ро собит карда умуман ба хубӣ фаҳмида шудааст. Порчаи зикршуда чунон хуб тарҷума шудааст, ки хулоса метавон кард, ки тарҷумон маънои матни ба забони юнонӣ тарҷумашавандаро ба хубӣ мефаҳмид.

**Мико 5 дар Таргуми Йӯнотон**

Таргуми Йӯнотон Бен Уззиёл низ дар китоби анбиё[19], тафсири масеҳиёнаи ин порчаро аз ҷониби яҳудиён бисёр возеҳ нишон медиҳад.

# 3. Исои Носирӣ

Дар Паймони Навин Исо ҳаждаҳ бор Носирӣ номида шудааст, ва ин калима ба деҳаи Носира дахл дорад, ки Ӯ қисми зиёди ҳаёташро дар он гузаронидааст.

Дар солҳои 29 то 32-и баъд аз милод Исо дар байни яҳудиён одатан чун "Исои Носирӣ" шӯҳрат ёфта буд. Қайд кардан шавқовар аст, ки ҳатто бузургтарин мухолифонаш Ӯро чунин меномиданд (Юҳанно 18:5,7). Бо чунин тариқ Ӯ он чиро ки анбиё пешгӯӣ карда буданд, иҷро мекард, чунки номи Носирӣ аз нигоҳи пайдоишаш ба калимаи ибрии "netser" наздик мешавад, ки ба маънои "навда", "шоха", "ниҳол" мебошад.

**Он чи пайғамбарон Закарё, Ирмиё ва Ишаъё мегӯянд**

Ба сӯи соли 520-и пеш аз милод буд, ки Закарё дар бораи Масеҳ пешгӯӣ кардааст:

"*Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: инак марде ки Навда ном дорад, ва аз решааш хоҳад рӯид, ва қасри Худовандро бино хоҳад кард*" *(Закарё 6:12)*, "*инак, Ман бандаи Худ – Навдаро хоҳам овард*" *(Закарё 3:8)*.

Таргуми Йӯнотон[19] ин ду порчаро низ ба таври масеҳиёна тафсир мекунад.

Беш аз ҳаштод сол пеш аз Закарё Ирмиё инро пешгӯӣ кард: "*Инак, айёме фаро мерасад, – мегӯяд Худованд, – ки Ман Шохаи одиле барои Довуд барқарор хоҳам намуд*" *(Ирмиё 23:5)*.

Ишаъё низ ба Масеҳ чунин номе додааст: "*Дар он рӯз Навдаи Худованд шукӯҳ ва ҷалол, ва меваи замин барои бақияи Исроил кибриё ва шавкат хоҳад буд*" *(Ишаъё 4:2)*.

**Бозии калимаҳои ибрӣ**

Дар се порчаи зикршуда калимаи ибрии “tzemakh“ аст, ки чун “навда”, “шоха”, “ниҳол” тарҷума мешавад. Ҳамзамон ҳар яҳудии бо Навиштаҳо ошно метавонист ба таври автоматӣ алоқаеро байни номи “Носирӣ” ва калимаи “tzemakh” барқарор кунад. Маънои номҳо дар Навиштаи Пок вазифаи муҳимеро мебозад!

Дар Паймони Куҳан ишораҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки ба “Носирӣ” алоқаманд мебошанд. Масалан, дар Ишаъё 11:1 мо мехонем: “*Ва навдае аз танаи Йисой берун хоҳад омад, ва ниҳоле аз решаҳояш сабзида, бор хоҳад овард*”. Дар ин ҷо ибораи “nètser” бо калимаи “ниҳол” тарҷума шудааст.

**Чаро байтлаҳмӣ не?**

Басо тааҷҷубовар метавон тобид, ки доим сухан дар бораи “Исои Носирӣ”, вале на дар бораи “Исои Байтлаҳмӣ” меравад, бо вуҷуди он ки Ӯ дар Байт-Лаҳм таваллуд шуда буд.

Тадқиқоти зерин ин воқеиятро мефаҳмонанд: Вақте ки Ҳиродуси бузург, шоҳи бераҳм ва бемеҳр фармони ба қатл расондани тамоми кӯдакони хурдтар аз ду соларо содир кард (Матто 2), Юсуфу Марям Байт-Лаҳмро тарк карда ба Миср роҳсипор шудаанд. Чун Ҳиродус мурд, вазъияти сиёсӣ тағйир хӯрда буд: чанде пеш аз маргаш ҳангоми хуруҷи девонагӣ Ҳиродуси бузург Ҳироди Антипосро аз ҳукуматдорӣ бар Яҳудо барканор сохта, онро ба дасти Аркелоус[22], бадтарини писаронаш[23], супурда васияташро тағйир дод. Юсуф инро шунида, тарсид, ки рафта дар он ҷо маскан гирад. Ҳамин тавр Юсуф ва Марям рафтанд, то бо Исои кӯдак дар Ҷалил, дар Носира маскан гиранд. Исо беш аз бисту ҳашт сол дар ин ҷо зиндагӣ кард. Аз ин сабаб аст, ки Ӯро “Исои Носирӣ” номиданд.

Дидани шароити сиёсӣ, ки ба иҷроиши пешгӯии масеҳиёна мусоидат мекунад, бисёр пуртаъсир мебошад.

Имрӯз ҳам мунаққидон бисёр вақт дар бораи “Исои Носирӣ” мегӯянд. Инчунин пешгӯие ки “Носирӣ” номида

шудани Масеҳро эълон мекард, ба тасдиқ шудан, ҳатто аз ҷониби душманонаш, идома медиҳад.

# 4. Аз Миср хондашуда

Ҳангоми хониши пешгӯии Ҳушаъ дар бораи он ки Масеҳ аз Миср хонда хоҳад шуд, мо худро дар пеши парадокс* қарордошта ҳис мекунем. Ӯ инро аз ҷониби Худо дар асри 8-уми пеш аз милод эълон мекунад: “*... ва писари Худро аз Миср даъват намудам*” *(Ҳушаъ 11:1)*.

Дар Матто 2 мо шарҳи ин пешгӯиро меёбем. Вақте ки Ҳиродус фармони қатли тамоми кӯдакони хурдсолро содир кард, Маряму Юсуф ба Миср рафтанд. Онҳо баъд аз мурдани ин шоҳ ба Исроил баргаштанд.

Ин гуна ҳама чиз равшан мешавад; пайғамбарон ба таври дақиқ баён карданд: Масеҳ дар Байт-Лаҳм *таваллуд* шуда, Ӯро ба *номи* Носирӣ ёд хоҳанд кард ва Ӯ аз Миср *даъват карда* мешавад.

* фикре, ки бо ақидаҳои маъмулӣ мувофиқат намекунад

БОБИ СЕ

# ХИДМАТИ МАСЕҲ ДАР ҶОМЕА

**(29 – 32 баъди милод)**

## 1. Қосид

### Омадани Оне ки пайғамбар Малокӣ ва Ишаъё пешгӯӣ кардаанд

Дар боби сеи китоби Малокии набӣ мо Масеҳро мешунавем, ки мегӯяд: "*Инак, Ман қосиди Худро мефиристам, ва роҳро пеши Ман холӣ хоҳад кард*" *(Малокӣ 3:1).*

Каме пеш аз ба саҳна баромадани Масеҳ пайғамбаре баромада халқро ба ин омадан омода хоҳад кард.

Ишаъё низ дар бораи ин қосид мегӯяд. Ӯ онро чунин меномад: "*Овозе нидо мекунад*", ва идома медиҳад: "*Дар биёбон роҳе барои Худованд тайёр кунед*" *(Ишаъё 40:3).*[24]

Ин порча муайян мекунад, ки қосид *дар биёбон* хоҳад буд, ки дар ин бора Малокии набӣ чизе намегӯяд.

### Вазифаи қосид

Вазифаи ин қосид тайёр кардани халқи Исроил барои омадани Масеҳ мебошад, тавре ки ба қабул карданаш моил бошанд. Дар дили ин халқ мебоист ҳеҷ монеае намемонд, ки метавонист ба қабул кардани Он ки ваъда шуда буд, халал мерасонид; ин аст "тариқҳои Ӯ", ки Забур 83:6 дар борааш мегӯяд, ва ки мебоист дар дилашон ҷойгир мешуд. Аз ҳамин сабаб аст, ки Ишаъё дар боби 40 (о. 4,5) чунин давом медиҳад:

“*Ҳар дара баланд ва ҳар кӯҳ ва теппа паст хоҳад шуд, ва партгоҳ ба дашт ва силсилаи кӯҳҳо ба водӣ табдил хоҳад ёфт. Ва ҷалоли Худованд зоҳир хоҳад шуд, ва ҳар ҷисм якбора онро хоҳад дид, зеро ки даҳони Худованд онро гуфтааст*”.

Дар шахсияти Яҳёи ғӯтадиҳанда, писари Закарё аст, ки мо қосидеро ки баромаданаш эълон шуда буд, мешиносем. Хидмати ӯ дар соли 29 баъд аз милод қарор дорад. Луқо менависад, ки ӯ дар давоми соли 15-и ҳукмронии Тибариюс (Луқо 3:1) ба мавъиза шурӯъ намуд.

**Қариб ҳеҷ ягон пайғамбар дар тӯли 450 сол**

Пайдо шудани Яҳёи ғӯтадиҳанда ҳангомаеро ба миён овард, чунки дар муддати зиёда аз 450 сол дигар пайғамбаре аз ҷониби Худованд дар Исроил барнахоста буд (охирин пайғамбари Паймони Куҳан Малокии набӣ буд). Дар шаҳодати таърихӣ бар муддати беш аз 450 сол, ки охири Паймони Куҳанро аз оғози Паймони Навин ҷудо мекунад, мо чунин мехонем: “Ғаму андӯҳе ки аз замони охири пайғамбарон дида нашуда буд, дар Исроил ҳукмфармо буд” (1Маккабиён 9:27).

Талмуд дар таҳрири бобулӣ мегӯяд, ки баъд аз Ҳаҷҷай, Закарё ва Малокӣ, пайғамбарони охирин, Рӯҳи пок Исроилро тарк карда буд (Синҳедриюн 11a).

Табиати фавқулоддаи пайдо шудани Яҳёи ғӯтадиҳанда бо ибораи зерин изҳор карда шудааст: “*Он вақт аҳли Ерусалим ва тамоми Яҳудо ва музофоти Урдун назди ӯ берун меомаданд*” *(Матто 3:5).*

**Хидмати Яҳёи ғӯтадиҳанда**

Яҳё дар биёбон ғусли таъмид медод ва таъмиди тавбаро барои тарки гуноҳон мавъиза мекард. Забони ӯ зарбадор ва пайғоми ӯ дилрешкунанда буд: Масеҳ баъд аз андаке вақт хоҳад омад ва ҳар кас бояд тавба кунад, яъне гуноҳонашро дар пеши Худои зинда эътироф карда, аз онҳо пушаймон шавад ва ба ҳамин тарз ба вохӯрӣ бо Масеҳи ваъдашудаи Худо омода шавад. Баръакс, дар сурате ки шахсон Масеҳро қабул накарда тавба нанамоянд, инҳо аз ғазаби Худо раҳо

нахоҳанд шуд. Дидани порчаҳои Инҷил (Матто 3; Марқӯс 1; Луқо 3; Юҳанно 1), ки фаъолияти Яҳёи ғӯтадиҳандаро дар биёбони Яҳудо шарҳ медиҳанд дар робита бо ин фоидаманд аст.

**Намоиши Масеҳ**

Матто 3:13 мегӯяд, ки ҳангоми ғусл додан ва мавъиза кардани Яҳё Исо низ дар навбати Худ наздаш барои ғӯта гирифтан омад. Ин воқеият бо Ишаъё 40 ҳамоҳанг мебошад. Дар ҳақиқат, мо дар ояти 5 мехонем:

"*Ва ҷалоли Худованд зоҳир хоҳад шуд, ва ҳар ҷисм якбора онро хоҳад дид, зеро ки даҳони Худованд инро гуфтааст*".

Исо, Масеҳ, Худои ҷовидони Паймони Куҳан инсон шуда, хидмати Худро дар ҷомеа бевосита баъд аз баромадани Яҳё сар кард. Дар ин матн Ишаъё дар бораи намоиши Масеҳ ҳамчун "ҷалоли Худованд зоҳир хоҳад шуд" сухан меронад. Дар робита бо ин  арзиш дорад, ки ба гапи шоҳиде ки ба чашмони худ мушоҳида кардааст, гӯш диҳем. Юҳаннои шогирд дар бораи Исо чунин шаҳодат додааст:

"*Ва мо ҷалоли Ӯро дидем, ки ҷалоли шоистаи Писари ягонаи Падар аст*" *(Юҳанно 1:14).*

**Шаҳодати Юсуф**

Юсуфи Флавиюс, таърихшиноси асри аввали баъд аз милод, тасдиқ мекунад, ки Яҳёи ғӯтадиҳанда шахси таърихист ("Antiquitates Judaicae" XVIII, 5:2).

# 2. Хидмати Масеҳ дар ҷомеа

**Ҷои оғози хидмати Ӯ**

Вақте ки исроилии Паймони Куҳан ҷои ҷуғрофии сар шудани хидмати Масеҳро донистан мехост, ӯро лозим буд, ки Ишаъё 9:1,2 хонда барояд:

"*Вай, ки ба танг меоварад, хастагӣ надорад; дар замони аввал таъсираш сабук буд: фақат замини Забулун ва замини  Нафтолиро забт намуд; вале дар замони охир*

*таъсираш ба роҳи дарё, он тарафи Урдун, Ҷалили халқҳо, вазнин шудааст. Қавме ки дар торикӣ мегаштанд, нури азиме диданд; бар онҳое ки дар кишвари сояи марг менишастанд, нуре дурахшид*".

*Чанде маънидодҳо оиди Ишаъё 9:1,2*

Ибораи "нури азим" равшании офтобро ифода мекунад (муқоиса кунед бо Ҳастӣ 1:16). Дар ин ҷо нисбат ба Масеҳ истилоҳе ба кор бурда мешавад, ки Малокӣ 4:2 онро "офтоби адолат" ва Юҳанно 8:12 "нури ҷаҳон" меномад. Мисли офтоби тулӯъкунанда Ӯ торикиҳои рӯҳонии Исроилро равшан хоҳад кард. Ишаъё 9 дақиқ месозад, ки сокинони Забулун ва Нафтолӣ ва соҳили кӯли Ҷинесор (вилояти Ҷалил) аввал шуда ин нурро хоҳанд дид.

Аз ин мебарояд, ки Масеҳ мебоист дар Ҷалил хидматашро шурӯъ мекард.

*Тасдиқи Паймони Навин*

Дар Матто 4:12 то 14 ва 17 мо чунин мехонем: "*Чун Исо шунид, ки Яҳё дастгир шудааст, ба Ҷалил равона шуд. Ва Носираро тарк карда, дар Кафарнаҳум, ки дар канори баҳр аст, дар ҳудуди Забулун ва Нафтолӣ маскан гирифт, то ба амал ояд каломе ки бо забони Ишаъёи набӣ гуфта шудааст…Аз ҳамон вақт Исо ба мавъиза огоз намуд ва гуфт: "Тавба кунед, зеро ки Малакути осмон наздик аст*"". Ҳамон ҳақиқат низ бо Луқо 23:5 тасдиқ карда мешавад (ҳам нигаред ба Матто 4:18-25).

## **Мӯъҷизоти Масеҳ**

Порчаҳои зиёди Паймони Куҳан баён мекунанд, ки ба майдон омадани Масеҳ ҳамроҳ бо мӯъҷизаҳо хоҳад буд. Масалан, дар Ишаъё 35:4-6 мехонем:

"*Ба дилҳои тарсончак бигӯед: "Қавӣ бошед! Натарсед! Инак, Худои шумо бо интиқом меояд, бо подоши илоҳии Худ меояд: Ӯ омада шуморо наҷот хоҳад дод*". *Он гоҳ ланг мисли гавазн ҷастухез хоҳад кард, ва забони гунг тараннум хоҳад намуд, зеро ки обҳо дар биёбон, ва рӯдҳо дар саҳро ҷӯш хоҳад зад*".

Ишаъё 29:24 мӯъҷизаи дигарро низ баён мекунад: “*Ва онҳое ки рӯҳашон гумроҳ аст, аз хирад воқиф хоҳанд шуд*”.

Сипас Масеҳ шалон, кӯрон, карон, гунгон ва шахсонеро, ки дар рӯҳи худ роҳгум мезананд, шифо хоҳад дод.

*Иҷроиши ин пешгӯӣ бо Паймони Навин исбот шудааст*

Паймони Навин тасдиқ мекунад, ки ин ва бисёр дигар мӯъҷизот ба воситаи Худованд Исо иҷро шуданд. Масалан, Юҳанно 9 дар бораи шифои кӯр нақл мекунад, Марқӯс 2:3 то 12 шифои шалро, Матто 15:29 то 31 шифои гунгро ва Марқӯс 7:31 то 37 шифои гунгро. Дар қисмати ононе ки дар рӯҳ гумроҳ мебошанд, оё наметавон дар бораи масрӯон дар Матто 4:24 фикр кард? Худованд инҳоро, мисли он ки бисёр касалиҳои дигарро низ шифо бахшид.

*Мӯъҷизаҳо бо Талмуд тасдиқ карда шудаанд*

Талмуд дар таҳрири бобилӣ (Синҳедриюн 43а) тахмин медорад, ки мӯъҷизот дар ҳақиқат аз дасти Худованд Исо ба амал омадаанд. Ин баёнот дар Талмуд ба ҳар сурат куфромез кушода мешавад, чунки чунин мӯъҷизотро ба ҷодугарӣ нисбат медиҳад (муқоиса кунед бо Матто 12:24).

*Шаҳодати Юстини риёзаткаш*

Дар асарҳои ин муаллиф (дар солҳои 165-и баъд аз милод мурдааст) мо боз як исботи дигари мӯъҷизоти Худованд Исоро меёбем. Дар фасли 69-и “Сӯҳбат бо Трифон”-аш ӯ таъназҳои яҳудиёнро, ки бар зидди Худованд Исо мебаромаданд, ёд мекунад. Ӯ мегӯяд ки Ӯро ҷодугар ва гумроҳкунандаи халқ меномиданд.

*Шаҳодати Ориген*

Назди Ориген (солҳои 185-254-и баъд аз милод) ёдоварии ҳаммонандро метавон ёфт. Дар ҷавоб ба ҳаҷвияи зиддимасеҳии ба қалами Селсус гуфтанӣ кас, ки онро сӯи соли 178-и баъд аз милод навиштааст, ӯ ҳикояи “Contra Celsum” (Зидди Селсус)-ро тартиб додааст (I:28), ки дар он ӯ ин маҳкумкуниҳоро бардошта, ба онҳо ҷавоб медиҳад.

**Забур 71**

Оятҳои 12 ва 13-и таронаи 71 порчаи Паймони Куҳан аст дар байни дигарон, ки дар инҳо масъалаи хидмати Масеҳ дар ҷомеа бардошта мешавад. Мо дар ин ҷо мехонем: “*Зеро мискинеро, ки истиғоса мебарад, ва мазлумеро, ки мададгор надорад, халос хоҳад кард. Ба бенаво ва мискин шафқат хоҳад кард, ва ҷонҳои мискинонро наҷот хоҳад дод*”.

*Бечорае ки сӯяш фарёд мекашад*

Дар Луқо 18:35 то 43 омадааст: “*Вақте ки Ӯ ба Ериҳӯ наздик мешуд, кӯре дар канори роҳ нишаста, садақа мепурсид; ва чун шунид, ки аз пешаш мардум мегузаранд, пурсид: “Ин чист?” Ба вай гуфтанд, ки Исои Носирӣ меояд. Дарҳол фарёд карда, гуфт: “Эй Исо, Писари Довуд! Ба ман марҳамат кун”. Онҳое ки дар пеш равона буданд, вайро ба хомӯш шудан водор карданд; лекин вай боз ҳам бештар фарёд мезад: “Эй Писари Довуд! Ба ман марҳамат кун”. Исо истода, фармуд, ки вайро назди Ӯ биёранд. Ва ҳангоме ки наздик омад, аз вай пурсид: “Чӣ мехоҳӣ, ки барои ту бикунам?” Гуфт: “Худовандо! Мехоҳам бино шавам”. Исо ба вай гуфт: “Бино шав! Боварат туро шифо бахшид”. Вай дарҳол бино гашт ва, Худоро ситоишкунон, аз ақиби Ӯ равона шуд. Ва тамоми мардум инро дида, Худоро ҳамду сано хонданд*”.

*Беморе ки ёридиҳанда надошт*

Як мисоли фарёди беморе ки ёридиҳанда надошт, дар Юҳанно 5 воқеъ аст. Сухан дар бораи мардест, ки дар давоми 38 сол бемор буда, бояд мегуфт, ки касе надорад, то барояш ёрӣ диҳад. Ӯро низ Исо шифо дод.

*Дилсӯзӣ ба рондашуда ва бечора*

Дар Луқо 13 ояти 10 ва давомаш мо мисоли дилсӯзии Масеҳро ба рондашуда ва бечора меёбем, зеро калимаи ибрии таронаи 71-ро чунин низ метавон тарҷума кард. Дилсӯзӣ ба бечора ё гадо дар мисоли воқеъ дар Юҳанно 9 (о.8) нишон дода шудааст.

**Пайғамбар**

Баъд аз ёд кардани баъзе *корҳои* Масеҳ моро лозим аст, ки ба таври кӯтоҳ *суханонаш*ро низ ба ёд оварем. Дар Такрори шариат 18 Мусо эълон мекунад, ки Масеҳ пайғамбар хоҳад буд. Аллакай яҳудиёни қадим ин порчаро ҳамчун пешгӯии масеҳиёна фаҳмида буданд. Дастнависҳои Қумрон, ки дар инҳо оиди пайғамбари оянда гуфта мешавад, нишонаи он мебошанд. Инак матни Такрори шариат 18:15,17 то 19:

"*Пайғамбаре мисли ман аз миёни ту, аз бародарони ту Худованд Худоят барои ту ба майдон хоҳад овард; ба Вай гӯш диҳед…*

*Худованд ба ман гуфт:* "*Он чи онҳо гуфтаанд, хуб аст. Набие, мисли ту, Ман барои онҳо аз миёни бародарони онҳо ба майдон хоҳам овард, ва суханони Худро ба даҳони Вай хоҳам гузошт, ва ҳар он чи ба Вай амр фармоям, ба онҳо хоҳад гуфт; ва касе ки ба суханони Ман, ки Вай ба исми Ман гӯяд, гӯш наандозад, Ман ӯро танбеҳ хоҳам дод*".

*Иҷроиш*

Исо исбот кард, ки Ӯ пайғамбар буд. Ӯ баъзе воқеаҳоеро пешгӯӣ кард, ки ҳанӯз бояд сурат гиранд, ва метавон иҷроиши дертари онҳоро ба осонӣ нишон дод[25].

Калимаи ибрие ки мо онро ҳамчун пайғамбар тарҷума мекунем, на танҳо ба маънои касест, киояндаро пешгӯӣ мекунад, балки низ ба касе ишора мекунад, ки ба сурати умум хости Худоро маълум мекунад. Ин боаҳамият аст, чунки Забур 40 дар ояти 10 дақиқ месозад, ки Масеҳ *вафодорӣ, наҷот, некӣ* ва *ростии* Худоро дар Исроил (ҷамоати бузург) маълум месозад.

Инҷилҳо иҷроиши тамоми ин пешгӯиҳоро нишон медиҳанд (масалан, мавъизаи болои кӯҳ дар Матто 5 - 7). Аммо пазироиши халқи Исроил ба Масеҳашон чӣ гуна хоҳад буд?

# 3. Аксуламали халқи Исроил нисбати Масеҳи онҳо

## Яке аз парадоксҳои бузург

Халқ бо ҳарорат чашминтизори омадани Масеҳи ваъдашудаи худро дошт, аммо вақте ки Ӯ омад, Ӯ мебоист рад карда шуда, нафратзада мегардид. Ин чизест, ки пайғамбарон эълон мекарданд ва ин дар шахсияти Худованд Исо иҷро шудааст. Ишаъё 49:7 дар бораи Масеҳ сухан ронда, Ӯро "*нафратзадаи мардум*", "*макраҳаи халқҳо*" меномад[26]. Дар Забур 68 ояти 5 Худи Масеҳ боиси нафрати халқ аст:

"*Онҳое ки бесабаб аз ман нафрат доранд, аз мӯйҳои сарам зиёд шудаанд. Онҳое ки ноҳақ ба ман адоват доранд ва маро нест кардан мехоҳанд, пурзӯр шудаанд: он чи нагирифтаам, бояд баргардонам*".

Ва дар Забур 108 оятҳои 3 ва 4 гуфта мешавад: "*Ва бо суханони адоват маро иҳота менамоянд, ва бе сабаб бо ман ҷанг мекунанд; ба ивази муҳаббати ман маро таъқиб менамоянд; валекин ман дуогӯй*".

## Нафрати сардорони халқ аз Масеҳ

Ишаъёи набӣ мегӯяд, ки сардорони миллати яҳуд аз Масеҳ нафрат хоҳанд дошт: "*Ӯ мисли навдае ба ҳузури Худованд рӯидааст, ва мисли решае аз замини хушк; Ӯро на симое буд ва на ҷамоле, то ҳавас кунем, ки ба Ӯ назар андозем; ва на намуде буд, то муштоқи дидораш гардем. Ӯ манфур буд ва радди мардум, дардманд ва ранҷур, ва мисли касе ки аз вай рӯй мегардонанд; Ӯ манфур буд ва мо Ӯро писанд намекардем*" *(Ишаъё 53:2,3).*

Истилоҳи ибрии "'ish", ки дар ин порча истифода шуда аст, "мардум" гуфта тарҷума шудааст, дар байни дигарон ба маънои мардумони тавонманд ва баландмақом мебошад! [27]

## Домҳои гузошташуда ба Масеҳ

Дар Забур 34 ояти 7 Масеҳ мегӯяд: "*Зеро ки бе сababе барои ман доми худро дар ҳафра пинҳон кардаанд; онро бесабаб барои ҷонам кандаанд*".

Мо борҳо дар Паймони Навин мехонем ки сардорони яҳуд домҳоро ба Масеҳ мегузоштанд ва тавре барояш савол медоданд, ки аз суханонаш афтонанд (Луқо 11:53,54; 14:1-5; Марқӯс 12:13-17; низ нигаред ба Луқо 6:7).

**Хоҳиши куштани Масеҳ**

Дар Забур 30 ояти 14 Масеҳ чизи боз ҳам ғамангезтареро ба забон меронад:

“*Зеро ки маломати касони бисёрро мешунавам; дар гирду пешам даҳшат аст, чунки онҳо бар зидди ман маслиҳатро ба як ҷо мемонанд: ба фикри гирифтани ҷонам афтодаанд*”.

Дар Инҷили Марқӯс боби 3 мо иҷроиши онро мееёбем:

“*Фарисиён фавран берун рафта, бо ҳиродиён дар ҳаққи Ӯ машварат карданд, ки чӣ тавр Ӯро ҳалок кунанд*” *(Марқӯс 3:6).*

Низ Юҳанно 11:53 иҷроиши ин пешгӯиро тасдиқ мекунад.

**Рад карда шудани Масеҳ рӯзи 15-уми моҳи нисони соли 32-и баъд аз милод**

Масеҳ мебоист аз ҷониби халқ ва сардоронаш рад карда мешуд. Ин саҳнаи пуртаъсир рӯзи 15-уми моҳи нисони соли 32-и баъд аз милод рӯй дод, вақте ки Исо ба пеши Пилотус ҳозир шуд:

“*Пилотус саркоҳинон, сардорон ва мардумро хонда, ба онҳо гуфт:* “*Ин Одамро ҳамчун фосидкунандаи қавм назди ман овардед; ва инак ман дар пеши назари шумо тафтиш кардам ва дар Ин Одам аз он айбҳое ки шумо ба гардани Ӯ мепартоед, чизе наёфтам; Ҳамчунин Ҳиродус наёфтааст: зеро ки ман Ӯро назди вай фиристода будам, ва дар Ӯ ҳеҷ гуноҳи сазовори марг ёфт нашудааст; Пас Ӯро ҷазо дода озод мекунам*”*. Вай мебоист ба муносибати ид касеро барои онҳо озод кунад. Аммо мардум ҳама фарёд зада гуфтанд:* “*Ӯро қатл кун! Барои мо Бараббосро озод кун*”*. Бараббос барои исён ва қатле ки дар шаҳр рӯй дода буд, дар зиндон андохта шуда буд. Боз Пилотус ба онҳо сухан ронд, зеро ки мехост Исоро озод кунад. Лекин онҳо фарёд зада, гуфтанд:*

*“Ӯро маслуб кун! Маслуб кун!” Бори сеюм вай ба онҳо гуфт: “Ӯ чӣ бадӣ кардааст? Ҳеҷ гуноҳи сазовори марг дар Ӯ наёфтам; пас, Ӯро ҷазо дода, озод мекунам”. Вале онҳо бо фарёди баланд исрор намуда, талаб карданд, ки Ӯ маслуб шавад; ва фарёди онҳо ва саркоҳинон ғолиб омад. Ва Пилотус қарор дод, ки аз рӯи талаби онҳо амал кунад” (Луқо 23:13-24).*

## 4. Яҳудои Исқарют

Банди гузашта душманӣ ва нафрати мардуми Исроилро дар муқобили Масеҳ хотирнишон мекард. Низ борҳо дар Паймони Куҳан масъала оиди *як* марди халқ бардошта мешавад, ки бо нафрати тамоман махсус аз Масеҳ нафрат дорад. Мо ин касеро, ки пайғамбарон дар борааш пешгӯӣ мекарданд, дар шахсияти Яҳудои Исқарют бисёр хуб мешиносем. Сухан дар бораи порчаҳои Забур 40, 54, 68, 108 ва Закарё 11 меравад.

**Забур 40**

Дар Забур 40 ояти 10 Масеҳ бо забони Довуд мегӯяд: “*Ҳатто касе ки бо ман дӯст буд, ва аз ӯ дилпур будам, ва ӯ нони маро мехӯрд, пошнаи худро бар ман баланд кардааст*”.

*Дӯст ва ҳамроз*

Пас, ин мард мебоист дӯсти Масеҳ мебуд. Бале, Яҳудои Исқарют дар тӯли беш аз се сол ин нақшро, ҳамчун шогирди Худованд Исо (ба ҳикояҳои инҷилҳо, хусусан Матто 26:50, ки дар он Ӯ “дӯст” номида шудааст, нигаред) бозидааст. Низ гуфта шудааст, ки Масеҳ аз вай *дилпур буд*. Оё мо ин пайғамбариро иҷрошуда намеёбем, азбаски Масеҳ хазинаро барояш боварӣ карда буд (Юҳанно 12:6 ва 13:29)?

*Нони Масеҳ*

Таронаи 40 ояти 10 аз ҷузъиёт пур аст! Ин душман мебоист *нони Масеҳро (ба ибрӣ: lekhem) мехӯрд*. Барои ҳамин

хиёнаткор бурдаеро аз дасти Масеҳ қабул карда, пеш аз "бардоштани пошнаи худ бар Ӯ" онро хӯрд.

Юҳанно 13:21 то 30 иҷроиши ин ҳаракатро ба ҳангоми фисҳи охирин, вақте ки Худованд Исо бо шогирдонаш ҷашн мегирифт, нисбат медиҳад:

"*Чун Исо инро гуфт, дар рӯҳ музтариб шуд, ва шаҳодат дода, гуфт: "Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки яке аз шумо Маро таслим хоҳад кард". Шогирдон ба якдигар нигоҳ карда, дар ҳайрат шуданд, ки инро дар бораи кӣ мегӯяд. Яке аз шогирдонаш буд, ки бар сандуқи синаи Исо такя мезад: Исо вайро дӯст медошт; Шимъӯни Петрус ба вай ишорат кард, то бипурсад: он кист, ки дар ҳаққаш чунин гуфт. Вай ҳамчунон бар сандуқи синаи Исо такя зада, пурсид: "Худовандо! Он кист?" Исо ҷавоб дод: Он аст, ки луқмаи нонро ғӯтонда ба вай медиҳам". Ва луқмаро ғӯтонда, ба Яҳудо ибни Шимъӯни Исқарют дод. Пас аз он ки луқмаро гирифт, шайтон дар вай дохил шуд. Он гоҳ Исо ба вай гуфт: "Он чи мекунӣ, ба зудӣ бикун". Лекин аз нишастагон ҳеҷ кас нафаҳмид, ки чаро ба вай чунин гуфт. Баъзеҳо гумон карданд, ки чун ҳамён дар дасти Яҳудост, Исо ба вай фармуд, ки ҳар чи барои ид ба мо лозим аст, харид кунад ё ки чизе ба мискинон бидиҳад. Вай луқмаро гирифта, дарҳол берун рафт; ва шаб буд*".

**Забур 54**

Дар ин тарона, оятҳои 13 то 15, Масеҳ мегӯяд: "*Зеро ки на душман маро мазаммат мекунад, – ман ба ин тоқат меовардам; на бадхоҳам бар ман такаббур менамояд, – ман аз вай пинҳон мешудам; балки ту, эй марди ҳамвазни ман, эй ҳамдам ва ҳамроҳи ман, ки ба ҳамдигар рози дил мегуфтем, ва дар хонаи Худо бо ҳаяҷон мехиромидем*".

*Муносиботи меҳрубонона*

Ҳамчунин дар ин ҷо хиёнаткор "дӯст" номида шудааст ва такрор шудааст, ки Масеҳ аз вай дилпур буд. Дар давоми беш аз се сол Яҳудои Исқарют бо шогирдони дигар шарики наздики Худованд Исо буд. Ва инчунин он чиро, ки ояти 13-и Забур 43 эълон карда буд, ба анҷом расонид.

*Зиёратҳои Хонаи Худо*

Дар инҷилҳо мо зуд-зуд мебинем, ки Исо бо шогирдонаш ба маъбади Уршалим меравад, ва Яҳудо дар байни онҳост. Дар чунин мавридҳо тӯдаҳои мардум барои шунидани таълимоти Исо дар маъбад ҷамъ мешуданд. (Нигаред масалан, ба Луқо 19:47 то 21:38, ва хусусан ба Луқо 19:47,48 дар алоқа бо 20:45!) Ба ҳамин сурат, ин пешгӯӣ айнан иҷро шуд.

*Масхара*

Таронаи 54 оятҳои 13 то 15 низ дақиқ месозад, ки хиёнаткор мебоист Масеҳро *масхара* мекард. Оё ин моро водор намесозад, то зуд дар бораи бӯсаи Яҳудо фикр кунем? Оё Худованд Исоро бо *бӯса* таслим кардан масхараи дараҷаи олӣ нест? (Нигаред ба Матто 26:47-50).

Зуд-зуд дар бораи “бӯсаи Яҳудо” сӯҳбат меравад, аммо оё мо ба “саломгӯии Яҳудо” диққат медиҳем? Дар Матто 26:49, гуфта шудааст, ки Яҳудо “Ассалом, эй устод” гуфта, Исоро бӯсаи хиёнаткорона кард.

Одатан ин саломгӯӣ танҳо чунин садо медод: “саломат бошӣ, эй устод”. Вале тарҷумаи тамоман таҳтуллафзии истилоҳи юнонӣ ба чунин маъност: “Шод бош, эй устод”! Чӣ куфре, чӣ нокасиест дар рӯ ба рӯи марги даҳшатнок ва ногузире ки Худованд бар рӯи салиб мебоист гирифтор мешуд!

**Си тангаи нуқра**

Дар Закарё 11 (соли қариб 520-и пеш аз милод) саволи си тангаи нуқрагӣ, ки Яҳудо Худованд Исоро барояшон фурӯхта буд, ба миён омада буд. Масеҳ аст, ки дар ояти 12 чунин мегӯяд: “... *ва онҳо музди маро ба қадри сӣ сиқли нуқра баркашидаанд*”.

Дар Матто 26:14 то 16 мо ин пешгӯиро ба хубӣ анҷомёфта меёбем:

“*Он гоҳ яке аз он дувоздаҳ, ки Яҳудои Исқарют ном дошт, пеши саркоҳинон рафт ва гуфт:* “*Ба ман чӣ хоҳед дод, то ки Ӯро ба шумо таслим кунам?*” *Онҳо ба вай сӣ сиккаи*

*нуқра таклиф карданд; ва аз он дам вай фурсат меҷуст, ки Ӯро таслим кунад*”.

## Марги хиёнаткор; вазифаи Ӯ ба дигаре супурда шуд

Дар натиҷаи ин хиёнат Яҳудои Исқарют худкушӣ намуд (Матто 27:5). Қисмати вай дар Забур 108, оятҳои 8 ва 9 пайғамбарона эълон шуда буд: “*Умри ӯ кӯтоҳ шавад; ҷоҳу ҷалоли ӯро дигаре бигирад; фарзандони ӯ ятим монанд, ва занаш бева шавад*”.

Пас он вазифае ки Яҳудо ишғол менамуд ва алҳол ба дасти дигаре мебоист супурда мешуд, кадом буд? Луқо 6:13 то 16 даъвати Яҳудоро ҳамчун фириста аз ҷониби Худованд Исо нишон медиҳад. Баъд аз марги Яҳудои Исқарют шахсе ба номи Матто вазифаи ӯро бар худ гирифт (Аъмол 1:21-26).

## Қайди охирин

Пеш аз хулоса додан ба ин фасл муносиб аст дақиқ намоем, ки ин рафтори Яҳудои Исқарют ҳеҷ гоҳ пешакӣ муқаррар карда нашуда буд. Худо, Худои ҷовид, ба гузаштани замонҳо мутеъ нест, аз гузашта ба ҳозира ва то оянда, Ӯ *пешакӣ медонист*, ки Яҳудои Исқарют Масеҳро *бо иродаи шахсии худ* таслим мекунад. Аз ин сабаб Ӯ тавонист чандин аср пеш хоҳиш ва амали ин мардро баён намояд.

БОБИ ЧОР

# МАҲКУМШАВӢ, ҚАТЛ ВА РАСТОХЕЗИ МАСЕҲ

## 1. Маҳкумшавӣ

Дар фасли гузашта мо ҳақиқати парадоксиеро қайд кардем, ки Исроил Масеҳро рад карда буд. Ин ҷо сухан дар бораи чанде аз пешгӯиҳо хоҳад рафт, ки солҳои зиёде пеш аз иҷроиши худ авҷи рад шудан, яъне маҳкумият ва таслиб шудани Масеҳро дақиқ баён карда буданд. Дар Забур 68, ояти 4 мо ин шикваи Масеҳро мешунавем:

"*Онҳое ки бесабаб аз ман нафрат доранд, аз мӯйҳои сарам зиёд шудаанд. Онҳое ки ноҳақ ба ман адоват доранд ва маро нест кардан мехоҳанд, пурзӯр шудаанд*".

Мо инчунин Забур 30, ояти 14-ро ба иқтибос оварда будем, ки Масеҳ дар он зиқ шуда мегӯяд:

"*Зеро ки маломати касони бисёрро мешунавам; дар гирду пешам даҳшат аст, чунки онҳо бар зидди ман маслиҳатро ба як ҷо мемонанд: ба фикри гирифтани ҷонам афтодаанд*" *(муқоиса кунед бо Марқӯс 3:6 ва Юҳанно 11:53).*

### Масеҳ ба доварӣ кашонда мешавад

Ин нафрат ва ин радкунӣ ва маҳкумкунӣ ба марги Масеҳ оварда расониданд, ки дар Паймони Куҳан ваъда шуда буд. Боби машҳури 53-и Ишаъё дар замони пайғамбарӣ шароитҳои довари Масеҳро шарҳ медиҳад:

“*Ӯ ситам кашид, вале гардан фуровард, ва даҳони Худро воз накард; мисли гӯсфанде ки барои забҳ бурда мешавад, ва мисли баррае ки назди пашмтарошонаш безабон аст, Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард*” *(о. 7).*

Оё мо тамоми ин чизҳоро роҷеъ ба шахсияти Худованд Исо дар инҷилҳо намеёбем? Ӯ бигузошт, то Ӯро кашида баранд, бе ягон мухолифат ва ба ҳеҷ навъ Худро ҳимоя нанамуд.

**Ду шоҳиди бадкин**

Дар Забур 34 (о. 11 ва 12) Масеҳ инчунин мегӯяд:

“*Шоҳидони бадкин бархостаанд... ба ивази некӣ ба ман бадӣ мекунанд*”.

Ва ояти 15 Забури 37 мегӯяд:

“*Ва монанди шахсе гардидаам, ки намешунавад, ва дар забонаш далеле нест*”.

Иҷроиши комили ин суханони пайғамбарона дар Матто 26:59 то 62 воқеъ аст:

“*Саркоҳинон ва тамоми пирон дар ҷустуҷӯи шаҳодати бардурӯғе бар зидди Исо буданд, то Ӯро ба қатл расонанд, лекин наёфтанд; бо вуҷуди он ки бисёр шоҳидони козиб омада буданд, ҳеҷ наёфтанд. Ниҳоят ду шоҳиди козиб омада, гуфтанд: Ӯ мегуфт: Метавонам маъбади Худоро вайрон кунам ва дар зарфи се рӯз онро аз нав бино кунам. Ва саркоҳин бархоста, ба Ӯ гуфт: Ҳеҷ ҷавоб намедиҳӣ? Ин чист, ки инҳо бар зидди Ту шаҳодат медиҳанд? Аммо Исо хомӯш монд*”.

Ин порча шаҳодати таъсирноки нафрати одамон нисбати Масеҳ аст. Онҳо маргашро металабиданд, гарчи Ӯ барояшон фақат некӣ мекард ва ягон айбе бар зидди Ӯ ёфта наметавонистанд.

**Бадрафторӣ нисбати Масеҳ**

Ишаъё 50 тарзи ҳукм шудани Масеҳро ҳангоми доварӣ ба мо мекушояд; ва мо инро аз даҳони Худаш мешунавем:

“*Ман тахтапуштамро ба зарбазанҳо, ва рухсорамро ба ришканҳо додаам; рӯямро аз хориҳо ва туфкуниҳо пинҳон накардаам*” *(о. 6).*

Матто 26:66,67 иҷроиши инро нақл мекунад: “*Дар ҷавоб гуфтанд “Сазовори марг аст”. Он гоҳ ба сару рӯи Ӯ туф кардан гирифтанд, ва Ӯро мезаданд; баъзеҳо Ӯро торсакӣ мезаданд*”.

Низ дар Микои набӣ мо тафсилоти ин ҳодисаро меёбем “*... бари рӯи довари Исроилро бо асо хоҳанд зад*” *(Мико 5:1).*

Матто 27:30 амалӣ шудани инро ёдовар мекунад: “*Ва бар Ӯ туф карданд ва қамишро гирифта бар сараш мезаданд*”.

**Қамчинкорӣ**

Дар Юҳанно 19:1 мо мехонем:

“*Он гоҳ Пилотус Исоро гирифта, тозиёна зад*”.

Биёед, тозиёнаи румиро ба худ тасаввур кунем. Ба даста тасмачаҳои бисёре васл карда шудаанд, ки дар нӯги ҳар кадом як порча оҳани тез, санг ё ҳатто чангаке ҳаст. Ин чизҳо пӯсти каси қамчинхӯрдаро пора мекарданд ва шакли пушташро тағйир дода, онро як захми бузурги хуншор мегардонданд. Дар Забур 128, ояти 3 Масеҳ пайғамбарона дар бораи қамчинкории худ мегӯяд: “*Бар тахтапуштам шудгоркунандагон шудгор карданд; ҷӯякҳои худро дароз карданд*”.

**Тоҷи хордор**

Дар Матто 27:29 гуфта шудааст, ки тоҷи аз хор бофташудаеро бар сари Худованд Исо ҷойгир хоҳанд кард. Сухан дар бораи хорҳое меравад, ки дарозияшон метавонист аз панҷ то ҳафт сантиметр мебуд. Дар ҳолати хушкшудагӣ инҳо сахт ва тез буда, мисли сӯзанҳо хала мезаданд. Онҳо ба касе ки инҳоро дар гирди сараш медошт, ҷароҳатҳои сершумор ва вазнинро меоварданд. Хуне ки аз онҳо ҷорӣ мешуд, ба мӯйҳо часпида сабаби бетартиб овезон шудани онҳо мешуд. Чӣ намоишномаи дилрешкунандае! Пас, фаҳмост, ки Худо асрҳои бисёр пеш аз ин дар бораи Масҳшудаи Худ гап зада, чиро дар назар дошт:

“*Чунон ки бисёр касон аз Ту дар ҳайрат монда буданд, – зеро ки намуди Ӯ аз ҳар шахс, ва симои Ӯ аз банӣ одам бештар маиб шуда буд!*” *(Ишаъё 52:14).*

# 2. Таслиб

**Забур 21**

Ҳазор сол пеш аз омадани Исо ин таронаи Довуд таслиби Масеҳро бо тафсилоти хурдтарин шарҳ медиҳад. Яҳудиён ҳаргиз барои ҷазо додани бадкор аз таслиб истифода намебурданд (онҳо бисёр вақт ҷинояткоронро сангсор мекарданд; нигаред ба Ибодат 20:2 ва порчаҳои ғайра). Аммо садҳо сол баъд аз таҳрири Таронаи 21-и Забур, румиён дар Исроил маҳкумшудагонро аз тариқи таслиб ҷазо медоданд.

Дар китоби “Pesiqta Rabbati” яҳудиён тафсири масеҳиёнаро ба ин тарона медиҳанд. Тибқи ин матн азобҳои баёншуда азобҳои кафоратӣ мебошанд![28] Инак матни пурраи Забур 21:

1. *“Барои сардори муғанниён. Дар шаъни шафақи субҳ. Таронаи Довуд.*
2. *Худои ман! Худои ман! Чаро маро тарк кардаӣ? Аз наҷотам ва аз суханони фиғонам дур ҳастӣ.*
3. *Эй Худои ман! Рӯзона мехонам, ва маро иҷобат намекунӣ, шабона низ, ва маро оромӣ нест.*
4. *Вале Ту, эй Қуддус (Пок), бар ҳамду саноҳои Исроил нишастаӣ.*
5. *Падарони мо ба Ту таваккал мекарданд; таваккал мекарданд, ва онҳоро раҳоӣ медодӣ;*
6. *Сӯи Ту фарьёд мекашиданд ва халосӣ меёфтанд; Ба Ту таваккал мекарданд ва хиҷил намешуданд.*
7. *Валекин ман кирм ҳастам, ва на одамизод; нанги мардумон ҳастам ва нафратзадаи қавм.*
8. *Ҳар кӣ маро бинад, тамасхур мекунад; лаб мекушояд, сар меҷунбонад:*
9. *Ба Худованд таваккал карда буд, ӯро раҳо кунад; агар дилхоҳаш бошад, ӯро наҷот диҳад.*
10. *Аммо Ту маро аз шикам берун овардаӣ, бар пистони модарам эмин доштаӣ.*
11. *Аз батн бар Ту партофта шудаам; аз шиками модарам Ту Худои ман ҳастӣ.*

12. *Аз ман дур набош, зеро ки тангӣ наздик аст, ва мададгоре нест.*
13. *Говони бисёр маро иҳота кардаанд,*
14. *Даҳони худро бар ман воз кардаанд, мисли шере ки медарад ва наъра мезанад.*
15. *Мисли об пош хӯрдаам; ҳамаи устухонҳоям аз ҳам ҷудо шудааст; дилам чун мум гардида, андаруни амъоям гудохта шудааст.*
16. *Қувватам мисли сафол хушкидааст, забонам ба комам часпидааст, ва маро ба хоки мамот ниҳодаӣ.*
17. *Зеро ки сагон маро иҳота кардаанд; тӯдаи бадкешон гирди маро ҳамчун шере гирифта, дастҳо ва поҳоямро маҷрӯҳ карданд.*
18. *Ҳамаи устухонҳоямро мешуморам, лекин онҳо тамошокунон аз ман ниқор мегиранд.*
19. *Сару либоси маро дар миёни худ тақсим мекунанд ва бар пероҳани ман қуръа мепартоянд.*
20. *Валекин Ту, эй Худованд, дур набош. Эй қуввати ман, ба мадади ман шитоб кун.*
21. *Ҷонамро аз шамшер халос кун, ягонаамро аз дасти сагон.*
22. *Маро аз даҳони шер наҷот деҳ, ва иҷобат намуда, аз шохҳои говони ваҳшӣ халос кун.*
23. *Исми Туро ба бародаронам шӯҳрат хоҳам дод, дар миёни ҷамоат Туро мадҳ хоҳам кард.*
24. *Эй тарсгорони Худо, Ӯро мадҳ кунед! Эй тамоми насли Яъқуб, Ӯро ҷалол диҳед! Ва эй тамоми насли Исроил, аз Ӯ тарсон бошед!*
25. *Зеро ки Ӯ мазлумияти камбағалро ҳақир ва хор намешуморад, ва рӯи Худро аз вай пинҳон надошт, балки, чун сӯи Ӯ истиғоса бурд, вайро иҷобат намуд.*
26. *Ҳамду санои ман дар ҷамоати бузург аз Туст. Назрҳоямро (қавлҳоямро) пеши тарсгорони Ӯ адо хоҳам кард.*
27. *Бигзор ҳалимон бихӯранду сер шаванд; толибони Худованд Ӯро мадҳ кунанд; дилҳои шумо то абад зинда бод.*

28. *Тамоми ақсои замин Худовандро зикр намуда, сӯи Ӯ руҷӯъ хоҳанд кард,*
29. *Зеро ки салтанат аз они Худованд аст, ва Ӯ бар халқҳо ҳукмфармост.*
30. *Ҳамаи танумандони замин хӯрда, саҷда хоҳанд кард; ҳар кӣ ба хок мефурояд ва ҷони худро зинда карда наметавонад, пеши Ӯ зону хоҳад зад.*
31. *Зурёташон Ӯро ибодат хоҳанд намуд, корномаҳои Худовандро ба насли баъдина ривоят хоҳанд кард;*
32. *Онҳо омада, адолати Ӯро, ки ба амал овардааст, ба қавме ки таваллуд хоҳад шуд, нақл хоҳанд кард*”.

“*Дастҳо ва поҳоямро маҷрӯҳ карданд*”
Дар ояти 17 Масеҳ мегӯяд:

“*Зеро ки сагон маро иҳота кардаанд; тӯдаи бадкешон гирди маро ҳамчун шере гирифта, дастҳо ва поҳоямро маҷрӯҳ карданд*”.

Калимаи “сагон” ба маънои мардумони ғайрияҳуд мебошад (муқоиса кунед бо Матто 15:21-28)[29]. Пас, ин мебоист мардуми хориҷӣ мебуданд, ки дастҳо ва поҳои Масеҳро маҷрӯҳ мекарданд[30], яъне маслубаш мекарданд.

Матто 27:27 то 31 ба таври равшан ин ҳақиқатро тасдиқ мекунад:

“*Он гоҳ сарбозони ҳоким Исоро ба сарбозхона бурда, тамоми фавҷро гирди Ӯ ҷамъ оварданд, ва либоси Ӯро кашида, ҷомаи арғувон ба Ӯ пӯшониданд; ва тоҷе аз хор бофта, ба сараш ниҳоданд ва қамише ба дасти рости Ӯ доданд; ва назди Ӯ зону зада, масхаракунон гуфтанд:* “*Салом, эй Подшоҳи Яҳудиён! Ва бар Ӯ туф карданд ва қамишро гирифта, бар сараш заданд. Пас аз он ки Ӯро басе истеҳзо карданд, ҷомаи арғувонро аз танаш кашида, либоси Худашро пӯшонданд ва Ӯро берун бурданд, то ки маслуб кунанд*”.

*Либосҳои тақсимшуда ва қуръаандохташудаи Ӯ*
Ояти 19 ду чизеро, ки ин хориҷиён хоҳанд кард, дақиқ ба мо нишон медиҳад: онҳо либосҳои Масеҳро дар байни худ

тақсим карда, бар пероҳанаш қуръа хоҳанд партофт. Тамоми ин нозукиҳо ҳарф ба ҳарф ичро мешаванд: “*Ва сарбозон, чун Исоро маслуб карданд, либоси Ӯро гирифта, ба чор ҳисса тақсим карданд, ба ҳар сарбоз як ҳисса; ва пероҳанро низ гирифтанд; лекин пероҳан дарз надошт, балки аз боло то поён бофта шуда буд. Пас онҳо ба якдигар гуфтанд: Онро пора накунем, балки қуръа партофта бинем, ки аз они кӣ мешавад, то ки навишта ба амал ояд, ки мегӯяд: Сару либоси Маро дар миёни худ тақсим карданд ва бар пероҳани Ман қуръа партофтанд. Ва сарбозон чунин карданд*” *(Юҳанно 19:23,24).*

*Устухонҳои аз ҳам ҷудошудаи Ӯ*

Дар ояти 15 Масеҳ мегӯяд: “*Ҳамаи устухонҳоям аз ҳам ҷудо шудааст*”.

Чи ибораи ваҳмнок ва пуртаъсире! Узвҳои баданаш, ки бо меххо бар рӯи салиб кӯфта шуда буданд, дар зери вазни баданаш ба шӯр омада буданд!

*Арақи ҷабин ва ташнагии Ӯ*

Оятҳои 15 ва 16 андӯҳи бениҳоят, арақи ҷабин ва ташнагии Масеҳро, дар ҳоле ки Ӯ гирифтори азобҳои ногуфтанӣ буд, ёдовар мекунанд: “*Мисли об пош хӯрдаам... Қувватам мисли сафол хушкидааст, забонам ба комам часпидааст...*”.

*Рӯшноӣ ва торикиҳо*

Ояти 3 ба пайи ҳам шудани рӯшноӣ ва торикӣ ишорат мекунад: “*Эй Худои ман! Рӯзона мехонам, ва маро иҷобат намекунӣ, шабона низ, ва маро оромӣ нест*”.

Мо иҷроиши инро дар Марқӯс 15:25,33 меёбем: “*Ва соати сеюм буд, ки Ӯро маслуб карданд. Чун соати шашум расид, тамоми заминро то соати нӯҳум торикӣ фаро гирифт*”.

Ин торикиҳо дар Ишаъё 50 низ ёдовар шудаанд (муқоиса кунед низ бо Забур 87:2). Дар робита бо маҳкумияти Масеҳ Худо дар Ишаъё 50:3 мегӯяд:

*“Ман осмонро кисвати сӯгворӣ мепӯшонам, ва палосро пардаи он мегардонам”.*

*Торикиҳои тасдиқшуда аз ҷониби Таллус*

Шаҳодатҳои таърихии ғайри Навиштаи Пок вуҷуд доранд, ки ин се соати торикиҳоро дар рӯзи маслуб шудани Худованд Исо тасдиқ мекунанд. Таллус, таърихшиноси сомарӣ, ки дар соли 52-и баъд аз милод дар Рум менавишт, дар “Ҳикояҳо”и худ инро ёд мекунад. Бадбахтона, ин матн гум шуда буд, аммо як порчаи он дар аввали асри се аз ҷониби Юлиуси Африқонус бардошта шуда буд: “Дар китоби севуми “Ҳикояҳо”-и худ Таллус офтобгириро сабаби торикиҳо меномад; ба назари ман ин исбот карда нашудааст”[31].

Эътирози Юлиуси Африқонус аҳамиятнок аст; дар ҳақиқат, ба хотири ду сабаб, сухан наметавонист дар бораи гирифтани офтоб мерафт. Аввалан, ҳеҷ офтобгирие барои се соат торикиҳои ғализро ба миён намеоварад; сонияи, воқеаи офтобгирӣ дар лаҳзаи моҳи пурра (Таслиб дар рӯзи понздаҳуми моҳи нисони соли 32-и баъд аз милод, дар мобайни моҳ, ҳангоме ки моҳ пур буд, рӯй дода буд) ғайримумкин аст. Пас, дар ин ҷо як мӯъҷизае рӯй дод, ки пайғамбарон онро ба таври дақиқ пешгӯӣ карда буданд, ки бе мушкилӣ бо матнҳои таърихӣ исбот шуда метавонист.

*Масхараву хорӣ*

Дар оятҳои 7 то 9-и Забур 21 Масеҳ мегӯяд, ки Ӯ аз ҳама таҳқир ва тамасхур мешунавад:

*“Валекин ман кирм ҳастам, ва на одамизод; нанги мардумон ҳастам ва нафратзадаи қавм. Ҳар кӣ маро бинад, тамасхур мекунад; лаб мекушояд, сар меҷунбонад: Ба Худованд таваккал карда буд, ӯро раҳо кунад; агар дилхоҳаш бошад, ӯро наҷот диҳад!”*

Дар Паймони Навин , дар Матто 27:39 то 44 мо мебинем чӣ тавр ин пешгӯӣ низ иҷро шудааст:

*“Ва роҳгузарон Ӯро дашном дода ва сар ҷунбонда, мегуфтанд: Эй! Ту ки маъбадро вайрон карда, дар се рӯз аз нав бино мекунӣ! Худатро наҷот деҳ; агар Ту Писари Худо*

*бошӣ, аз салиб фуруд ой. Ҳамчунин саркоҳинон бо китобдонон ва пирон Ӯро истеҳзо карда, мегуфтанд: дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот дода наметавонад! Агар Ӯ Подшоҳи Исроил бошад, акнун аз салиб фурӯд ояд, то ба Ӯ имон оварем; Ба Худо таваккал карда буд: акнун Ӯро раҳо кунад, агар дилхоҳаш бошад. Зеро Ӯ гуфта буд: Ман Писари Худо ҳастам. Ҳамчунин роҳзаноне ки бо Ӯ маслуб шуда буданд, Ӯро дашном медоданд*".

**Аз ҷинояткорон шумурдашуда**

Ишаъё 53:12 аз ду ҷинояткор, ки бо Исо маслуб шуда буданд, ва низ шафоат барои азияткунандагон ёдовар мешавад:

"*... дар ивази он ки ҷони Худро ба марг таслим намуд, ва аз ҷинояткорон (ё: бадкорон) шумурда шуд, ва гуноҳи мардуми бисёреро бар Худ бор кард, ва барои ҷинояткорон шафоат намуд*".

Биёед, ин порчаро бо Луқо 23:32 то 34 муқоиса кунем: "*Ду ҷинояткорро низ бо Ӯ барои куштан мебурданд. Ва чун ба ҷое ки Косахонаи сар ном дорад, расиданд, дар он ҷо Ӯро, ва он ҷинояткоронро – яке аз дасти росташ ва дигаре аз дасти чапаш – маслуб карданд. Исо гуфт: "Эй Падар! Инҳоро биомурз, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд*".

**Захраю сирко**

Тафсилоти дигари таслиб дар Забур 68, ояти 22 воқеъ аст, ки он ҷо маслубшуда Худ мегӯяд:

"*Ва барои хӯрданам заҳра доданд, ва дар ташнагиям маро сирко нӯшонданд*".

Ёдоварии захраро[32] ки ба Масеҳ пешкаш шуда буд, мо дар Матто 27:32 то 35 меёбем:

"*Чун берун рафтанд, касеро, ки Шимъӯн ном дошт ва аз Қӯрин буд, дида, маҷбур карданд, ки салиби Ӯро бардорад. Ва чун ба ҷое ки Ҷолҷолто, яъне Ҷои косахонаи сар ном дошт, расиданд, сиркои бо заҳра омехтае барои нӯшиданаш доданд, лекин чун чашид, нахост, ки бинӯшад. Ононе ки Ӯро маслуб карданд...*".

Дар бораи сиркои барои рафъи ташнагӣ ба Худованд пешкашшуда бошад мо дар Матто 27:45 то 48 меёбем:

“*Ва аз соати шашум тамоми рӯи заминро то соати нӯҳум торикӣ фаро гирифт. Ва наздик ба соати нӯҳум Исо бо овози баланд фарьёд зада гуфт: Элӣ, Элӣ! Лама сабақтанӣ? Яъне: Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ? Баъзе аз ҳозирон, чун шуниданд, гуфтанд: Ӯ Илёсро мехонад. Дарҳол яке аз онҳо исфанҷеро гирифта, аз сирко пур кард ва бар сари най ниҳода, наздики даҳони Ӯ бурд, то бинӯшад*”.

**Марги Масеҳ**

Анҷом ёфтани тамоми ин азобҳо дар Забур 21, ояти 16, шарҳ дода шудааст, ки Масеҳ дар он ҷо ба Худо муроҷиат мекунад: “*...маро ба хоки мамот ниҳодаӣ*”.

Сухани охирини маслубшуда дар Забур 30, ояти 6 воқеъ аст: “*Рӯҳи Худро ба дасти Ту месупорам*”. Ин дар Луқо 23:46 иҷро шуд.

**Дар қабри одами сарватманд**

Дар Ишаъё 53:9 мо пешгӯии масеҳиёнаи боаҳамияти дигарро меёбем:

“*Ва қабри Ӯро бо шарирон таъин карданд, вале баъд аз мурданаш – бо сарватдоре гӯронидаанд, гарчанде ки Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш макре набуд*”.

Бисёр вақт бадкорон мисли ахлот дар қисми ғарбии Уршалим, дар оташҳои Тӯфет сӯзонида шудаанд. Чунин буд дафни бадкорон. Аммо ояти 9-и Ишаъё 53 нишон медиҳад, ки Худо ба нопок шудани бадани Масеҳ баъд аз мурданаш роҳ надод, балки барои Ӯ қабри сарватдореро муқаррар намуд. Мо иҷроиши ин пешгӯиро дар Матто 27:57 то 61 дорем:

“*Ва чун шом шуд, Юсуф ном давлатманде ки аз аҳли Ҳаромот ва ӯ низ аз шогирдони Исо буд, омад; Ва назди Пилотус рафта, ҷасади Исоро талаб кард. Пилотус фармон дод, ки дода шавад. Юсуф ҷасадро гирифта, ба катони тозае печонд ва онро дар қабри наве ки аз санг барои худ тарошида буд, ниҳод ва санги калонеро бар дари қабр*

*гелонида, рафт. Марями Маҷдалия ва он Марями дигар дар он ҷо, дар рӯи қабр нишаста буданд*".

Дар матни ибрии Ишаъё 53:9 калимаи "*мурдан*" барои изҳори даҳшати ҷазо дар шакли ҷамъ омадааст.

**Синни Ӯ**

Оё Паймони Куҳан ишораеро дар бораи синну соли Масеҳ ҳангоми мурданаш ба мо медиҳад? Дар Забур 101, ки таронаи масеҳиёна мебошад, Масеҳ аз сабаби он ки мебоист дар ними рӯзҳои Худ мемурд, ба Худо фарёд мекунад:

"*Эй Худои ман! Маро дар нисфи рӯзҳоям набар*" *(о. 25).*

Ибораи "дар нисфи рӯзҳоям" барои фаҳм осон мешавад, агар аз Забур 89 бохабар бошем. Ин ҷо дар қатори чизҳои дигар, сухан кӯтоҳ, дар бораи зиндагии инсон бар рӯи замин меравад. Ин ҷо дар ояти 10 мо мехонем: "*Рӯзҳои умри мо ҳафтод сол аст... ифтихори онҳо аз заҳмат ва ҷафо иборат аст, зеро ки зуд гузашта меравад, ва мо низ парвоз мекунем*".

Азбаски давомнокии миёнаи ҳаёти як исроилӣ 70 сол буд, маънои ибораи "дар нисфи рӯзҳоям" возеҳ мегардад. Худованд Исо ин пешгӯиро низ иҷро кард, зеро ки Ӯ дар синни зиёда аз 33-солагӣ мурд. Ӯ хидмати Худро дар ҷомеа сӯи сисолагӣ шурӯъ карда буд (Луқо 3:23) ва дар давоми тақрибан се сол, то дами бар рӯи салиб мурданаш, онро идома дод.

**Ҳеҷ устухони шикастае**

Пешгӯии андак аҷоибе дар бораи Масеҳ дар Забур 33, ояти 21 ҷой дорад:

"*(Худои Ҷовид) ҳамаи устухонҳои ӯро нигоҳ медорад; ҳеҷ яке аз онҳо шикаста нахоҳад шуд*".

Ҳангоми хониши Юҳанно 19:31 то 33 ҳамааш фаҳмида мешавад: "*Лекин, азбаски рӯзи ҷумъа буд, барои он ки ҷасад дар рӯзи шанбе бар рӯи салиб намонад, зеро ки он шанбеи бузург буд, бинобар ин яҳудиён аз Пилотус хоҳиш карданд, ки соқи пойҳои онҳоро бишкананд ва поён фуроваранд*[33]. *Сарбозон омада, соқи пойҳои он ду нафарро, ки бо Ӯ маслуб*

*шуда буданд, шикастанд; чун назди Исо омаданд ва диданд, ки аллакай мурдааст, соқи пойҳои Ӯро нашикастанд*".

**Мавқеи ҷуғрофии мурданаш**

Аз замони Иброҳим (берун аз соли 2000-и пеш аз милод) ҷои мурдани Масеҳ маълум буд.

Ҳастӣ 22:1 то 19 саҳнаи қурбонии Исҳоқро нишон медиҳад. Ин воқеа дар яке аз кӯҳҳои сарзамини Мӯриё рӯй дод (ба ибрӣ: Erèz ha-morijah, о. 2).

Мӯриё кӯҳест, ки маъбади Уршалим бар он воқеъ буд (2Вақоеънома 3:1). Инчунин "Сарзамини Мӯриё" номи атрофҳои Уршалим аст. Исҳоқ дар он ҷо маргро наёфт; чунки чун писари Иброҳим ӯ фақат намунаи Масеҳ буд. Иброҳим ба ҷои қурбонии Исҳоқ (пас ин кӯҳи Мӯриё набуд, балки як кӯҳ дар наздики он) Йеҳӯва-йире (Худои ҷовид дар он ҷо хоҳад дид, муқоиса кунед бо о. 14 ва 7,8) ном дод. Яъне, бар ин кӯҳ Худо қурбонии ҳақиқиеро, ки Исҳоқ танҳо намунааш аст, ҳозир хоҳад кард. Барои ҳамин аст, ки Ҳастӣ 22:14 мегӯяд: "*Ва Иброҳим номи он маконро Адӯной-йирэ хонд; бинобар ин то имрӯз гуфта мешавад: Дар кӯҳи Худованд бояд ҳозир шавад*".

Худованд Исо воқеан дар сарзамини Мӯриё, берун аз Уршалим, бар кӯҳи Ҷолҷолто (Юҳанно 18 ва 19; Ибриён 13:12), ҷон супурд. Ин пешгӯӣ низ анҷом ёфт!

**Аҳамияти азобҳо ва марги Масеҳ**

Муҳим аст, ки азобҳо ва марги Масеҳро дар матни васеъ қарор диҳем, то аҳамияти воқеии онҳоро санҷида гирем. Дар порчаҳои зиёди Аҳдҳои Қадим ва Ҷадид (масалан Забур 13) Навиштаи Пок тасдиқ мекунад, ки тамоми инсонҳо, бе истисно, гуноҳ кардаанд. Румиён 3:22,23 мегӯяд:

"*Адолати Худо ба воситаи бовар ба Исои Масеҳ барои ҳамаи боваркардагон; зеро ки ҳеҷ тафовуте нест, чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд*".

Худо Худои комилан пок ва одил аст (Еҳушаъ 24:19; Забур 7:11) ва Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ гуноҳро, яъне ҳар он чиро, ки дар мухолифат бо фикрҳову вуҷуди Ӯ бошад, тоқат карда ё сарфи назар карда наметавонад (нигаред ба Ҳабаққуқ 1:13).

Дар натиҷаи ин Ӯ бояд ҳар вуҷуди инсониро ба ҳалокат маҳкум кунад. Аммо Навиштаи Пок боз мегӯяд, ки Худо муҳаббат аст (1Юҳанно 4:8) ва барои ҳамин Ӯ намехоҳад, то инсон гум гардад. Ӯ "*мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд ва ба дониши ростӣ бирасанд*" *(1Тимотиюс 2:4).* Пас, лозим буд, ки Худо воситаи бахшидани гуноҳ ва наҷоти абадиро, бе ин ки ба қуддусият ва адолати Худ таҳдид карда бошад, пайдо кунад. Бе он ки як шахси пок ва бегуноҳ чун *ҷонишин* доварии Худоро аз сар гузаронад, ин кор номумкин буд. Ҳамин тавр Худо Писари Худро фиристод, ки ҳамчун инсон дар рӯи замин зиндагӣ кунад. Дар бораи Худованд Исо сухан ронда, Навиштаҳо дақиқ мегӯянд, ки Ӯ ягон гуноҳе накардааст (1Петрус 2:22) ва дар Паймони Навин навиштаҳо ҳафт бор Ӯро "одил" меноманд. Вақте ки Худованд Исо бар рӯи салиб буд, Худо гуноҳони тамоми касонеро ки ба Ӯ бовар доранд, ва низ гуноҳони тамоми касонеро ки дар оянда ба Ӯ бовар хоҳанд кард, бар Ӯ бор карда буд. Дар давоми се соати торикиҳо Худо Ӯро бо тамоми гуноҳкорон яке дониста, тамоми ғазаби Худро бар Ӯ рехт (1Петрус 2:24; 2Қӯринтиён 5:21; Ишаъё 53:10). Ин буд лаҳзае ки Худо аз Масҳшудаи Худ рӯй гардонда буд, лаҳзае ки ин фарёди дилхарош садо дод: "*Худои Ман! Худои Ман! Чаро Маро тарк кардӣ?*" *(Забур 21:2; Матто 27:46).* Баъд аз ин Ӯ мурд (Матто 27:50). Кори наҷот анҷом ёфт (Юҳанно 19:30). Минбаъд Худо метавонад ба ҳар гуноҳкоре ки сӯи Худованд Исо бо дили пуртавба рӯй меорад ва, ба оне ки бо дуо ба гуноҳони худ пеши Ӯ иқрор мешавад (1Юҳанно 1:9), бахшиши бепоёнро ато кунад. Ин бахшоиш танҳо бар асоси хуни рехташуда бар салиби Ҷолҷолто (Эфсӯсиён 1:7) барояш бахшида мешавад. Ибриён 9:22 таъкид мекунад, ки ҳеҷ бахшоиши гуноҳон бе рехтани хун мумкин нест. Ҳамин тавр, он чи мо дар Ишаъё 53:3 то 6 мехонем, иҷро шуд:

"*Ӯ манфур буд ва радди мардум, дардманд ва ранҷур, ва мисли касе ки аз вай рӯй мегардонанд; Ӯ манфур буд ва мо Ӯро писанд намекардем. Аммо Ӯ бемориҳои моро ба сар мебурд, ва ба дардҳои мо мубтало буд, валекин мо гумон бурдем, ки Ӯро Худо зада, ба мусибат ва азиятҳо гирифтор кардааст. Ва ҳол он ки Ӯ аз ҷиноятҳои мо маҷрӯҳ, ва аз*

*гуноҳҳои мо афсурдахотир шудааст; сазои осоиштагии мо бар Ӯст, ва ба воситаи ҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем. Ҳамаамон мисли гӯсфандон гумроҳ будем: ҳар яке ба роҳи худ мерафтем; ва Худованд гуноҳи ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд*".

## 3. Баъзе мушоҳидаҳо аз Ишаъё 53

Ҷои муҳимеро, ки боби 53-и Ишаъё дар пайғамбарии масеҳиёна ишғол мекунад, барояш нисбат дода, мо каме оиди он андеша мекунем. Аз рӯи ҳақ мебуд, агар порчаеро аз ояти 13-и боби 52 то охири боби 53 "Инҷили Ишаъё" меномидем. Беш аз 700 сол пеш аз таваллуди Исо Масеҳ ба воситаи пайғамбар маълум кард, ки бар хилофи ҳар интизорӣ "умеди Исроил", Масеҳи интизоришуда, аз ҷониби халқ нафрин ва рад карда мешавад. Ғайр аз он, ин "Инҷил" нишон медиҳад, ки агар Масеҳ мебоист аз ҷониби одамон азоб мекашид, низ Ӯ мебоист аз ҷониби Худи Худо зада мешуд, ба тавре ки Худи Ӯ одил буда, барои беадолатон мемурд, то онҳоро аз гуноҳонашон наҷот диҳад.

### Аслияти китоби Ишаъё

Дар қисмати аслӣ будани пайғамбариҳои Ишаъё ва шаҳодати раднашавандае ки аз инҳо мебарояд, биёед, он чиро ба хотир орем ки дар муқаддима дар бораи тафсири Ҳафтода ва лӯлапечи пурраи Ишаъё, ки дар Қумрон ёфт шуда буд, гуфта мешавад: боби 53 дар ҳар ду мавқеъ комилан ҳузур дорад.

### Тафсири нави яҳудии Ишаъё 53

Имрӯзҳо яҳудият тафсири масеҳиёнаи ин порчаи Ишаъёро сарфи назар намудааст. Ҳамзамон адабиёти яҳудӣ нишон медиҳад, ки ҳамеша чунин набуд. Назари аз ҳама бештар паҳншуда байни яҳудиёни имрӯза ин аст, ки "хидматгори Худои Ҷовид" Масеҳ не, балки халқи Исроил ё қисми он мебошад. Халқ бояд аз тамоми азобҳое ки дар ин

матн омадаанд, гузарад. Агар мо ин оятҳоро аз наздик дида бароем, ин гуна тафсир қабулнашаванда аст. Дар ҳақиқат:

— Кай халқи Исроил ё қисми он барои гуноҳони дигарон азоб кашид? Мувофиқи Ҳизқиёл 14:12 то 20 ҳатто одамони одил мисли Нӯҳ, Дониёл ё Айюб натавонистанд ин корро ба ҷо оваранд!

— Оё шахси дигари исроилие аст, ба ҷуз Масеҳ, ки дар борааш гуфтан мумкин мебуд, “*ки Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш макре набуд*” *(о. 9)*?

— Дар кадом лаҳза халқи Исроил ё қисми он дар қабри сарватманд ва на дар қабри шарир буд (о. 9)?

— Дар ояти 8 “Хидматгори Худои Ҷовид” ба таври возеҳ аз халқи Худо фарқ карда шудааст. Пас, бо вуҷуди ин оё метавон “хидматгори Худои Ҷовид”-ро бо халқи Исроил яке донист?

**Тафсири масеҳиёна дар адабиёти яҳудӣ**

Тавре ки гуфта шуд, як силсила матнҳое дар адабиёти яҳудӣ мавҷуданд, ки ба Ишаъё 53 маънои масеҳиёна медиҳанд. Мо онҳоро меёбем, масалан, дар Талмуди Бобил, Синҳедриюн 98б, дар нақли Абкат Рокил аз китоби Пескита (соли 700-и баъд аз милод), дар мулоҳиза бар рӯи Ҳастӣ 1:3-и раббунӣ Мусои Ҳадаршан (асри 11), ва дар китоби Раббот (соли 300-и баъд аз милод дар порчаи алоқаманд ба Рут 2:12. Алшеши раббунӣ (асри 16) дар бораи Ишаъё 53 гуфтааст: “Раббуниҳои пири мо, мувофиқи шаҳодати анъана қабул кардаанд, ки ин ҷо сухан дар бораи Подшоҳ Масеҳ меравад. Мо дар фикри Довуд онҳоро пайравӣ мекунем, яъне ки Масеҳ бе ягон шакк мавзӯи ин пешгӯӣ мебошад”[34].

Дар Мидроҳ Танкумо (асри 9-ум?) порчаи: “Инак Хидматгори Ман ҳакимона рафтор хоҳад кард” чунин тафсир карда мешавад: “Подшоҳ Масеҳ бузург аст, бархоста, баланд бардошта шуда, олитар аз Иброҳим, болотар аз Мусо, фавқтар аз фариштагон, ки хидматгор мебошанд”[35].

Таргуми Йӯнотон Бен Уззиёл[19] парафрази* арамии анбиёст, ки анъанаашон ба асри пеш аз Масеҳ (!) мебароянд, ҳатто унвони Масеҳро ба ибораи зерин илова мекунад: "Инак Хидматгори Ман ҳакимона рафтор хоҳад кард"![36] Ин гуна мисолҳоро бисёр овардан мумкин буд; аммо мо бештар мехоҳем ба мавзӯи худ идома диҳем ва аз худ пурсем, ки ин пешгӯиҳо, ки дар қисми зиёди худ дар "замони пайғамбарӣ" навишта шудаанд, дар шахсияти таърихии Исои Носирӣ иҷро шудаанд.

**Баъзе шарҳҳо бар матни Ишаъё 52 ва 53**

Ишаъё 52:13: "*Инак, бандаи Ман комёб хоҳад гардид, олиқадр ва болодаст ва ниҳоятдараҷа баланд хоҳад шуд*".

Тантанаи Масеҳ пеш аз баёни азобҳои бузурги Масеҳ намоиш дода шудааст. Масеҳ бархеста (аз қабр: Аъмол 2:24), боло бардошта шуда (баъд аз суудаш: Аъмол 1:9) ва дар ҷои олӣ ҷойгир хоҳад шуд (ба дасти рости Худо, бар тахт: Марқӯс 16:19).

Ишаъё 52:14: "*Чунон ки бисёр касон аз Ту дар ҳайрат монда буданд, - зеро ки намуди Ӯ аз ҳар шахс, ва симои Ӯ аз банӣ одам бештар маиб шуда буд!*".

Дар ин ҷо сухан дар бораи Масеҳи аз ҷониби одамон ноҳақ ҳукмшуда меравад: бадани Худованд Исо пора гардида, пушти Ӯ хуни зиёд медод, вақте ки Пилотус фармуд, то Ӯ (бо тасмаҳои чармие, ки шояд бар нӯгҳояшон порчаҳои охани тез, сангҳо ё чангҳо сахт карда шудаанд) тозиёна зада шавад (Юҳанно 19:1). Бар сараш тоҷи хорро ниҳоданд, тавре ки аз мӯйҳояш бар рӯяш хун ҷорӣ мешуд (Юҳанно 19:2).

Ишаъё 52:15: "*Ончунон Ӯ халқҳои зиёдро дар ҳайрат хоҳад андохт; подшоҳон пеши Ӯ даҳони худро хоҳанд баст, зеро он чиро, ки ба онҳо ҳикоят карда нашуда буд, хоҳанд дид, ва он чиро, ки нашнида буданд, хоҳанд фаҳмид*".

* ибораe, ки маънои ягон ибора ё калимаро бо шарҳу эзоҳ баён мекунад, мас., "шоҳи ҳайвонот" ба ҷои "шер" ва ғайра.

Он ҳақиқате ки Исо Масеҳ буда, бад ҳукм карда шуда буд, дертар берун аз марзҳои Исроил маълум шуда буд ва ин ҳодиса дар тамоми олам инъикоси бузург дошт (Румиён 15:18-21). Ҳатто подшоҳон дар ин бора шуниданд (Ағрипос: Аъмол 26: 27,28; қайсари (шоҳаншоҳи) Рум: Аъмол 25:11-12; ва ғайра).

Ишаъё 53:1: "*Кист, ки ба овозаи ба гӯши мо расида бовар карда бошад, ва кист, ки бозуи Худованд ба вай зоҳир гардида бошад?*".

Гарчи пайғом оиди Масеҳ ва азобҳои Ӯ дар тамоми олам паҳн шуда бошад ҳам, Ӯ бо бисёр нобоварӣ вохӯрд. Байни яҳудиён хеле кам бовар карданд (Юҳанно 12:37,38). Ва байни ғайрияҳудиён Инҷил бо мухолифати бисёр рӯ ба рӯ шуд (ва рӯ ба рӯ мешавад).

Ишаъё 53:2а: "*Ӯ мисли навдае ба ҳузури Худованд рӯидааст, ва мисли решае аз замини хушк*".

Ин оят дар бораи нумӯи Масеҳ аз хурдтаракӣ (калимаи ибрии "yonéq": "наврас" ба маънии дигар "ширхӯр"-ро дорад). Худованд Исо "пеши Ӯ" калон шуд, яъне дар мушоракати комил бо Худои Худ (Луқо 2:40-52). Ӯ ҳамчунин дар байни мардуми дилсахт, нобовар ва дорои дини мурда калон шуд. Ӯ ҳамчун "аз замини хушк" баромад.

Ишаъё 53:2 б, 3: "*Ӯро на симое буд, на ҷамоле, то ҳавас кунем, ки ба Ӯ назар андозем; ва на намуде буд, то муштоқи дидораш гардем. Ӯ манфур буд ва радди мардум, дардманд ва ранҷур, ва мисли касе ки аз вай рӯй мегардонанд; Ӯ манфур буд, ва мо Ӯро писанд намекардем.*".

Фикре ки яҳудиён дар бораи Масеҳ доштанд, ин буд, ки раҳонанда мебоист аз юғи румиён озод мекард. Барои ҳамин онҳо Худованд Исоро, ки дар сурати "хидматгори Худои Ҷовид" омада, фурӯтан буд, хор медиданд. Пеш аз ҳама сардорони халқ Ӯро рад карданд (калимаи ибрии "ishim" ба маънои махсус одамони баландмақом мебошад). Шумораи касоне ки ҷалоли Ӯро "*... ҷалоли шоистаи Писари ягонаи Падар...*" *(Юҳанно 1:14)* шинохтанд, камтар шуд.

Ишаъё 53:4а: “*Аммо Ӯ бемориҳои моро ба сар мебурд, ва ба дардҳои мо мубтало буд*”.

Дар давоми зиндагии Худ дар рӯи замин Худованд Исо бо азоби беморони сершумори Исроил аз таҳти дил ҳамдард буд, ва онро дар дили Худ мебардошт (Матто 8:16,17; Юҳанно 11:33-36). (Хотирнишон месозем, ки ояти мо на дар бораи қонуншиканиҳо ё ҷиноятҳо, балки дар бораи азоб ва дардҳо мегӯяд!)

Ишаъё 53, 4б то 6: “*Валекин мо гумон бурдем, ки Ӯро Худо зада, ба мусибат ва азиятҳо гирифтор кардааст. Ва ҳол он ки Ӯ аз ҷиноятҳои мо маҷрӯҳ, ва аз гуноҳҳои мо афсурдахотир шудааст; сазои осоиштагии мо бар Ӯст, ва ба воситаи ҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем. Ҳамаамон мисли гӯсфандон гумроҳ будем: ҳар яке ба роҳи худ мерафтем; ва Худованд гуноҳи ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд*”.

Душмание ки Масеҳ аз ҷониби румиён ва яҳудиён (он чи гуноҳашонро кам намекунад!) дучор мешуд, як чиз аст; аммо ин ҷо сухан дар бораи се соати торикиҳост, ки Худо дар ин муддат доварии гуноҳони тамоми касонеро ки тавба мекунанд, ба гуноҳонашон иқрор мешаванд ва ба қурбонии кафоратии Ҷолҷолто таваккал мекунанд, бар Ӯ гузошт (1Юҳанно 1:9; Румиён 3:23-36).

Ишаъё 53:7: “*Ӯ ситам кашид, вале гардан фуроворд, ва даҳони худро воз накард; мисли гӯсфанде ки барои забҳ бурда мешавад, ва мисли баррае ки назди пашмтарошонаш безабон аст, Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард*”.

Худованд Исо бе ин ки Худро ҳимоя кунад, Худро ба маҳкумият гузошт. Дар Матто 26:62 ва 27:12 то 14 мо иҷроиши ҳарф ба ҳарфи ин порчаи Ишаъёро мебинем.

Дар Паймони Куҳан ҳайвонҳоро барои гуноҳ ба қурбонӣ меоварданд; қобили қайд аст, ки дар ин порчаи Ишаъё аллакай дар он замон мефаҳмиданд, ки қурбониҳо фақат намунае аз ягона қурбонии Масеҳ буданд, ки аз гуноҳ бозхарид мекард!

Ишаъё 53:8: “*Ӯ аз банд ва аз доварӣ гирифта шуд, ва кист, ки бо насли Ӯ мубоҳиса намояд? Зеро ки Ӯ аз замини зиндаҳо қатъ карда шуд; барои гуноҳҳои қавми Ман ба Ӯ осеб расид*”.

Маҳкумшавии Худованд Исо натиҷаи доварии сохта ва комилан фасодӣ буд. Вақте ки сухан дар бораи доварие мерафт ки айбдоршавандаро ба марг мерасонд, шӯрои олии яҳудиён бо шоҳидоне ки ба фоидаи маҳкумшаванда шаҳодат медоданд, мулоқот мекард. Ҳимоятгарони Исо дар куҷо буданд? Аъзоёни шӯрои олӣ шитоб мекарданд, ки ин маҳкама зуд ба поён расад. Кӣ метавонад вайроншавии ин наслро шарҳ диҳад? Он Масеҳро ба қатл расонд! Аммо дар айни замон Ӯ барои тамоми халқи Исроил мурд (муқоиса кунед бо Матто 1:21; Юҳанно 11:50,51)!

Ишаъё 53:9: “*Ва қабри Ӯро бо шарирон таъин карданд, вале баъд аз мурданаш – бо сарватдоре гӯронидаанд, гарчанде ки Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш макре набуд*”.

Қабри шарирон дар водии Ҳинном, берун аз Уршалим, дар ҷое ки ахлотро (ифлосиҳоро) месӯзонданд, воқеъ буд. Аммо Худо нагузошт, ки бадани Масҳшудаи Ӯ ба ин вайроншавӣ дучор шавад. Ӯро дар қабри сарватдор Юсуфи Ҳаромотӣ (Матто 27:57-60) гузоштанд. Се шаҳодати ҳавворииён бегуноҳии Исоро тасдиқ мекунанд:

- Ӯ аз гуноҳ бехабар буд (Павлус дар 2Қӯринтиён 5:21).
- Ӯ гуноҳе накардааст (Петрус дар 1 Петрус 2:22).
- Дар Ӯ гуноҳе нест (Юҳанно дар 1Юҳанно 3:5).

Ишаъё 53:10: “*Валекин хости Худованд ин буд, ки Ӯро зарба зада, ба дардҳо гирифтор кунад; вақте ки Ӯ ҷони Худро кафорат намояд, насл дида умраш дароз хоҳад шуд, ва хости Худованд дар дасти Ӯ муяссар хоҳад гардид*”.

Дар тӯли се соати торикиҳо, вақте ки Худованд Исо бар салиб, зери бори хатоҳое ки Худ накардааст, қарор дошт, Худои пок ва одил мебоист Ӯро тарк мекард (Матто 27:46) ва Ӯро барои гуноҳкорон азоб медод. Аммо вақте ки Исо кори кафоратро анҷом дод, “Ӯ рӯзҳояшро дароз кард” ва Ӯро дар

рӯзи севум аз байни мурдагон бархезонд (Аъмол 1:3; 10:40,41; Румиён 6:9; Ваҳй 1:18; ва ғайра).

Ишаъё 53:11: "*Ӯ аз заҳмати ҷони Худ самар дида, қонеъ хоҳад шуд; Бандаи Одили Ман бо дониши Худ мардуми бисёрро сафед хоҳад кард, ва гуноҳҳои онҳоро ба дӯши Худ хоҳад бардошт*".

Кори кафоратии Ӯ оқибатнок буд: одамон аз хатоҳояшон озод шуданд; инҳо "самари заҳмати ҷони Ӯ" шуданд. Ба воситаи Ӯ тамоми касоне ки бовар доранд, пеши Худо сафед карда шуданд (Румиён 3:26).

Ишаъё 53:12: "*Бинобар ин Ман ба Ӯ дар миёни бузургон ҳиссае хоҳам дод, ва Ӯ ғаниматро бо зӯроварон тақсим хоҳад кард, дар ивази он ки ҷони Худро ба марг таслим намуд, ва аз ҷинояткорон шумурда шуд, ва гуноҳи мардуми бисёреро бар Худ бор кард, ва барои ҷинояткорон шафоат намуд*".

Худованд Исо бо хости Худ зиндагиашро дод (Ӯ онро ба марг супурд; Юҳанно 10:17,18) ва Ӯ аз қонуншиканон (ба забони ибрӣ: posh'im = ҷинояткорон, исёнгарон) ҳисоб карда шуд (Луқо 23:33); барои ҳамин дар оянда Худо мукофоти Ӯро медиҳад, подшоҳии масеҳиёнаро, ки "ғанимат"-и Ӯ мебошад (нигаред ба Ваҳй 20:6); бақияи бовафои Исроил (боқувватон) дар он ҷо бо Ӯ ҳамқисмат хоҳанд шуд. Ба рӯи салиб Худованд Исо барои касоне ки лоиқ набуданд, шафоат мекард (Луқо 23:24). Ӯ гуноҳи бисёриро бардошт, аммо на аз ҳамаро (муқоиса кунед бо Ибриён 9:28; Марқӯс 10:45). Он ки хатоҳояшро пеши Худо эътироф накунад ва Ӯро барои қурбонии Исо, Масҳшудаи Ӯ, шукр нагузорад, худаш доварии абадии Худоро мебардорад (Матто 25:41,46). Аммо имрӯз ҳанӯз рӯзи файз аст; он ки ба назди Худованд Исо меояд, ҳанӯз наҷот ёфта метавонад (Матто 11:28-30)!

# 4. Растохез

Растохези Масеҳ низ дар Паймони Куҳан эълон шуда буд. Дар Забур 15 оятҳои 8 то 11 Худи Масеҳ мегӯяд:

"*Ҳамеша Худовандро пеши назари худ мебинам, зеро ки Ӯ ба ямини ман аст; фурӯ нахоҳам ғалтид. Ба ин сабаб дилам шод шуд, ва рӯҳам ба ваҷд омад; ҷисмам низ дар осудагӣ сокин хоҳад шуд; зеро ки Ту ҷони маро дар дӯзах нахоҳӣ андохт; нахоҳӣ гузошт, ки Қуддуси Ту фанoро бубинад. Тариқи ҳаётро ба ман биомӯз: камоли шодиҳо ба ҳузури Туст, ва хушиҳо ба ямини Туст то абад*".

Ғайримумкин аст, ки ин порча ба Довуд, муаллифи ин тарона робита дошта бошад, чунки ӯ беш аз ҳазор сол пеш аз ин ки Масеҳ бар замин омад, мурд, ва оқибат ӯ "вайроншавиро дид". Дар соли 32-и баъд аз милод ҳанӯз мақбараи ӯро дар Уршалим зиёрат кардан мумкин буд (муқоиса кунед бо Аъмол 2:29)! Дар бораи Худованд Исо бошад мо шаҳодатҳои хеле равшани ҳақиқати зинда шудани Ӯро баъд аз маргаш дорем ва "Ӯ вайроншавиро надид" (нигаред ба Матто 28; Марқус 16; Луқо 24; Юҳанно 20 ва 21).

**Беш аз панҷсад шоҳидони зинда**

Растохез беш аз панҷсад шоҳид дошт (1Қӯринтиён 15:3 то 9). Номумкин аст, ки тамоми ин мардумро дурӯғгӯ ҳисоб кунем: набудани ростӣ бо таълими Паймони Навин, ки ин 500 нафар ба он сахт дода шуда буданд, мухолиф аст. Ба ғайр аз ин бисёре аз байнашон ба қатл расонда шуданд!

**Бе растохез масеҳият номумкин аст**

Ҳақиқати зерин аҳамият дорад: баъд аз соли 57-и баъд аз милод Павлуси фириста дар нома ба ҷамоати Қӯринт навишта буд, ки дилпурӣ аз бовари масеҳӣ бар растохези Худованд Исо асос меёбад. Яъне, агар растохез воқеияти таърихӣ набошад, имони (бовари) масеҳӣ сабаби вуҷуд доштан надорад. Инак матни 1Қӯринтиён 15:16 то 19:

"*Зеро, агар мурдагон эҳё нашаванд, Масеҳ низ эҳё нашудааст; ва агар Масеҳ эҳё нашуда бошад, имони (бовари) шумо бар абас аст: шумо ҳанӯз дар гуноҳҳои худ мебошед;*

*бинобар ин онҳое ҳам, ки дар Масеҳ мурдаанд, нобуд шуданд. Ва агар мо фақат дар ҳамин ҳаёт ба Масеҳ умед мебаста бошем, мо аз ҳамаи одамон бадбахттарем*".

Агар шоҳидон дӯруғгӯ мебуданд, чӣ тавр инҳо пайғоми худро бар дӯруғе асоснок мекарданд? Пас, растохез як *воқеияти раднашаванда аст.* Барои ҳамин Павлус дар ояти зерин менависад: "*Аммо акнун Масеҳ бархост аз миёни мурдагон, навбари касоне ки хуфтаанд*".

## Аҳамияти растохез

Аҳамияти аввалдарачаи аз мурдагон бархестани Масеҳ аз ин мебарояд: Худо Масеҳи Худро аз миёни мурдагон бархезонд, то ба ҳама собит кунад, ки Ӯ қурбонии кафоратии Масеҳро комилан қабул кард. Дар натичаи он Худо касеро, ки тамоми хатоҳояшро бе ниҳон кардани чизе пеши Ӯ кушояд, ва пурра бо бовар бар ин амал такя кунад, мехоҳад бахшад.

БОБИ ПАНҶ

# ОҚИБАТҲОИ РАД КАРДАНИ МАСЕҲ

Пас, Исроил чунин интихоб кард, ки Масеҳи худ, Худои Ҷовидони Паймони Куҳанро, ки инсон шуда буд, рад карда Ӯро ба марг супорад. Аз ин сабаб Худо аз ин халқ рӯй гардонда, онро ба ҷавру ситам, дағалӣ, ва бадкории халқҳои ғайр таслим кард. Баъд аз ин қисмати ин халқ сахт буд.

Дар Паймони Куҳан, боби 28-и Такрори шариат бо маҳинтарин ҷузъиёт он чиро, ки халқи Исроил дар сурати рад кардани Масеҳи худ аз сар хоҳад гузаронид, шарҳ медиҳад.

## 1. Фикрҳои умумӣ оиди китоби Такрори шариат

Он чи дар пеш аст, барои фаҳмидан осон мешавад, агар мо пешакӣ баъзе нуқтаҳои асосии китоби Такрори шариатро ба қайд гирем. Он аз ҳашт нуқта иборат аст. Мусо инҳоро дар кишвари Мӯоб, баъд аз чил соли мӯъҷизаҳои биёбон (асри 16-и пеш аз милод), чанде пеш аз ворид шудани халқи Исроил ба сарзамини ваъдашуда (Такрори шариат 1:1-5), ба забон ронд. Мусои қонунгузор талаботи илоҳиро бори дигар ба таври равшан ба халқи Исроил пешкаш кард. Ӯ ба халқ нишон дод, ки чӣ тавр Худо онро баракат медиҳад, *дар сурате ки ба овозаш гӯш диҳад*, ва низ таври рафтор бо халқро дар сурати беитоатияш.

Аз рӯи ҳақ аст, ки китоби Такрори шариатро “китоби итоат” биномем. Дар он беш аз понздаҳ бор калимаи пурмаъноии “shama” (шунидан, фармон бурдан) ва беш аз

панҷоҳ бор калимаи “shamar” (нигоҳ доштан, риоя кардан) истифода шудааст. Истилоҳи “zakhar” (нигоҳ доштани ёддошт, ба хотир овардан) низ хоси ҳамин китоб аст. Мусо фармуд, ки ин китоби шариатро ба таври махсус нигоҳ доранд, яъне дар паҳлӯи сандуқи Аҳди Худованд, то *дар он шаҳодате бар хилофи Исроил* бошад (Такрори шариат 31:24-27). Ин китоб ҳамчунин бо он ҳақиқат фарқ мекунад, ки ҳар ҳафт сол мебоист дар пеши тамоми халқи Исроил, дар ҳузури мардон, занон, кӯдакон(!) ва низ аҷнабиён хонда мешуд (Такрори шариат 31:9-13).

Қайд кардан муҳим аст, ки қариб дар мобайни ин китоб мавзӯи бузургтарини тамоми пешгӯиҳо, Худи Масеҳро, дорад. Дар боби 18, оятҳои 17 то 19 Мусои пайғамбар ба халқи Исроил муроҷиат мекунад:

“*Худованд ба ман гуфт: Он чи онҳо гуфтанд, хуб аст. Набие, мисли ту, Ман барои онҳо аз миёни бародарони онҳо ба майдон хоҳам овард, ва суханони Худро ба даҳони Вай хоҳам гузошт, ва ҳар он чи ба Вай амр фармоям, ба онҳо хоҳад гуфт; ва касе ба суханони Ман, ки Вай ба исми Ман гӯяд, гӯш наандозад*[37]*, Ман ӯро танбеҳ хоҳам дод*”.

Пас, оё қобили тааҷҷуб аст, ки Худо дар ин китоб оқибатҳои рад кардани Масеҳро дақиқ шарҳ медиҳад?

## **Баракати ваъдашуда**

Дар боби 28 Худо бо даҳони Мусо *баракат* ва *лаънат*ро ба халқи Исроил пешниҳод мекунад.

Дар оятҳои 1 то 14 Мусо баракатеро, ки Худо бо он халқашро, дар сурате ки ба овозаш гӯш диҳанд, баракат додан мехоҳад, шарҳ медиҳад:

“*(1) Ва агар ту ба овози Худованд Худои худ бо диққат гӯш андозӣ, то ки тамоми аҳкоми Ӯро, ки имрӯз ман ба ту амр мефармоям, риоя намуда, ба амал оварӣ, он гоҳ Худованд Худоят туро ба ҳамаи халқҳои замин баланд хоҳанд гардонд, (2) ва ҳамаи баракатҳо ба ту хоҳад расид ва барои ту ба амал хоҳад омад, агар ту ба овози Худованд Худои худ гӯш андозӣ:*

*(3) Дар шаҳр бобаракат хоҳӣ буд ва дар саҳро ту бобаракат хоҳӣ буд. (4) Меваи батни ту ва ҳосили замини ту*

*ва самараи чорпоёни ту, зоиши говони ту ва афзоиши гӯсфандони ту бобаракот хоҳад буд. (5) Сабади ту ва корсони ту бобаракот хоҳад буд. (6) Ҳангоми даромадани худ ту бобаракот хоҳ буд ва ҳангоми баромадани худ ту бобаракот хоҳӣ буд.*

*(7) Худованд душманони туро, ки ба зидди ту қиём менамоянд, пеши ту маглуб хоҳад кард; бо як роҳ ба зидди ту хоҳанд омад, ва бо ҳафт роҳ аз пеши ту хоҳанд гурехт. (8) Худованд ба ту дар анборҳоят ва дар ҳар шугли дастат баракат хоҳад фиристод, ва туро дар замине ки Худованд ба ту медиҳад, бобаракот хоҳад кард. (9) Худованд туро барои Худ қавми муқаддас хоҳад гардонид, чунон ки ба ту қасам хӯрдааст, агар аҳкоми Худованд Худои худро риоя намуда, бо роҳҳои Ӯ равона шавӣ. (10) Ва ҳамаи қавмҳои замин хоҳанд дид, ки исми Худованд бар ту хонда шудааст, ва аз ту хоҳанд тарсид.*

*(11) Ва Худованд ба ту дар меваи батнат, ва дар самараи чорпоёнат, ва дар ҳосили заминат, дар замине ки Худованд ба падаронат қасам хӯрдааст, ки ба ту бидиҳад, фаровонии зиёде хоҳад бахшид. (12) Худованд барои ту ганҷинаи некӯи Худ, яъне осмонро воз хоҳад кард, то ки борони замини туро дар сари вақт биборонад ва ба ҳар шугли дасти ту баракат диҳад, ва ту ба халқҳои бисёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз нахоҳӣ гирифт.*

*(13) Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ буд, на паст, - агар ту ба аҳкоми Худованд Худои худ, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, гӯш андозӣ, ва онҳоро риоя намуда, ба ҷо оварӣ, (14) ва аз ҳамаи суханоне ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям, ба тарафи рост ё чап майл накунӣ, то ки худоёни дигарро пайравӣ ва ибодат намоӣ.”*

Ин баракатҳои ваъдашуда ду дафъа дар таърихи халқи Исроил ба таври тамоман махсус амалӣ шуда буданд. Бори аввал дар рӯзҳои Еҳушаъ (қарнҳои 16-15-и пеш аз милод). Бар боби 21, оятҳои 43 то 45-и китоби Еҳушаъ гуфта шудааст: “*Ва Худованд ба Исроил тамоми заминеро, ки қасам хӯрда буд ба падаронашон бидиҳад, дод, ва онҳо онро ба тасарруфи худ даровларда, дар он сокин шуданд. Ва*

*Худованд ба онҳо аз ҳар тараф оромӣ дод, чунон ки ба падаронашон қасам хӯрда буд; ва касе аз ҳамаи душманонаш натавонист пеши онҳо истодагӣ кунад: ҳамаи душманони онҳоро Худованд ба дасташон супурд. Аз ҳамаи қавлу ваъдаҳое ки Худованд ба хонадони Исроил дода буд, сухане зоеъ нарафт: ҳамааш ба амал омад*".

Бори дуввум ин ваъда дар рӯзҳои подшоҳ Сулаймон (асри 10-и пеш аз милод) иҷро шуд. Мо дар 3Подшоҳон 8:54 то 56 меёбем: "*Ва чун Сулаймон гуфтани тамоми ин дуо ва истиғосаро назди Худованд ба анҷом расонд, аз пеши қурбонгоҳи Худованд, аз он ҳолате ки зону зада ва дастҳояшро сӯи осмон дароз карда буд, бархост; ва истода тамоми ҷамоати Исроилро бо овози баланд баракат дод ва гуфт: Муборак аст Худованд, ки ба қавми Худ Исроил, мувофиқи ҳар каломи Худ, оромӣ бахшидааст! Аз тамоми каломи неке ки Ӯ ба воситаи бандаи Худ Мусо гуфта буд, як сухан ҳам зоеъ нарафтааст*".

## Лаънат

Дар Такрори шариат 28, ояти 15 ва баъд аз он Худои Ҷовид лаънатеро ки бар халқаш хоҳад омад, дар сурате ки он ба овозаш гӯш надиҳад, нақл мекунад. Қисме аз ин оятҳо аллакай иҷро шудаанд: барои даҳ сибт дар солҳои баъд аз ин, ки подшоҳи Ашшур Шалманесар дар соли 722-и пеш аз милод онҳоро кӯчонид, ва барои ду сибти боқимонда Яҳудо ва Бинёмин аз соли 605-и пеш аз милод, соле ки дар он асораташон дар Бобил сар шуда буд.

Оятҳои 45 то 68-ро аз наздик имтиҳон менамоем. Мо исботи ин лаънатҳоро, ки дар натиҷаи рад кардани Масеҳ нуқта ба нуқта анҷом ёфтаанд, хоҳем ёфт.

## Такрори шариат 28:45 то 68

"*(45) Ва ҳамаи ин лаънатҳо бар ту хоҳад омад, ва туро таъқиб намуда, ба ту хоҳанд расид, то даме ки маҳв шавӣ, зеро ки ту ба овози Худованд Худои худ гӯш надодӣ, то ки аҳкому фароизи Ӯро, ки ба ту амр фармуда буд, риоя намоӣ; (46) ва онҳо бар ту ва бар насли ту то абад аломат ва ибрат хоҳанд буд. (47) Азбаски ту Худованд Худои худро бо шодӣ ва*

*дилхушӣ барои фаровонии ҳар чиз ибодат накардӣ, (48) бинобар ин ту ба душмани худ, ки Худованд вайро бар ту хоҳад фиристод, ба сабаби гуруснагӣ ва ташнагӣ ва бараҳнагӣ ва камии ҳар чиз хизмат хоҳӣ кард, дар сурате ки вай юғи оҳанин бар гардани ту хоҳад гузошт, то даме ки туро несту нобут кунад.*

*(49) Худованд аз дурдаст, аз ақсои замин халқеро, ки мисли уқоб мепарад, бар ту хоҳад овард, - халқе ки забонашро ту нахоҳӣ донист, (50) халқи рӯйнатане ки поси хотири пиронро нигоҳ намедорад, ва ба ҷавонон раҳм намекунад; (51) ва самараи чорпоёнат ва ҳосили заминатро хоҳад хӯрд, то даме ки хонавайрон шавӣ, ба тавре ки ғалла, шираи ангур, равғани зайтун, зоиши говонат ва афзоиши гӯсфандонатро барои ту боқӣ нахоҳад гузошт, то даме ки туро маҳв созад; (52) ва туро дар ҳамаи шаҳрҳоят муҳосира хоҳад кард, то даме ки деворҳои баланд ва мустаҳками туро, ки ба онҳо таваккал менамоӣ, дар тамоми заминат хароб кунад; ва туро дар тамоми шаҳрҳоят, дар тамоми заминат, ки онро Худованд Худоят ба ту медиҳад, муҳосира хоҳад кард.*

*(53) Ва ту меваи батни худро, яъне гӯшти писаронат ва духтаронатро, ки Худованд Худоят ба ту додааст, дар муҳосира ва тангие ки душманат бар ту оварад, хоҳӣ хӯрд. (54) Марди нозпарварде ки дар миёни ту ба айшу ишрат одат карда буд, чашмаш ба бародараш ва зани ҳамоғӯшаш ва бақияи фарзандонаш, ки боқӣ мемонад, бад хоҳад шуд, (55) Ба тавре ки вай ба ҳеҷ яке онҳо аз гӯшти фарзандони худ, ки мехӯрад, нахоҳад дод, зеро дар муҳосира ва тангие ки душманат дар ҳамаи шаҳрҳоят бар ту оварад, чизе барои вай боқӣ нахоҳад монд.*

*(56) Зани нозпарварде ки дар миёни ту ба айшу ишрат одат карда буд, ва ба сабаби айшу ишрат ва нозпарвардагӣ ҷуръат надошт кафи пояшро ба замин монад, чашмаш ба шавҳари ҳамоғӯшаш ва писараш ва духтараш бад хоҳад шуд, (57) ва низ ба ҳамроҳаке ки аз миёни пойҳояш берун меояд, ва ба писароне ки мезояд; зеро ки вай онҳоро, ба сабаби ҳар чиз, дар муҳосира ва тангие ки душманат дар шаҳрҳои ту бар ту оварад, ба таври пинҳонӣ хоҳад хӯрд. (58) Агар ҳамаи суханони ин шариатро, ки дар ин китоб навишта шудааст, риоя намуда*

*ба амал наоварӣ, ва аз ин исми арҷманд ва саҳмгин, яъне аз Худованд Худои худ натарсӣ, (59) Худованд ба ту ва ба насли ту зарбаҳои даҳшатангез хоҳад расонид, зарбаҳои азим ва давомдор, ва бемориҳои сахт ва давомдор; (60) ва ҳамаи дардҳои Мисрро, ки аз онҳо метарсидӣ, ба сари ту хоҳад овард, ва онҳо ба ту хоҳад часпид. (61) Низ ҳар бемориӣ ва зарбаеро, ки дар ин китоби шариат навишта шудааст, Худованд ба сари ту хоҳад овард, то даме ки маҳв шавӣ.*

*(62) Ва аз шумо шумораи каме боқӣ хоҳанд монд, ва ҳол он ки шумо мисли ситорагони осмон сершумор будед; зеро ки ту ба овози Худованд Худои худ гӯш надодӣ.*

*(63) Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки чӣ тавре ки Худованд шодикунон ба шумо эҳсон намуда, шуморо афзун гардонида буд, ҳамон тавр Худованд шодикунон шуморо несту нобуд хоҳад кард, ва шумо аз замине ки барои тасарруф кардани он ба он дохил мешавед, ронда хоҳед шуд.*

*(64) Ва Худованд туро дар миёни ҳамаи қавмҳо, аз як канори замин то канори дигари замин пароканда хоҳад кард; ва дар он ҷо ту худоёни дигарро, ки аз ҷӯб ва санг иборатанд, ва онҳоро ту ва падаронат намешинохтед, ибодат хоҳӣ кард. (65) Ва дар миёни он халқҳо ту фароғат нахоҳӣ ёфт, ва барои кафи поят оромӣ нахоҳад буд, ва дар он ҷо Худованд ба ту дили беқарор ва чашмони чор ва ҷони пурозор хоҳад дод. (66) Ва ҳаёти ту пеши назари ту ба мӯе овезон хоҳад буд, ва ту рӯзонаю шабона ҳаросон шуда, ба ҳаёти худ дилпурӣ нахоҳӣ дошт. (67) Субҳгоҳон хоҳӣ гуфт: "Кошки шом мебуд!", ва шомгоҳон хоҳӣ гӯфт: "Кошки субҳ мебуд!" – ба сабаби тарси дили худ, ки туро фаро хоҳад гирифт, ва ба сабаби рӯъёи чашмони худ, ки ту хоҳӣ дид.*

*(68) Ва туро Худованд дар киштиҳо бо роҳе ки дар бораи он гуфта будам: "дигар ҳаргиз нахоҳед дид", ба Миср хоҳад баргардонид; ва шумо дар он ҷо худро ба душманони худ барои ғуломӣ ва канизӣ хоҳед фурӯхт, вале харидоре нахоҳад буд".*

### Хулосаи қисмати Исроил баъд аз соли 70-уми баъд аз милод

Ояти 45 таърихи яҳудиёнро баъд аз соли 70-уми баъд аз милод хулоса мекунад:

“*Ва ҳамаи ин лаънатҳо бар ту хоҳад омад, ва туро таъқиб намуда, ба ту хоҳанд расид, то даме ки маҳв шавӣ, зеро ки ту ба овози Худованд Худои худ гӯш надодӣ, то ки аҳкому фароизи Ӯро, ки ба ту амр фармуда буд, риоя намоӣ*”.

## Омадани румиён

Ояти 49 эълон мекунад, ки миллате аз дурдаст хоҳад омад. Дар вақти муносиб Худо румиёнро фиристод, ки дар ҳақиқат аз дурдаст меомаданд. Онҳо Уршалимро муҳосира карда онро дар соли 70-уми баъд аз милод вайрон карданд. Солҳои оянда онҳо ҳатто тамоми Яҳудияро харобазор карданд.

## Уқоби легион*

Ҷолиб ба қайд аст, ки гуфта шудааст, ки ин халқ “ба монанди уқобе, ки парвоз мекунад”, хоҳад омад.

Таърихшинос Юсуф, ки шоҳиди зиндаи воқеаҳои соли 70-уми баъд аз милод буд, гардиши лашкари румиро ба сӯи Уршалим ин тавр баён мекунад:

“Дар ин баромади Титус ба қаламрави душман, қисмҳои шоҳона бо ҳамроҳии тамоми корпуси ёридиҳанда иқдомро сар мекарданд; дар паси инҳо пешоҳангон ва заминпаймоёни саҳроҳо; баъд борҳои соҳибмансабон. Баъд аз сарбозон ки ӯҳдадор ба назорати ин борҳо буданд, худи Титус бо сарбозони баргузида ва паҳлавонҳо; аз паси ӯ фавҷи аспсаворон. Аз паси инҳо мошинҳои ҳарбӣ меомаданд, ва дар пасашон минбарҳо бо сарбозони баргузида ва сардорони дастаҳо, ва аз пасашон *байрақҳои уқоб дар марказ*, бо карнайҳо; сипас қувваҳои асосии саф, дар шаш қатор”[38].

## Забони румиён

Порчаи мо дақиқ месозад, ки сухан дар бораи халқе бояд мерафт, ки яҳудиён забонашонро тамоман намефаҳманд. Румиён ба забони лотинӣ ҳарф мезаданд, ки ҳатто аз ҷумлаи забонҳои семитӣ набуд.

---

* легион: қисми ҳарбии румӣ.

## Миллате бо рӯи сахт

Ояти 50 ба мо ёд медиҳад, ки ин миллат соҳиби рӯи сахт (рӯйнатан) хоҳад буд. Таърихшинос Юсуф, дар асари худ ба номи "Ҷанги яҳудиён" (VI, 5.1) ин воқеаро чунин шарҳ медиҳад: "Ҳангоме ки маъбад дармегирифт, сарбозон ҳар чиро, ки меёфтанд, ғорат мекарданд ва ононеро ки ба дасташон меафтоданд, сар мебуриданд. Онҳо на ба синну сол раҳм мекардандү на муқаддасотро эҳтиром мекарданд. Кӯдакон, мӯйсафедон, мардуми оддӣ ё коҳинон бе кадом фарқият аз дами шамшер мегузаштанд. Ҷанг дар тамоми сатҳҳои ҷомеа вайронияшро мерасонд. Сарбозон ҳеҷ фарқияте байни касоне, ки раҳм мехостанд, ва ё худро муҳофизат мекарданд, намегузоштанд"[39].

## Гуруснагӣ

Ояти 51 баён мекунад, ки чӣ тавр ин миллат яҳудиёнро ба гуруснагӣ овард. Юсуф бо ин иборахо инро тасдиқ мекунад: "… бисёре аз тамоми кишвар ба иди фатирҳо омада буданд, вақте ки ҷанг онҳоро фаро гирифт. Чун маскани кофӣ барои ҷой додани ҳамаи инҳо набуд, вабо даргирифт, ва ба зудӣ аз пасаш гуруснагӣ омад"[40].

## Вазъияти муҳосира дар тамоми кишвар; истеҳкомҳо

Дар ояти 52 гуфта шудааст, ки ин миллат тамоми дарвозаҳои Исроилро муҳосира хоҳад кард, ва дар тамоми кишвар деворҳои баланду қавие ки яҳудиён ба инҳо таваккал мекарданд, чаппа хоҳанд шуд.

Юсуф вайроншавии деворҳои Уршалимро, баъд аз тасвир додани сурати дақиқи истеҳкомҳои боқуввати ин шаҳр, дар китоби V "Ҷанги Яҳудиён"-и худ, шарҳ медиҳад.

Дар китоби VI 9.4 ӯ менависад: "Румиён маҳаллаҳои берунии шаҳрро оташ зада, деворҳоро меғалтонанд"[41].

Таърихшинос Кассиюс Дион (асри 2-3-и баъд аз милод) шарҳ медиҳад, ки ҳангоми шӯриши яҳудиён таҳти сардории Бар Коҳба румиён нӯҳсаду ҳаштоду панҷ деҳа ва панҷоҳ истеҳкомро дар Исроил нобуд сохтанд. Ӯ инчунин шикастани деворҳои тамоми кишварро тасдиқ мекунад[42].

**Одамхӯрӣ**

Оятҳои 53 то 57 дар бораи одамхӯрӣ ҳамчун натиҷаи ин гуруснагӣ мегӯяд. Юсуф ин ҳақиқатро низ дар "Ҷанги яҳудиён"-аш VI, 3.4 тасдиқ мекунад.

**Эпидемияҳо**

Эпидемияҳое ки дар ояти 50 дар борааш баён мекунад, бо "Ҷанги яҳудиён" VI, 9.3 тасдиқ шуда, дақиқ месозад, ки ҳангоми муҳосираи Уршалим вабо рӯй дод.

**Бақияи хурде**

Ояти 62 пешгӯӣ мекунад, ки аз анбӯҳе ки буданд, танҳо теъдоди ками одамон боқӣ хоҳанд монд. Юсуфи таърихшинос нақл мекунад: "Теъдоди асирони ҷанг ба наваду ҳафт ҳазор баромада, муҳосираи Уршалим зиндагии як миллиону сад ҳазор одамро арзид"[43].

**Парокандашуда бар рӯи тамоми замин**

Оятҳои 63 то 64 эълон мекунанд, ки яҳудиён аз замини худ канда шуда, дар байни ҳамаи халқҳо пароканда хоҳанд шуд, "аз як канори замин то ба канори дигари замин". Маълум аст, ки баъд аз воқеаҳои соли 70-уми баъд аз милод яҳудиён воқеан бар рӯи тамоми замин пароканда шуда буданд[44].

Таърихшиносон низ иҷроиши ояти 68-ро тасдиқ мекунанд. Касоне ки аз ин ҷанги зидди яҳудиён зинда монданд, ба киштиҳо бор карда шуда, сӯи бозорҳои ғуломон дар Миср ронда шуданд. Аммо пешниҳод аз талабот дармегузашт, ғуломон ба зудӣ арзиши худро гум карданд[45].

**Нороҳатӣ; тарси доимӣ**

Оятҳои 65 то 67 таъкид мекунанд, ки яҳудиён дар миёни ин миллатҳо оромӣ нахоҳанд ёфт, ва дар тарси доимӣ зиндагӣ ба сар хоҳанд бурд. Басо воқеаҳо дар таърихи яҳудиён барои исботи ин ҳақиқат вуҷуд доранд. Дар китобе ба номи "ҳақиқатҳои Исроил", яҳудиён инчунин таърихи халқашонро баъд аз соли 70 шарҳ медиҳанд: "Ҳиссиёти

асосие ки яҳудиён дар миллатҳои хориҷии бисёр доштанд, беамниятӣ буд”[46].

**Иҷроиши Такрори шариат 28:65 то 67**

Инак рӯйхати баъзе воқеаҳои муҳим, ки иҷроиши Такрори шариат 28:65 то 67 мебошанд[47]:

| | |
|---|---|
| 70 баъд аз милод | Ҷанги яҳудиён; зиёда аз 1 000 000 кушташудагон |
| 115-117 | Яҳудиён аз Қиприс бадар ронда мешаванд |
| 132-135 | Шӯриш таҳти роҳбарии Бар Коҳба: 530 000 яҳудиён аз ҷониби қайсар Адриан кушта шуданд; ҳамчунин миқдоре аз сабаби натиҷаҳои ҷанг (гуруснагӣ, эпидемияҳо) мурданд. |
| 415 | 100 000 яҳудиёнро дар Александрия ғорат карда, ронданд |
| 499 | Таъқиботи бераҳмона дар Форс |
| 581 | Таъқиботи бераҳмона дар Бобил ва Форс |
| 632 | Ронда шудан аз Арабистон аз ҷониби мусулмонон |
| 640<br>721<br>873<br>930 | Ситам бар яҳудиён дар империяи Византия |
| 1015 | Дар Қоҳира 12 000 яҳудиён кушта шуданд |
| 1033 | Дар Фес (Мағриб) зиёда аз 6 000 яҳудиён кушта шуданд |
| 1096 | Дар вилояти атрофи дарёи Рейн (Германия) 12 000 яҳудиён ба қатл расонида шуданд |
| 1099 | Қатли оми яҳудиён дар Уршалим |
| 1146 | Ситам бар яҳудиён дар Испания |
| 1150 | Таъқиботи шадиди яҳудиён дар Тунис |
| 1232 | Қатли яҳудиён дар Марокаш ва таъқибот дар тамоми Мағриб |
| 1236 | 3 000 яҳудиён дар Фаронса кушта мешаванд |
| 1270 | Таъқиботи шадиди яҳудиён дар Тунис |

| | |
|---|---|
| 1290 | Бадарғаи яҳудиён аз Инглистон (беш аз 370 000 нафар) |
| 1298 | 100 000 яҳудиён дар кишварҳои фаронсавизабон ва дар Бавария ба қатл расонда шуданд |
| 1306 | Бадарғаи яҳудиён аз Фаронса |
| 1345-1360 | Бадарғаи яҳудиён аз Венгрия |
| 1348-1349 | Замони вабо, қатли оми 100 000 яҳудиён дар Аврупо |
| 1355 | Қатли оми 12 000 яҳудиён дар Толедо (Испания) аз ҷониби аҳолии араб |
| 1391 | Ситам бар яҳудиён дар Испания, дар шаҳри Палма 50 000 яҳудӣ кушта шуданд |
| 1420 | Нобудкунии ҷамоати яҳудӣ дар шаҳри Тулуза (Фаронса) |
| 1421 | Бадарғаи яҳудиён аз Австрия |
| 1492 | Бадарғаи 160 000 яҳудиён аз Испания |
| 1495 | Бадарғаи яҳудиён аз Литва |
| 1497 | Бадарғаи яҳудиён аз Сисилия, Сардиния ва аз Португалия |
| 1502 | Яҳудиёни Родос таъқиб шуда, бадар ронда шуда ва ба ғуломӣ бурда шуданд |
| 1541 | Бадарғаи яҳудиён аз подшоҳии Неапол |
| 1648-1656 | Марги 100 000 яҳудиён ҳангоми қатли оми Хмелники дар Лаҳистон |
| 1727<br>1747 | Яҳудиёни бадарғашуда аз Русия |
| 1785 | Таъқиботи хунии яҳудиён дар Либия |
| 1864 – 1880 | Дар Мағриб зиёд аз 500 яҳудиён кушта шуданд |
| 1871-1921 | Торумор дар шаҳрҳои русӣ |
| 1939-1945 | Қатли оми 6 000 000 яҳудиён аз тарафи фашистони олмонӣ ва ҳамкорони аврупоии онҳо |

Хулосаи даҳшатангез: Аз соли 70-уми милодӣ то ба имрӯз 13 000 000 яҳудиён ба қатл расонида шуданд.

Пешгӯиҳои ғайр ҳам қисмати яҳудиёнро баъд аз соли 70-уми баъд аз милод пешгӯӣ кардаанд. Масалан, дар Ирмиё 29:18 ва 19 мо мехонем:

"*Ва онҳоро бо шамшер, қаҳтӣ ва вабо таъқиб хоҳам намуд, ва онҳоро барои ҳамаи мамлакатҳои замин ба даҳшат, ва дар миёни ҳамаи халқҳое ки онҳоро ба он ҷо бадар рондаам, ба лаънат ва воҳима ва нанг табдил хоҳам дод, - чунки онҳо суханони Маро нашнидаанд, - мегӯяд Худованд, - вақте ки бандагони Худ – анбиёро назди онҳо фиристодам, - ҳар рӯз аз субҳидам фиристодам, вале шумо нашнидед, - мегӯяд Худованд*"[48].

Ирмиё 30:12 то 15 боз сабабҳои он чиро ки бо яҳудиён рӯй дод, дақиқ месозад. Инчунин дар Ишаъё, Ҳизқиёл, Дониёл, Ҳушаъ, Мико, ва Закарё мо пешгӯиҳои ба ин қисми таърихи яҳудӣ алоқамандро меёбем.

## 2. Кишвар биёбон мегардад

Аз кишвари Исроил, ки "шир ва асал дар он ҷорӣ буд" ва ки соле ду фасли боронӣ дошт, Худо мегӯяд:

"*Ва шуморо дар миёни халқҳо пароканда хоҳам намуд, ва аз пайи шумо шамшер хоҳам кашид ва замини шумо валангор, ва шаҳрҳои шумо хароб хоҳад шуд. Он гоҳ замин дар тамоми айёми харобияш, вақте ки шумо дар замини душманони худ бошед, аз шанбеҳои худ қаноат ҳосил хоҳад кард; он гоҳ замин оромӣ хоҳад ёфт, ва аз шанбеҳои худ қаноат ҳосил хоҳад кард,— Дар тамоми рӯзҳои харобии худ оромӣ хоҳад ёфт, он қадар оромӣ, ки дар шанбеҳои шумо, вақте ки дар он сокин будед, наёфта буд*" *(Ибодат 26:33-35).*

"*Ва Ман онҳоро дар миёни ҳамаи халқҳое ки намешинохтанд, пароканда кардам, ва ин замин баъд аз онҳо валангор шуд, ба тавре ки роҳгузаре дар он боқӣ намонд, ва онҳо замини дилпазирро ба биёбон табдил доданд*" *(Закарё 7:14).*

Порчаҳои зиёди ғайра ба ибораҳои дигар низ дорои ҳамин пайғоманд (муқоиса кунед бо Такрори шариат 11:16,17 дар робита бо борон; Ишаъё 6:11, 12:5,6; Ирмиё 3:2,3).

Омӯзиши таърих ба хубӣ тасдиқ мекунад, ки тамоми ин чизҳо ҳарф ба ҳарф иҷро шудаанд. Ҳангоми ду шӯриши ярокноки яҳудӣ (соли 70-ум, 132-135-и баъд аз милод) румиён кишварро сахт вайрон карданд[49]. Арабҳо зироатро дӯст намедоштанд ва бештар ба чорводорӣ машғул мешуданд. Дертар туркҳо бар Фаластин ҳукмрон шуданд. Ҳукуматдорони турк, ки худ дарахте намешинонданд, аз арабҳо барои дарахтон андоз меситонданд. Дар давоми империяи усмонӣ андоз чунон баланд бурда шуда буд, ки арабҳо аз пардохтани он дида буридани дарахтонро беҳтар медонистанд. Ҳамин тавр кишвари Исроил биёбон гардид[50].

Пас, равшан аст, ки баъд аз Паймони Куҳан яҳудиён зиёда аз 1600 сол огоҳ буданд, ки дар сурати гӯш накардани овози Худо ва, барои пурра гардондани беитоатӣ рад кардани Масеҳ, чӣ интизорашон буд. Онҳо мебоист ҳақиқати он чиро, ки дар Такрори шариат 28 ва дар тамоми порчаҳои дигари Паймони Куҳан омадааст, таҷриба мекарданд.

Худо халқи Худ, яҳудиёнро тарк карда онҳоро ба бераҳмӣ, бадмуомилагӣ ва қаҳру ғазаби халқҳои ғайр таслим кард. Тамоми ин миллатҳо мувофиқи *хости худашон* ва *таҳти ҷавобгарии худашон* (Корҳои онҳо *пешакӣ муайян нашуда*, балки *пешакӣ шинохта шуда* буданд) бо онҳо рафтор намуданд. Барои ҳамин Худо доварии махсусро барои ин халқҳо нигоҳ доштааст (масалан, нигаред ба Ирмиё 30:11; Юил 3:1-4)!

## 3. Исроил — намуна ва огоҳӣ барои тамоми одамон

Ин гуфтаҳо мебоист ҳар як хонандаи ғайрияҳудиро ба фикр мекашонд: Оё мо, ғайрияҳудиён, аз яҳудиён беҳтарем? Оё мо ҳам аз Масеҳ нафрат карда, Ӯро ба марг таслим намекардем?

Ҷавоб равшан аст: Мо беҳтар аз инҳо нестем ва албатта мо низ чунин рафтор мекардем!

Пас, чӣ фарқиятест байни яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ?

Ин бисёр осон аст: Худои Ҷовид исроилиёнро дар байни халқҳо интихоб кард, то онҳо халқи махсуси Ӯ бошанд (нигаред ба Такрори шариат 7). Ин халқ мебоист барои халқҳои ғайр як навъ "намуна", "мисоле" мебуд. Ба воситаи он Худо хост ба тамоми миллатҳо нишон диҳад, ки, агар гапи Ӯро нагиранд ё суханашро гӯш накунанд, бо онҳо чӣ рӯй хоҳад дод.

Дар Такрори шариат 28:46 Мусо навишт, ки довариҳо ва ҷазоҳо бар Исроил ҳамчун "аломат ва ибрат" (ба ибрӣ: "le'oth ulemopheth") хоҳанд гузашт. Ин ибора таҳтуллафзан чунин тарҷума шуда метавонад: "*огоҳӣ* ва *мисол*"[51]. Пас, қисмати сахти яҳудиён барои кӣ бояд ҳамчун огоҳӣ ва мисол хидмат кунад?

Худо Масеҳи Худро на танҳо барои халқи Исроил фиристод, балки *барои тамоми одамон* низ. Дар Ишаъёи набӣ Худо ба Масеҳ мегӯяд: "*Азбаски Ту бандаи Ман хоҳӣ буд, чизи саҳл аст, ки сибтҳои Яъқубро аз нав барқарор намоям ва бақияҳои Исроилро баргардонам, балки ҳамчунон Туро нури халқҳо хоҳам гардонид, то ки наҷоти Ман то ақсои замин бирасад*" *(49:6)*.

Пас, Худо ба *тамоми одамизод* Масеҳи Худро мебахшад! Инчунин ба ҳар кас шахсан савол дода мешавад: Оё мо тайёрем (ҳар кас барои худ) Худованд Исоро ҳамчун Раҳонанда қабул кунем? Мо пеши рӯи ҳамон интихоби ягонае аз ду қарор дорем, ки яҳудиён низ пеши рӯяш қарор доштанд! Худо ба мо низ *баракат* ва *лаънат*ро пешниҳод мекунад. Аммо диққат кунед, баракат ва лаънате *ки ба халқи Исроил ҳамчун намуна расида буданд*, *муваққатиянд*, дар ҳоле ки баракат ва лаънате ки ҳозир *ба ҳама халқҳо пешкаш шудаанд, ҷовидонӣ* мебошанд!

| **Баракат** | **Лаънат** |
|---|---|
| Хонаи Падар<br>Юҳанно 14:2 | Оташи дӯзах, ки дар он ҷо кирми онҳо намемирад<br>Марқӯс 9:48 |
| Никоҳи Барра<br>Ваҳй 19:7 | Азоби ҷовидонӣ<br>Матто 25:46 |
| Шодии абадӣ<br>Ишаъё 51:11 | Доварии ҷовидонӣ<br>Ибриён 6:2 |
| Наҷоти абадӣ<br>Ибриён 5:9 | Ҳалокати абадӣ<br>2Таслӯникиён 1:9 |
| Тасаллии абадӣ<br>2Таслӯникиён 2:16 | Оташи хомӯшнашаванда<br>Марқӯс 9:48 |
| Оромиши халқи Худо<br>Ибриён 4:9 | Маҳкумияти боварнакардагон<br>Марқӯс 16:16 |
| Мероси абадӣ<br>Ибриён 9:15 | Қисмати иблис ва тамоми касоне, ки номашон дар Дафтари ҳаёт нест<br>Ваҳй 20:15 |
| Ҳузури Худо<br>Ваҳй 21:3 | |
| Ҷалоли абадӣ<br>2Тимотиюс 2:10 | Марги дуввум<br>Ваҳй 20:14 |
| Дидани рӯи Худо<br>Ваҳй 22:4 | Гиряи абадӣ<br>Матто 13:42 |

Зиндагии ҷовидонӣ
Юҳанно 17:2,3

Парастиши абадии Худо
Ваҳй 7:11,12

Торикиҳои берун
Матто 22:13

Нанг ва хиҷолати ҷовидонӣ
Дониёл 12:2

“*Инак, ман имрӯз ба ту ҳаёт ва некӯӣ, ва мамот ва бадиро пешниҳод кардам ...ҳаётро ихтиёр намо, то ки ту бо насли худ зинда бимонӣ*” *(Такрори шариат 30:15,19)*[52].

# БОБИ ШАШ

# НИГОҲЕ БАР ОМАДАНИ ДУВВУМИ МАСЕҲ

## 1. Дубора барқароршавии давлати Исроил

Оё Худо халқи Худро барои доим рад кардааст? Не, албатта не (Румиён 11:1).

Мо дидем, ки пайғамбарон барои халқи Исроил пешгӯӣ карданд, ки баъд аз рад кардани Масеҳ бар рӯи тамоми замин пароканда мешаванд. Ҳамзамон пешгӯии онҳо шомили ваъда ҳам мебошад, ки Худо халқро аз нав ҷамъ карда, онро боз давлат мегардонад.

Баъзе ҳодисаҳои ҷанги соли 1914-1918 роҳи Фаластинро барои яҳудиён кушода сохтанд. Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ, бо таъқиботи дағалонаи яҳудиён ва лагерҳои консентратсионияш, хоҳиши чуқури бозгашт ба ватани худ Исроилро назди садҳо ҳазорон яҳудиён бедор кард.

Ирмиёи набӣ дар бораи "моҳигирон ва сайёдоне" мегӯяд, ки Худо барои кашидани тамоми яҳудиён аз миллатҳое ки дар байнашон пароканда шудаанд, истифода бурд, то онҳоро ба кишварашон баргардонад. Мо дар Ирмиё 16:14 то 16 мехонем:

"*Бинобар ин, инак айёме фаро мерасад, - мегӯяд Худованд, - ки дигар гуфта нахоҳад шуд: Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ Исроилро аз замини Миср берун овард, балки: Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ Исроилро аз замини шимолӣ ва аз ҳамаи заминҳое ки онҳоро ба он ҷо*

*бадар ронда буд, берун овард; зеро ки Ман онҳоро ба замине ки ба падаронашон дода будам, хоҳам баргардонид. Инак, Ман моҳигирони бисёрро хоҳам фиристод, - мегӯяд Худованд, - ва онҳоро шикор хоҳанд кард; ва пас аз он сайёдони бисёрро хоҳам фиристод, ва онҳоро аз болои ҳар кӯҳ ва аз болои ҳар теппа ва аз шикофҳои сахраҳо сайд хоҳанд кард*".

Ин "моҳигирон" оё моро ба фикр дар бораи сионистҳо намекашад, ки аз соли 1897 тамоми қувваташонро ба харҷ доданд, то ҳар шахси яҳудиро мӯътақид созанд, то ки ба сарзамини Исроил баргардад? Ва "сайёдон", ки аз пушти моҳигирон ба амал пардохтанд, моро ба фикр дар бораи Гитлер ва шахсони севвумдараҷааш мекашанд, ки яҳудиёнро ба теъдоди сершумор сӯи ватанашон гурезонд.

Дар шаби 14 ба 15-уми майи соли 1948 гурӯҳи чорсаднафараи сионистон* ҷамъ омаданд. Яке аз онон, Бен Гурион, бархост, то баёноти зеринро ба олами ҳайроншуда эълон намояд: "Ин ҷо давлати Исроил аст! Инро Бен Гурион, ки сарвазир аст, ба шумо мегӯяд. Дар тӯли ду ҳазор сол мо ин лаҳзаро интизор будем. Охиран хоҳиши мо амалӣ гашт. Замоне, ки соат расад, чизе ба Худо зиддият кардан наметавонад"[53].

Бори дигар пешгӯиҳо ҳарф ба ҳарф иҷро шуданд. Инак, баъзе мисолҳо:

"*Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман банӣ Исроилро аз миёни халқҳое ки онҳо наздашон рафтаанд, хоҳам гирифт, ва онҳоро аз ҳар ҷо ҷамъ хоҳам кард, ва онҳоро ба заминашон хоҳам овард*" *(Ҳизқиёл 37:21).*

"*Ва шуморо аз миёни халқҳо хоҳам гирифт, ва шуморо аз ҳамаи кишварҳо ҷамъ хоҳам кард, ва шуморо ба замини шумо хоҳам овард*" *(Ҳизқиёл 36:24).*

"*Гумшударо хоҳам ҷуст, ва рондашударо хоҳам баргардонид, ва шикастапойро тахтабанд хоҳам кард, ва касалро қувват хоҳам дод, ва фарбеҳу зӯроварро нест хоҳам кард; аз рӯи инсоф хоҳам чаронид*" *(Ҳизқиёл 34:16).*

---

* сионизм: равияи сиёсии яҳудиён, ки дар баъзе мамолики аврупоӣ дар охири асри XIX пайдо шуд ва мақсади он давлати яҳудиёнро барпо кардан буд.

Аммо ба Фаластин, ки биёбон гардид, кадом қисмат нигоҳ дошта шудааст?

Порчаҳои зиёд ба мо дар ин бора маълумот медиҳанд. Дар қатори онҳо Забур 106 аст, ки таърихи пурраи халқи Исроилро баъд аз баромаданашон аз Миср ва то омадани дуввуми Масеҳ[54] нақл мекунанд. Дар оятҳои 33 то 34 сухан дар бораи оқибатҳои соли 70-ум ва солҳои баъд аз он меравад. Аммо оятҳои 35 то 38 муддатеро баъд аз соли 1948 ба хотир меоваранд. Гуфта шудааст: "*Дарёҳоро ба биёбон табдил медиҳад, ва чашмаҳои обро ба ташназамин, замини ҳосилхезро ба шӯрзамин, аз боиси бадии сокинони он. Биёбонро ба кӯли об табдил медиҳад, ва замини хушкидаро ба чашмаҳои об. Ва гуруснагонро дар он ҷо ҷойгир мекунад, ва шаҳри маскун месозанд; Ва саҳроҳоро кишт мекунанд, ва токзорҳо мешинонанд, ва онҳо ҳосили фаровон меоваранд. Ва онҳоро баракат медиҳад, ва онҳо бағоят борвар мешаванд; ва чорпои онҳоро кам намекунад*".

Биёбон мебоист гулшукуфон мешуд! Дар ҳақиқат Фаластин давлате гардид, ки дар борааш гуфтан мумкин аст: "ширу асал дар он ҷорист". Зироаткорӣ хеле хуб ташкил шудааст. Маҳсулнокии киштзорҳои гандум, сабзавот, ситрусиҳо ва зайтун пайваста беҳтар мегардад. Дар тӯли якчанд даҳсолаҳо обу ҳавои Исроил хеле тааҷҷубовар тағйир хӯрд, ва боз аз нав метавон бар ду фасли борон таваккал кард.

## 2. Бунёди дубораи Исроил дар робита бо омадани дуввуми Масеҳ

Робитаи ин ҳама бо омадани дуввуми Масеҳ чӣ гуна аст? Порчаҳои Паймони Куҳан Масеҳи азобдидаро тасвир дода, эълон мекунанд, ки Ӯ рад шуда, *халқи Исроил дар натиҷаи ин бар рӯи тамоми замин пароканда хоҳад шуд*[55].

Аз тарафи дигар як силсила порчаҳои Паймони Куҳан дар бораи "Масеҳи пирӯзшуда" мегӯянд, ки *чанде пеш аз пайдо шудани ӯ Худо қисми халқи парокандашудаи яҳудро ба ваташон хоҳад баргардонид.*

Ин воқеиятҳо хеле равшан аз Ҳизқиёл 37 мебароянд. Оятҳои 12 то 14 дар бораи бозгашти яҳудиён аз тамоми миллатҳое мегӯяд, ки дар байнашон пароканда шуда буданд, ва мавзӯи оятҳои 24 то 28 "Масеҳи пирӯзшуда" ва подшоҳии Ӯ дар ҷалол аст. Ӯ дар он ҷо "Бандаи Ман Довуд" номида шудааст (Довуд = Маҳбуб; муқоиса кунед бо Эфсӯсиён 1:7).

Аксуламали яҳудиён[56] ҳангоми омадани дуввуми Масеҳ чӣ гуна хоҳад буд? Мо ҷавоби ин саволро дар бобҳои 12 ва 13-и Закарёи набӣ меёбем. Дар Закарё 12:10 ва 11 Масеҳи пирӯзшуда мегӯяд:

"*Ва бар хонадони Довуд ва бар сокинони Ерусалим рӯҳи марҳамат ва риққатро фурӯ хоҳам рехт, ва онҳо бар Ман, ки найза задаанд, назар хоҳанд дӯхт, ва мисли он ки барои писари ягона навҳа мекунанд, барои Ӯ навҳа хоҳанд кард, ва мисли он ки барои нахустзода мотам мегиранд, барои Ӯ мотам хоҳанд гирифт. Дар он рӯз навҳагарии азиме дар Ерусалим хоҳад шуд, монанди навҳагарии Ҳададримӯн, ки дар водии Маҷидӯн*[57] *шуда буд*".

Талмуди Бобил, Суккоҳи 52а, фарз мекунад ки ин порча дорои аҳамияти масеҳиёна мебошад!

Дар боби 13, ояти 6-и ҳамин пайғамбар мо саволеро, ки мардумон ба Масеҳи бозгашткарда медиҳанд, мехонем:

"*Ва ба Ӯ хоҳанд гуфт: Ин догҳои захм, ки дар миёни бозуҳои туст, чист? Ва ӯ ҷавоб хоҳад дод: Инҳо захмҳоест, ки дар хонаи дӯстдоронам хӯрдаам*" *(муқоиса кунед бо Юҳанно 20:24-29).*

Ибораи "хонаи дӯстдоронам" ба маънои хонаи Исроил аст.

Пас, мо возеҳ дидем, ки пешгӯии Навиштаи Пок дар гузашта ва то ба замонҳои мо ҳарф ба ҳарф иҷро шуд. Ва дар қисмати оянда он дар ҳоли иҷро шудан аст.

# ХОТИМА

Равшан аст, ки дар китоби хурд мавзӯи пешгӯиҳои масеҳиёна ҳаматарафа дида баромада нашудааст. Бо вуҷуди ин, мо умедвори онем, ки исбот карда тавонистем:

- ки Исои Носирӣ Масеҳи ваъдашудаи Паймони Куҳан мебошад,
- ки хушбахтии ҳар мавҷуди инсонӣ ба қабул кардан – ё қабул накардани Ӯ – шахсияти Худованд Исо чун Масеҳ ва Раҳонанда вобаста аст.

# ЭЗОҲҲО

1 A. Lamorte, *Israël – sein Land und sein Buch*, Beatenberg, 1970, саҳ. 28; Муқоиса кунед бо A. Lamorte, *Les découvertes archéologiques de la Mer Morte* – fantasie ou histoire? Bevaix, саҳ. 34.

2 John C. Trever, *Scrolls of Qumran Cave I* (The Great Isaiah Scroll), Jerusalem, 1972.

3 Frank Moore Cross, *Die antike Bibliothek von Qumran und die biblische Wissenschaft*, Neukirchen-Vluyn, 1967, саҳ. 154.

4 Frank Moore Cross, асари зикршуда, саҳ. 155

5 Frank Moore Cross, асари зикршуда, саҳ. 56

6 *The Septuagint Greek and English*, Bagster and Sons LTD, London, Introduction, саҳ. 1

7 *The Septuagint,* асари зикршуда*,* саҳ. 1. Муқоиса кунед: Юҳанно 10:34 бо Забур 81:6 ва 1Қӯринтиён 14:21 бо Ишаъё 28:11,12.

8 *TOB, Traduction œcuménique de la Bible,* нашрияи Cerf, Paris, 1975. Ба шумули китобҳои апокрифӣ. Муқаддимаи китоби Сирасид, саҳ. 2111.

9 Kurt Aland, *Kurzgefasste Liste der griechischen Handschriften des NT,* (I. Gesamtübersicht), Berlin, 1963; Kurt Aland, Barbara Aland, *Der Text des Neuen Testaments,* Stuttgart, 1982, саҳ. 87.

10 Низ муқоиса кунед бо W. Gitt, *Prophetie – Gottes Offenbarung in Raum und Zeit*, дар «factum» 1 / 2 - 1981.

11 Артаҳшасто дар ҳақиқат солҳои то 464 то 423-и пеш аз милод подшоҳӣ кардааст; ӯ дар феврали 464 бар тахт нишаст. Аммо подшоҳии ӯ аллакай дар июли 465, баъд аз куштори Куруш сар шуда буд. Аз кадом таърих Наҳемё ҳисоб мегирад? Чун амалдори форс, Наҳемё эҳтимолан подшоҳии сардорашро аз моҳи июли 465 мешуморад. Ҷузъи матни Навиштаи Пок инро нишон медиҳад. Мувофиқи он чи дар оятҳои аввали бобҳои 1 ва 2 Наҳемё мебинем, соли 20-уми подшоҳии Артаҳшасто на ба моҳи «кислев» (ноябр/декабр) дахл дорад, балки моҳи «нисон» (март/апрел) сар мешавад. Пас, Наҳемё ин подшоҳиро аз июли 465 санагузорӣ мекунад. Агар ӯ аз феврали 464 сар мекард, моҳи «нисон» на дар пеш, балки баъд аз моҳи «кислев» дар тӯли соли 20-уми подшоҳ меомад. Пас, мо метавонем таърихи Наҳемё 2:1-ро ба март/апрели соли 445-и пеш аз милод баробар кунем.

12 Муқоиса кунед бо Sir R. Anderson, *The coming Prince,* Grand Rapids, Michigan, 10-юм нашр, 1957, саҳ. 67-75.

13 Иқтибос аз рӯи Dale Rhoton, *La logique de la foi*, нашрияи Farel, 94122 Fontenay-sous-boi, нашри 3-юм, соли 1982, саҳ. 14.

14 Иқтибос аз рӯи Michael Green, *Es komme mir keiner mit Tatsachen,* нашри 2-юм. Neuhausen-Stuttgart, 1974, саҳ. 19.

15 Иқтибос аз рӯи Frederik F. Bruce, *Les documents du Nouveau Testament, peut-on s'y fier?*, нашрияи Farel, нашри 2-юм, 1987, саҳ. 143

16 Муқоиса кунед, масалан, бо *Le Talmud de Babylone*, Nazir 32b; Flavius Josèphe, OEuvres completes, Tome 6, *La guerre des Juifs (Ҷанги яҳудиён)*, Sociétés des études Juives, Paris 1932, Livres IV, 6.3 саҳ. 47/48 ва VI, 5.4; OEuvres completes, Tome 2, *Antiquités Judaïques,* Paris 1926, livres X, 11.7, саҳ. 353..

17 Иқтибос аз рӯи Abraham Meister, *Die Erfüllung der messianischen Verheissung des AT durch Jesus von Nazareth,* Dr. S. Külling, Chrischonarain 201, 4126 Bettingen, саҳ. 19.

18 *Talmud de Babylone*, Sanhédrin 98b.

19 Таргум (шакли ҷамъ "Таргумим"), ин гуна парафразаҳо ва тарҷумаҳои арамӣ қариб дар тамоми Паймони Куҳан ҳастанд. Дар натиҷаи асорати Бобилӣ забони арамӣ ҷои забони ибриро гирифта, забони миллӣ шуда буд. Пас лозим буд, ки ба хондани Паймони Куҳан, тарҷумаи матнро ба забони равон тарҷума кунанд. Аввалан, ин тарҷума ба таври даҳонӣ ва аз ёд амалӣ мегардид ва баъдтар ин анъанаҳои тарҷума дар Таргумим ба тарзи хаттӣ нигоҳ дошта шудаанд. Шарҳҳои инҳо ёрии муҳим аст барои омӯзиши фикри илоҳии яҳудӣ, ки то замони пеш аз масеҳият баромада метавонист. Таргумим Онкелос дар бораи Панҷоҳа, ва Йӯнотон Бен Уззиёл дар бораи пешгӯиҳо дар қатори қадимтаринҳо ва муҳимтаринҳо ба шумор меравaнд.

20 Дар робита бо халқи Исроил, "sheveth" низ дорои маънои зерин аст: Худо сибтеро, ки онро нигоҳ медорад, шоҳиди ҷавобгар пеши рӯи халқҳои ғайр меҳисобад.

21 Лозим аст нишон диҳем, ки Матто 1 дар ҳақиқат насабномаи Юсуфро ва Луқо 3 аз Марямро намоиш медиҳад: дар Матто 1:16 мо мехонем: "Ва Яъқуб Юсуф, шавҳари Марямро *ба дунё овард*". Аз ин мебарояд ки Яъқуб падари Юсуф буд.

22 Муқоиса кунед бо: *La guerre des Juifs*, I, 33. 7 op. cit.

23 Мисоли дағалии Арқелоус ба мо дар *La guerre des Juifs,* II, 33. 7 op. cit. мондааст.

24 Ин иқтибос ба матни тарҷумаи Ҳафтодаи Ишаъё 40:3 мувофиқ аст; муқоиса кунед бо Матто 3:3.

25 Муқоиса кунед, масалан, пешгӯиҳои ӯ дар бораи вайроншавии Уршалим (Луқо 19:41-44; ва 21:20-24). Ба шарофати пешгӯии Луқо 21:20-24 тамоми масеҳиён ҳангоми муҳосираи Уршалим дар соли 70-ум наҷот ёфта буданд. Мувофиқи нақли Юсуф Веспасиан баъд

аз муҳосира кардани шаҳр дар соли 68, ба сабаби сиёсати дарунӣ қӯшунҳояшро бароварда буд. Пас, масеҳиён ба фармони Худованд итоат карда, барои амнияти худ аз он ҷо гурехтанд. Муҳосираи асосӣ ва вайроншавии шаҳр фақат дертар рӯй доданд.

26 Талмуди Бобил, Санедрион 97б, ба ин оят тафсири масеҳиёна медиҳад.

27 Муқоиса кунед, масалан Benjamin Davidson, *The Analytical Hebrew and Chaldee Lexicon*, London, 1970

28 Pesiqta Rabbati, Pisqua 36, 161b дар бораи Ишаъё 60:1, 2 ва Pisqua 37,162b дар бораи Ишаъё 60:10.

29 Паймони Куҳан дар байни ҳайвоноти пок ва нопок фарқияти равшанеро мегузорад (муқоиса кунед бо Ибодат 11; Такрори шариат 14). Аз рӯи ин аз ҷумла сагон ҳайвоноти нопоканд. Пас, имкон дорад, ки ба таври маҷозӣ "сагон" ба мардуме, ки қисми халқи Худо (Исроил) нестанд, нисбат дода шудааст. Ба вуҷуди он ин ибора ба маънои ҳақорат, чунон ки дар дигар забонҳо мебинем, нест.

30 "маҷрӯҳ" калимаи мувофиқшуда аст. Тарҷумаи Ҳафтода инчунин калимаи ибриро мефаҳмад. "Ka'ari" дар ҷои "Ka'arim" инчунин метавонад ҳамчун ҳосилшудаи решаи «kvr» шарҳ дода шавад. Муқоиса кунед бо Benjamin Davidson, *The Analytical Hebrew and Chaldee Lexicon*, асари зикршуда саҳ. 45 (XXI,I, 1) ва саҳ. 367.

31 Иқтибосот аз рӯи Michael Green, асари зикршуда саҳ. 15.

32 ба ибрӣ: rosh; ба юнонӣ: kholê. Яъне сокиткунандаи дард.

33 Шикастани пойҳо мебоист маргро зудтар мекард.

34 Иқтибос аз рӯи Abraham Meister, асари зикршуда саҳ. 13.

35 Инчунин.

36 Ин анъанаи дертар аст, ки ба Масеҳ нисбат додани порчаҳоеро, ки дар бораи азобҳо мегӯянд, рад мекунад, ва ин амал таҷовуз бар матн мебошад. Нияти душманона асоси ин гуна тағйирот аст.

37 Муқоиса кунед бо иқтибос аз Ирмиё 29:18, болотар, дар параграфи ба унвони "Иҷроиши Такрори шариат 28:65 то 67".

38 Иқтибос аз рӯи Флавиюс Юсуф, *La guerre des Juifs* дар тарҷумаи André Pelletier, S. J. Société d'édition «Les Belles Lettres», Paris, китоби V. 47 ва 48, саҳ. 115.

39 Иқтибос аз рӯи Flavius Josèphe, асари зикршуда VI, 9.4. саҳ. 194.

40 Иқтибос аз рӯи Flavius Josèphe, асари зикршуда VI, 9.4. саҳ. 215.

41 Иқтибос аз рӯи Flavius Josèphe, асари зикршуда VI, 9.4. саҳ. 216.

42 Муқоиса кунед бо Thomas S. McCall/Zola Levitt, *Wird der dritte Tempel gebaut?* Wetzlar 1974, саҳ. 99.

43 Нигаред ба [41]

44 Муқоиса кунед бо, масалан, *Neues Lexikon*, Zurich, 1965, «Juden», саҳ. 1925.

45 Муқоиса кунед бо Flavius Josèphe, *La guerre des Juifs*, асари зикршуда VI, 9.2.

46 Гирифта шудааст аз: *Tatsachen über Israel*, хадамоти маълумоти вазорати корҳои хориҷӣ, Уршалим, 1974, саҳ. 32.

47 Гирифта шудааст аз: *Tatsachen über Israel*, асари зикршуда саҳ. 32; Ernst Aebi, *Geheimnis Israel*, Zurich 1961, Sulger Büel, *Der schwarze Tod*, «ethos» 3/91, p. 48-51, ва Fritz May, *Israel zwischen Blut und Tränen*, нашри 3-юм, Asslar 1990, саҳ. 289.

48 Муқоиса кунед бо иқтибос аз Такрори шариат 18:17 то 19 дар «Ишораҳои умумӣ», ки дар сари фасл воқеъ аст.

49 Муқоиса кунед бо Cecil Roth, *Geschichte der Juden*, нашри 2-юм, иловашуда, Teissebn, AR, 1964, саҳ. 66-70, 132-135.

50 Муқоиса кунед бо René Pache, *Le retour de Jésus Christ,* нашри 3-юм, Saint-Légier sur Vevey, саҳ. 266.

51 Муқоиса кунед бо Benjamin Davidson, *The Analytical*, асари зикршуда, ва ишорае дар робита бо Ишаъё 8:18 дар тарҷумаи Elberfeld.

52 Ин рӯйхат барои қисми зиёд аз китобчаи P.F. Kiene*, Welches ist Ihr Endziel?,* нашароти Beröa, кашида шудааст.

53 Иқтибосот аз рӯи Ernst Aebi, *Geheimnis Israel*, асари зикршуда саҳ. 23.

54 Муқоиса кунед бо W.J. Ouweneel, *Die Zukunft der Stadt des grossen Königs,* нашри 2-юм, Neustadt/Weinstrasse, 1978, дар бораи Забур 106.

55 Муқоиса кунед бо Ишаъё 8:13 то 15 ва порчаҳои ғайра.

56 Сухан дар бораи «бақия»-и яҳудиёне меравад, ки мунтазири Масеҳ мебошанд; муқоиса кунед бо Ишаъё 10:20 то 22; 28:5; Сафаниё 2:7 ва Закарё 8:5,11.

57 Муқоиса кунед бо 2Вақоеънома 35:22 ва давоми инҳо.

## МАТНИ ИШОРАҲО


*Biblia Hebraica Stuttgartensia,* нашри 4-ум, Stuttgart, 1990

*Novum Testamentum Graece,* Nestle-Aland, нашри 27-ум, Stuttgart, 1993.

*The Greek New Testament,* United Bible Societies, Fourth Revised Edition, Stuttgart, 1993.

*Septuaginta,* Alfred Rahlfs, Stuttgart, 1935

# Мундарича


**Муқаддима** 2

БОБИ ЯК
**ЛАҲЗАИ ОМАДАНИ МАСЕҲ**

1. Ҳафтаҳо дар пешгӯии Дониёл 9

2. “Шевет”-и Яҳудо 17

БОБИ ДУ
**РЕШАҲОИ МАСЕҲ**

1. Насабномаи Ӯ 19

2. Зодгоҳи Масеҳ 22

3. Исои Носирӣ 24

4. Аз Миср хондашуда 26

БОБИ СЕ
**ХИДМАТИ МАСЕҲ ДАР ҶОМЕА**

1. Қосид 27

2. Хидмати Масеҳ дар ҷомеа 29

3. Аксуламали халқи Исроил нисбати Масеҳи онҳо 34

4. Яҳудои Исқарют 36

БОБИ ЧОР
**МАҲКУМШАВӢ, ҚАТЛ ВА РАСТОХЕЗИ МАСЕҲ**


1. Маҳкумшавӣ 40

2. Таслиб 43

3. Баъзе мушоҳидаҳо аз Ишаъё 53 53

4. Растохез 60


БОБИ ПАНҶ
**ОҚИБАТҲОИ РАД КАРДАНИ МАСЕҲ**


1. Фикрҳои умумӣ оиди китоби Такрори шариат 62

2. Кишвар биёбон мегардад 73

3. Исроил — намуна ва огоҳӣ барои тамоми одамон 74


БОБИ ШАШ
**НИГОҲЕ БАР ОМАДАНИ ДУВВУМИ МАСЕҲ**


1. Дубора барқароршавии давлати Исроил 78

2. Бунёди дубораи Исроил дар робита бо омадани дуввуми Масеҳ 80

ХОТИМА 82

ЭЗОҲҲО 83

Ҳангоми хондани Паймони Куҳан тасаввуре дар бораи ёд кардани Раҳонандаи ояндае, яъне Масеҳ, пайдо мешавад. Ӯ масъалаи асосии одамизодро ҳал карда адолати доимиро барқарор мекунад. Ҳамон Раҳонандаи пешгӯишуда дар Навиштаҳои Тавроту Забур ба дараҷаи аниқтарин тасвир карда мешавад.

Сухан дар бораи зиёда аз 330 пешгӯии аниқ ва гуногун меравад. Дар ин нашр ба воситаи таърих исбот карда мешавад, ки ин пайғомҳо дар Исои Масеҳи Носирӣ калима ба калима амалӣ гардидаанд.

Инҷил ба мо дар ин далел ёрдам расонда, Исои Носириро Раҳонандаи ваъдашуда мешиносонад.

**DO NOT PRINT NOR DELETE – AUTOMATIC LIST NEED**

---

1 A. Lamorte, *Israël – sein Land und sein Buch*, Beatenberg, 1970, саҳ. 28; Муқоиса кунед бо A. Lamorte, *Les découvertes archéologiques de la Mer Morte* – fantasie ou histoire? Bevaix, саҳ. 34.

2 John C. Trever, *Scrolls of Qumran Cave I* (The Great Isaiah Scroll), Jérusalem, 1972.

3 Frank Moore Cross, *Die antike Bibliothek von Qumran und die biblische Wissenschaft*, Neukirchen-Vluyn, 1967, саҳ. 154.

4 Frank Moore Cross, асари зикршуда, саҳ. 155

5 Frank Moore Cross, асари зикршуда, саҳ. 56

6 *The Septuagint Greek and English*, Bagster and Sons LTD, London, Introduction, саҳ. 1

7 *The Septuagint,* асари зикршуда, саҳ. 1. Муқоиса кунед: Юҳанно 10:34 бо Забур 81:6 ва 1Қӯринтиён 14:21 бо Ишаъё 28:11,12.

8 *TOB, Traduction œcuménique de la Bible,* нашрияи Cerf, Paris, 1975. Ба шумули китобҳои апокрифӣ. Муқаддимаи китоби Сирасид, саҳ. 2111.

9 Kurt Aland, *Kurzgefasste Liste der griechischen Handschriften des NT,* (I. Gesamtübersicht), Berlin, 1963; Kurt Aland, Barbara Aland, *Der Text des Neuen Testaments,* Stuttgart, 1982, саҳ. 87.

10 Низ муқоиса кунед бо W. Gitt, *Prophetie – Gottes Offenbarung in Raum und Zeit*, дар «factum» 1 / 2 - 1981.

11 Артаҳшасто дар ҳақиқат солҳои то 464 то 423-и пеш аз милод подшоҳӣ мекард; ӯ дар феврали 464 бар тахт нишаст. Аммо подшоҳии ӯ аллакай дар июли 465, баъд аз куштори Куруш шурӯъ ба шикаст кард. Аз кадом таърих Наҳемё ҳисоб мегирад? Ба ҳайси амалдори форс, Наҳемё эҳтимолан подшоҳии сардорашро аз моҳи июли 465 мешуморад. Ҷузъи матни Навиштаи Пок инро нишон медиҳад. Мувофиқи он чи дар оятҳои аввали бобҳои 1 ва 2 Наҳемё, дар тӯли соли 20-ми подшоҳии Артаҳшасто, моҳи «Кислев» (ноябр/декабр), ки пеш аз моҳи «Нисон» (март/апрел) қарор дорад. Пас, Наҳемё ин подшоҳиро аз июли 465 таърих мезанад. Агар ӯ аз феврали 464 сар мекард, моҳи «Нисон» на дар пеш, балки баъд аз моҳи «Кислев» дар тӯли соли 20-уми подшоҳ меомад. Пас, мо

метавонем таърихи Наҳемё 2:1-ро ба март/апрели соли 445-и пеш аз милод баробар кунем.

12 Муқоиса кунед бо Sir R. Anderson, *The coming Prince*, Grand Rapids, Michigan, 10-юм нашр, 1957, саҳ. 67-75.

13 Иқтибос аз рӯи Dale Rhoton, *La logique de la foi*, нашрияи Farel, 94122 Fontenay-sous-boi, нашри 3-юм, соли 1982, саҳ. 14.

14 Иқтибос аз рӯи Michael Green, *Es komme mir keiner mit Tatsachen*, нашри 2-юм. Neuhausen-Stuttgart, 1974, саҳ. 19.

15 Иқтибос аз рӯи Frederik F. Bruce, *Les documents du Nouveau Testament, peut-on s'y fier?*, нашрияи Farel, нашри 2-юм, 1987, саҳ. 143

16 Муқоиса кунед, масалан, бо *Le Talmud de Babylone*, Nazir 32b; Flavius Josèphe, OEuvres completes, Tome 6, *La guerre des Juifs (Ҷанги яҳудиён)*, Sociétés des études Juives, Paris 1932, Livres IV, 6.3 саҳ. 47/48 ва VI, 5.4; OEuvres completes, Tome 2, *Antiquités Judaïques*, Paris 1926, livres X, 11.7, саҳ. 353..

17 Иқтибос аз рӯи Abraham Meister, *Die Erfüllung der messianischen Verheissung des AT durch Jesus von Nazareth*, Dr. S. Külling, Chrischonarain 201, 4126 Bettingen, саҳ. 19.

18 *Talmud de Babylone*, Sanhédrin 98b.

19 "Targum" (шакли ҷамъ "Targumim"), ин гуна онҳо парафразаҳо ва тарҷумаҳои арамӣ қариб дар тамоми Паймони Куҳан номида мешаванд. Дар натиҷаи хуруҷи Бобулистонӣ забони арамӣ ҷои забони ибриро гирифта забони миллӣ шуда буд. Пас лозим буд, ки ба қароати Паймони Куҳан, тарҷумаи матнро ба забони равон тарҷума кунанд. Аз ин баёноти даҳонӣ ва ногаҳонӣ ки анъана гардид ва охир шакли хаттияшро дар Targumim дарёфааст. Шарҳиёти инҳо ёрии муҳим аст барои омӯзиши фикри илоҳии яҳудӣ, ки то замони пешмасеҳӣ баромадан метавонист. Targumim-ҳои Онкелос дар бораи Панҷоҳа, ва Йӯнотон Бен Уззиёл дар бораи нубувватҳо дар қатори қадимтаринҳо ва муҳимтаринҳо ба шумор меравaнд.

20 Дар робита бо халқи Исроил, "sheveth" низ дорои маънои зерин аст: Худо сибтеро, ки Ӯро нигоҳ медорад, шоҳиди ҷавобгар пеши рӯи халқҳои ғайр меҳисобад.

21 Лозим аст нишон диҳем, ки Матто 1 дар ҳақиқат насабномаи Юсуфро ва Луқо 3 аз Марямро намоиш медиҳад: дар Матто 1:16 мо мехонем: "Ва Яъқуб Юсуф, шавҳари Марямро *ба дунё овард*". Аз ин мебарояд ки Яъқуб падари Юсуф буд.

22 Муқоиса кунед бо: *La guerre des Juifs*, I, 33. 7 op. cit.

23 Мисоли дағалии Аркелоус ба мо дар *La guerre des Juifs,* II, 33. 7 op. cit. мондааст.

24 Ин иқтибос ба матни тарҷумаи Ҳафтодаи Ишаъё 40:3 мувофиқ аст; муқоиса кунед бо Матто 3:3.

25 Муқоиса кунед, масалан, нубувватҳои ӯ дар бораи вайроншавии Ӯршалим (Луқо 19:41-44; ва 21:20-24). Аз файзи нубуввати Луқо 21:20-24 тамоми масеҳиён ҳангоми муҳосираи Уршалим дар соли 70-ум наҷот ёфта буданд. Мувофиқи нақли Юсуф Веспасиан баъд аз муҳосира кардани шаҳр дар соли 68, ба сабаби сиёсати даруни қӯшунҳояшро бароварда буд. Пас, масеҳиён аз фармони Худованд итоат карда, барои амнияти худ аз он ҷо гурехтанд. Муҳосираи асосӣ ва вайроншавии шаҳр фақат дертар рӯй доданд.

26 Талмуди Бобул, Санедрион 97б, ба ин оят тафсири масеҳиёна медиҳад.

27 Муқоиса кунед, масалан Benjamin Davidson, *The Analytical Hebrew and Chaldee Lexicon*, London, 1970

28 Pesiqta Rabbati, Pisqua 36, 161b дар бораи Ишаъё 60:1, 2 ва Pisqua 37,162b дар бораи Ишаъё 60:10.

29 Паймони Куҳан дар байни ҳайвоноти пок ва нопок фарқияти равшанеро мегузорад (муқоиса кунед бо Ибодат 11; Такрори шариат 14). Аз рӯи ин аз ҷумла сагон ҳайвоноти нопоканд. Пас, имкон дорад, ки ба таври маҷозӣ “сагон” ба мардуме, ки қисми халқи Худо (Исроил) нестанд, нисбат дода шудааст. Ба вуҷуди он ин ибора ба маънои ҳақорат, чунон ки дар дигар забонҳо мебинем, нест.

30 “маҷрӯҳ” калимаи мувофиқшуда аст. Тарҷумаи Ҳафтода инчунин калимаи ибриро мефаҳмад. “Ka’ari” дар ҷои “Ka’arim” инчунин метавонад ҳамчун ҳосилшудаи решаи «kvr» шарҳ дода шавад. Муқоиса кунед бо Benjamin Davidson, *The Analytical Hebrew and Chaldee Lexicon*, асари зикршуда саҳ. 45 (XXI,I, 1) ва саҳ. 367.

31 Иқтибосот аз рӯи Michael Green, асари зикршуда саҳ. 15.

32 Яъне сокинкунандаи дард.

33 Муқоиса кунед бо ишорае дар Ишаъё 53:9 дар тарҷумаи олмонии Elberfeld.

34 Воқеаи шикастани пойҳо мебоист маргро зудтар мекард.

35 Иқтибос аз рӯи Abraham Meister, асари зикршуда саҳ. 13.

36 Инчунин.

37 Ин анъанаи дертар аст, ки ба Масеҳ нисбат додани порчаҳоеро, ки дар бораи азобҳо мегӯянд, рад мекунад, ва ин амал таҷовуз бар матн мебошад. Сабабҳои баҳсомез бар асоси ингуна тағйирот аст.

38 Муқоиса кунед бо иқтибос аз Ирмиё 29:18, болотар, дар параграфи ба унвони “Иҷроиши Такрори шариат 28:65 то 67”.

[39] Иқтибос аз рӯи Флавиюс Юсуф, *La guerre des Juifs* дар тарҷумаи André Pelletier, S. J. Société d'édition «Les Belles Lettres», Paris, китоби V. 47 ва 48, саҳ. 115.

[40] Иқтибос аз рӯи Flavius Josèphe, асари зикршуда VI, 9. 4. саҳ. 194.

[41] Иқтибос аз рӯи Flavius Josèphe, асари зикршуда VI, 9. 4. саҳ. 215.

[42] Иқтибос аз рӯи Flavius Josèphe, асари зикршуда VI, 9. 4. саҳ. 216.

[43] Муқоиса кунед бо Thomas S. McCall/Zola Levitt, *Wird der dritte Tempel gebaut?* Wetzlar 1974, саҳ. 99.

[44] Нигаред ба [42]

[45] Муқоиса кунед бо, масалан, *Neues Lexikon*, Zurich, 1965, «Juden», саҳ. 1925.

[46] Муқоиса кунед бо Flavius Josèphe, *La guerre des Juifs*, асари зикршуда VI, 9. 2.

[47] Гирифта шудааст аз: *Tatsachen über Israel*, хадамоти маълумоти вазорати корҳои хориҷӣ, Уршалим, 1974, саҳ. 32.

[48] Гирифта шудааст аз: *Tatsachen über Israel*, асари зикршуда саҳ. 32; Ernst Aebi, *Geheimnis Israel*, Zurich 1961, Sulger Büel, *Der schwarze Tod*, «ethos» 3/91, p. 48-51, ва Fritz May, *Israel zwischen Blut und Tränen*, нашри 3-юм, Asslar 1990, саҳ. 289.

[49] Муқоиса кунед бо иқтибос аз Такрори шариат 18:17 то 19 дар «Ишораҳои умумӣ», ки дар сари фасл воқеъ аст.

[50] Муқоиса кунед бо Cecil Roth, *Geschichte der Juden*, нашри 2-юм, иловашуда, Teissebn, AR, 1964, саҳ. 66-70, 132-135.

[51] Муқоиса кунед бо René Pache, *Le retour de Jésus Christ,* нашри 3-юм, Saint-Légier sur Vevey, саҳ. 266.

[52] Муқоиса кунед бо Benjamin Davidson, *The Analytical*, асари зикршуда, ва ишорае дар робита бо Ишаъё 8:18 дар тарҷумаи Elberfeld.

[53] Ин рӯйхат барои қисми зиёди ҳикояҳои P.F. Kiene, *Welches ist Ihr Endziel?,* нашароти Beröa, кашида шудааст.

[54] Иқтибосот аз рӯи Ernst Aebi, *Geheimnis Israel*, асари зикршуда саҳ. 23.

[55] Муқоиса кунед бо W.J. Ouweneel, *Die Zukunft der Stadt des groseen Königs,* нашри 2-юм, Neustadt/Weinstrasse, 1978, дар бораи Забур 106.

[56] Муқоиса кунед бо Ишаъё 8:13 то 15 ва порчаҳои ғайра.

[57] Сухан дар бораи «бақия»-и яҳудиёне меравад, ки мунтазири Масеҳ мебошанд; муқоиса кунед бо Ишаъё 10:20 то 22; 28:5; Сафаниё 2:7 ва Закарё 8:5,11.

[58] Муқоиса кунед бо 2Вақоеънома 35:22 ва давоми инҳо.

МАТНИ ИШОРАҲО

*Biblia Hebraica Stuttgartensia,* нашри 4-ум, Stuttgart, 1990

*Novum Testamentum Graece,* Nestle-Aland, нашри 27-ум, Stuttgart, 1993.

*The Greek New Testament,* United Bible Societies, Fourth Revised Edition, Stuttgart, 1993.

*Septuaginta,* Alfred Rahlfs, Stuttgart, 1935.

Порчаҳои Навиштаи Пок аз рӯи тарҷумаи Мордехай бен-Хиё Бачаев ба иқтибос оварда шудаанд.